**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ БИЗНЕС**
**ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

*ТКБ 63,3 (0) 5*
*ТДУ 947(575,3)*
*С 87*

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**СУЛТОНЗОДА БЕҲЗОД СУЛТОНӢ**

# ЛАШКАРДОРИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ЗАМОНИ ТОБЕИЯТИ ВАССАЛӢ БА РОССИЯИ ПОДШОҲӢ (СОЛҲОИ 60-УМИ АСРИ XIX-ИБТИДОИ АСРИ XX)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих**

**аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессор Ғаффорӣ Н. У.**

**Душанбе-2022**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА........................................................................................................ 3**

**БОБИ I. ВАЗЪИ СИЁСӢ ВА ҲАРБИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ДАВРАИ ИСТИЛО ВА ТОБЕИ РОССИЯ ГАРДИДАНИ ОН.................................... 22**

1.1 Истилои ҳудудҳои аморати Бухоро аз тарафи Россияи подшоҳӣ ва истиқрори тобеияти вассалӣ ба Россия (солҳои 1865-1868).......................... 22

1.2. Авзои сиёсӣ-ҳарбии аморат дар замони тобеияти вассалӣ баРоссияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX)................................. 54

**БОБИ II. ТАШКИЛИ ЛАШКАР ВА ХИДМАТИ ҲАРБӢ ДАР АМОРАТИ БУХОРО: ҲОЛАТ ВА ИДОРАИ ОН ........................................................... 76**

2.1. Ташкили лашкари муназзам ва таъминоти он ..................................... 76

2.2. Анъана ва навовариҳо дар таъминоти асбобу аслиҳаи ҷангӣ дар лашкари аморат..........................................................................................109

**БОБИ III. УНВОН, РУТБАҲОИ ҲАРБӢ ВА ТАЪМИНИ МОДДИИ САРБОЗОН ..................................................................................................123**

3.1. Идораи лашкари аморат: вазифа, унвонҳо, дараҷаи ҳарбӣ ва ухдадориҳои соҳибони он .........................................................................123

3.2. Қоидаҳои низоми ҳарбӣ ва таъминоти моддии лашкари аморат дар замони тобеияти вассалӣ..........................................................................143

**ХУЛОСА.............................................................................................................159**

**РӮЙХАТИ МАЪХАЗҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.................166**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот**. Таъсиси ҳар давлат дар ҳар замоне бо мавҷудияти лашкар иртиботи ногусастанӣ дорад. Лашкар, ҳамон тавре ки дар саҳифаҳои таърих мушаххас аст, яке аз сифатҳои азалии муайянкунандаи давлат, муҳимтарин бахши дастгоҳи идорӣ, мудофеъ ва пуштибони он аз хатарҳои дохилӣ ва хориҷӣ маҳсуб мешавад. Дар ҳар ҷомеаи табақотӣ лашкар як вижагии органикии давлат ва абзоре барои татбиқи сиёсати он аст. Дар дарозои таърих лашкари ҳар давлат дорои шаклҳои хоси созмондеҳӣ, равишҳои мудирият, таъминот ва усулҳои омӯзиши мушаххасе мебошад. Таҳқиқ ва омӯзиши ин рукни давлатдорӣ, яъне лашкар, усулҳои созмондиҳӣ ва мудирияти он дар давраҳои пасини феодалӣ дар аморати Бухоро аз аҳамияти муҳими илмӣ ва омӯзишӣ бархӯрдор аст.

Дар замони истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити хосе барои омӯзиши таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатҳои давраи пасини муносибатҳои феодалии Осиёи Миёна фароҳам омадааст. Бо дарназардошти зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи халқи тоҷик дар садаҳои миёна ва пасин мавзӯи лашкардорӣ, нақши лашкар дар умури сиёсӣ ва идории давлат ва мақоми он дар давлатҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XX аҳамияти хос пайдо мекунад. Аморати Бухоро яке аз се давлате буд, ки баъди пош хӯрдани давлати Аштархониён дар Осиёи Миёна ташкил шудааст. Баъди ба сари қудрат омадани сулолаи манғитиён дар Бухоро халқи тоҷик чун мардуми бумии ин давлат дар идораи ҳукумат, ҳаёти иқтисодӣ ва мадании он ширкати мустақим дошт.

Аморати Бухорои аҳди манғитиён мусалламан дорои низоми хоси давлатӣ ва лашкар буд. Ин мавзӯъ дар асарҳое, ки ба баррасии таърихи ин замон ихтисос ёфтаанд, то ҳадде матраҳ шудааст. Аммо то кунун ба тариқи маҷмӯӣ масъалаи лашкар, ҳайати он, рисолати ин лашкар ва мудирияти он дар аморати Бухорои ин давр таҳқиқи ҳамаҷониба нашудааст. Бо дарназардошти ин зарурат дар ин диссертатсия масоили ташкили артиши муназзам дар аморати Бухоро, анъанаи лашкардорӣ ва навовариҳо дар

мудирияти он, таъмини лашкар бо аслиҳаи ҷангӣ, идораи лашкари аморат, рутбаҳои ҳарбӣ ва уҳдадориҳои соҳибмансабони лашкари аморат дар замони тахти васояти Россия будани аморати Бухоро мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд, ки мубрам будани омӯзиши ин масъаларо равшан мекунанд.

Аморати Бухорои ин аҳд дар қиёс ба хонии Хива ва Хӯқанд то андозае кишвари дорои низоми собит буда, бо ҳамсоягон ва давлатҳои дури хориҷа муносибатҳои мухталифи дучониба дошт. Бо дарназардошти ин, дар ин замон дар умури лашкардории аморати Бухоро анъана ва навовариҳое мушоҳида мешаванд. Ин масъала ва дигар масоил, ки дар боло зикр шуд, боис гардид, ки дар ин диссертатсия таъсиси лашкар, умури лашкардорӣ ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти сиёсӣ ба Россияи подшоҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, ҳолат, идора ва анъанаҳои лашкардорӣ таҳлил карда шаванд.

Масъалаи унвон, дараҷаҳои ҳарбӣ ва ӯҳдадориҳои соҳибони он, таъмини моддии сарбозон тибқи анъана ва навовариҳо, ҳаёти моддӣ-маишии онҳо низ омӯзиши хоса ва умдаеро талаб мекунад. Доир ба ин масъала муаллиф бозҷусти илмӣ бурда, ба ҳалли бархе масъалаҳои лашкар ва таъмини моддии он дар аморати Бухоро алоҳида таваҷҷуҳ намудааст.

**Дараҷаи омӯзиши илмии мавзӯъ.** Доир ба мавзӯи лашкардории аморати Бухоро аз тарафи муаллифони маҳаллӣ, олимони рус ва хориҷ, сайёҳон ва мусофирони роҳ каму беш осори таҳқиқотӣ таълиф гардидаанд.

Омӯзиши тамоми маъхаз, адабиёти илмӣ, мақола ва бозҷустҳои марбут ба мавзӯи мавриди назарро ба чанд гурӯҳ тақсим карда омӯхтан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Осори таърихнигорони маҳаллӣ, ки дар замони худ фикр ва мулоҳизаҳои худро роҷеъ ба мавзӯи мавриди таҳлил иброз кардаанд[1].

[1] Мирза Бадиъ Диван. Мажмаъ ул-аркам. / Факсимиле рукописи. Введение, перевод и примечание А. Б. Вильдановой. – М.: Наука, 1981; Вильданова А. Б. Подлинник бухарского трактата о чинах и званиях. / Письменные памятники Востока. - Ежегодник 1968. – М., 1970; Семёнов А. А. Бухарский трактат о чинах и званиях и об обязанностях их носителей в средневековой Бухаре // Советское востоковедение. - Т. V. - 1948. - С. 137-153; Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ. Таърихи нофеӣ. – Душанбе, 1994; Муҳаммад Саййид Балжувоний. Тарих-и нофеий / Тожик тилидан таржима, сӯз боши ва изоҳлар муаллифлари Шодмон Воҳидов, Зоир Чориев. – Тошканд, 2001; Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. – Душанбе: Сарват, 1992;

2. Хотира ва ёддоштҳои олимону муҳаққиқони рус ва хориҷа дар замони забти Осиёи Миёна аз тарафи Россия ва дар даврони тобеияти аморати Бухоро ба Россия[1].

3. Осори олимон ва муҳаққиқони даврони Шӯравӣ.

4. Бозҷустҳои илмӣ ва пажӯҳишҳои олимон дар давраи баъд аз пош хӯрдани давлати Шӯравӣ, дар дохили кишвар ва берун аз он.

Гурӯҳбандии фавқуззикр ҷиҳатҳои хронологии таҳқиқотро фаро мегирад. Таърихнигории таърихи лашкар ва кори ҳарбӣ дар аморати Бухороро ба давраи то истилои кишвар аз ҷониби Россия, давраи задухӯрдҳои ҳарбӣ миёни ин ду кишвар, даврони протекторати Россия ва давраи истиқлоли Тоҷикистон тақсим кардан мумкин аст. Дар замони муосир дар кишвари Ӯзбекистон ҳам доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ асарҳо ва диссертатсияҳои илмӣ ба чоп расидаанд[2].

---

Ҳамин муаллиф. Путешествие из Бухары в Петербург. Избранное. – Душанбе: Таджикгосиздат, 1960; Мирза Абдулазим Сами. Тарихи салтанати манғитийа. (История мангитских государей) / Перевод и примечания Л. М. Епифановой. – М., 1962; Мирзо Салимбек. Кашкӯли Салимий. Таворихи муттақадимин ва муттаахирин / Форс – тожик тилидан Н. Йӯлдошев таржимаси. – Бухоро, 2003; Фитрат А. Ҳиндистонда бир фаранги ила бухоролик мударриснинг жадид мактаблари хусусида қилган мунозараси // Шарқ юлдузи. – 1997. - № 1; Фитрат А. Давраи ҳукмронии Амир Олимхон. – Душанбе, 1991; Айни С. Бухоро инқилобининг тарихи / Нашрга тайёрловчилар Шимада Шизуо, Шарифа Тошева. – Токио, 2010. – 236+33; Айни С. Материалы к истории Бухарской революции. – М., 1926; Айни С. Бухара. - Кн. 1-2. – Душанбе: Ирфон, 1981.

[1] Черкасов И. Защита Самарканда в 1868 году // Военный сборник. – 1870. - № 9; Лыко М. Очерк военных действий 1868 года в Зерявшанской долине // Военный сборник. – 1871. - № 5-8. - С. 29-30; Залесов Н. Г. Письмо из Бухары // Военный сборник. – 1860. - № 4; Вяткин В. Л. Раджаб-хан. Из истории Бухари XVIII в. // Туркистанские ведмости. – 1903. - № 35; Соболев Л. Новейшая история Бухарского ханства. // Туркестанские ведемости. – 1876. - № 28; Халфин Н. А. Британская экспансия в Средней Азии в 30-40 годах XIX в. и миссия Ричманда Шекспира // История СССР. – 1958. - № 2; Серебреников А. Г. Туркистанский край // Сборник материалов для истории и его завоевания. – Ташкент, 1912-1916; Логофет Д. Н. Страна безправия. Бухарское ханство и его современное состояние. – СПб., 1909; Бартольд В. В. История культурной жизни Туркестана. Сочинения. - Т. II. - Ч. 1. – М.: Наука, 1963; Ҳамин муаллиф. Двенадцать лекций по истории турецких народов Средней Азии // Сочинение. - Т. 5. – М., 1965.; Ҳамин муаллиф. К истории орошения Туркестана // Сельское хозяйство и лесоводство. – СПб., 1914; Ҳамин муаллиф. Мангыты // Сочинение. Т. 5. – М., 1965; Ҳамин муаллиф. О ханствах Хивинском и Бухарском // Туманович Н.Н. Описание архива академика В. В. Бартольда. – М., 1976; Ҳамин муаллиф. Хлопководство в Средней Азии с исторических времен до прихода русских // Сочинение. - Т. 2. - Ч. I. – М., 1963; Ҳамин муаллиф. Цермониал при дворе узбекских ханов в XVII в. // Сочинение. - Т. 2. - Ч. I. – М., 1963; Ҳамин муаллиф. История Туркестана // Сочинение. -Т. 2. - Ч. I. – М., 1963; Ҳамин муаллиф. История изучения Востока в Европе и России // Сочинение.- Т.9. – М.: Наука, 1977. – С. 197 – 482; Ҳамин муаллиф. История культурной жизни Туркестана // Сочинения. – М.: Наука, 1963. – Т. 2. - Ч. 1. – С. 169 – 433; Ҳамин муаллиф. Узбекские ханства // Сочинение. – Т. III. - Ч.1. – М., 1963. - С. 163-292; Маев Н. Очерки Бухарского ханства. – СПб., 1879.

[2] Ражабов Қ. Муҳаммад Раҳимхон-манғитлар сулоласи асосчиси // Бухоро мавжлари. – 2005. – 3 сон. – С. 36-37; Ҳамин муаллиф, Муҳаммад Дониёлби оталиқ: бийлик мансабидан амирлик рут-

Бояд қайд намуд, ки Россияи подшоҳӣ ҳанӯз қабл аз оғози забткориҳо бо ёрии ҷосусон, сафирон ва сайёҳону мусофирони алоҳида ба Осиёи Миёна, хосатан ба аморати Бухоро таваҷҷуҳ намуда маълумотҳои заруриро гирд меовард. Дар миёни маълумотҳои ҷуғрофию иқтисодӣ ва захираҳои моддии ин диёр инчунин, ахбори ҳарбӣ, ҳолат, салоҳият ва қудрати ҳарбии ҳар як хонигарӣ ҳам мавҷуд буданд.

Бархе аз муаллифон доир ба ҳолат ва салоҳияти ҳарбии давлатҳои Осиёи Миёна холисона баҳо дода, хотира ва мушоҳидаҳои худро дар матбуоти онвақтаи Россия ва Аврупо нашр ҳам мекарданд[1]. Ахбори ин нашрияҳо бо далелҳои мушаххас доштан ва воқеъбинона инъикос шуданашон барои олимони муосир ҳамчун манбаи муҳим хизмат карда метавонанд. Аз мазмуни ин маълумот бармеояд, ки Россия бо мақсади мустамлика намудани аморати Бухоро сиёсати истилогаронаи худро хеле барвақт оғоз намуда аз сайёҳону ҷосусони ба ин кишвар фиристодашуда ҳақиқати ҳолро талаб мекардааст[2].

Бо вуҷуди ин, олимони Россия соҳаи ҳарбии аморати Бухороро дақиқ, воқеӣ ва ҳаматарафа наомӯхтаанд. Лашкари аморат ва муносибати он бо

басигача // Бухоро мавжлари. – 2005. - 4 сон. – С. 26–27; Ҳамин муаллиф, Амир Шоҳмурод ё худ “амири маъсум”// Бухоро мавжлари. – 2006. – 1 сон. – С. 36–38; Ҳамин муаллиф, Амир Ҳайдар ё худ амири Саййид // Бухоро мавжлари. – 2006. - 2 сон. – С. 40- 42. Шукриллаев Ю.А. Бухоро амирлигида қўшин ва ҳарбий иш (1756 – 1920 йиллар): Тарих фанлари номзоди илмий даражасини олиш учун ёзилган диссертация. – Тошкент, 2006. –170 с.; Турсунов Б. Хўқанд хонлигида ҳарби иш ва қўшин: Ҳолати, бошқаруви, анъаналари. (XIX асрнинг 70 – йилларигача). Тарих фан. ном. дисс... – Ташкент, 2006.– С. 141; Заяц Николай. Бухарская Армия. 1917-1920. https://knigogid.ru/books/767403-buharskaya-armiya-1917-1920/toread/. Нормуродова Г. Б. Бухоро амирлиги ижтимоий қатламлари ва уларнинг ижтимоий-иқтисодий ҳаётдаги роли (1868-1920 йиллар) // Тарих фанлари бўйича докторлик (DSc) диссертацияси автореферати. – Тошкент: ЎЗ ФА ТИ, 2020. – 76 с.

[1] Волконский А. Бухарские войска // Разведчик. – 1894. - № 3; Фет Д. Н. Бухарская армия // Разведчик. – 1906. - № 831; Шаменский А. Бухарская армия // Разведчик. – 1898. - № 397; Глуховицкий А. Плен в Бухаре // Русский инвалид. – 1868. - № 97-100; Яковлев П. Русский капрал Тупчибоши у бухарского хана // Отечественные записки. – 1822. – Ч. II. - кн. XIX; Въезд в город Бухару Русской императорской Миссии в 1820 году // Сибирский вестник. – 1822. - № 19; Заметка о Бухарской и Коканской артиллерии // Русский инвалид. -1868. - № 40; Понкратов Г. Приготовление пороха бухарцами // Артиллерийский журнал. – 1870. - № 6; Крестовский В. В гостях у эмира Бухарского. - СПб.: Издание А.В. Суворина, 1887; Назаров Филипп. Записки о некоторых народах и землях средней части Азии // Русские путешественники в странах Востока. – М.: Наука, 1968. – 74 с.; Шубинский П.П. Очерки Бухары // Исторический вестник. - 1892. - Т. 49. - № 7. - С. 126.

[2]Бокиев О. Освещение истории таджиков и Таджикистана в трудах русских дореволюционных исследователей. – Душанбе: Дониш, 1991. – 168 с; Ҳамин муаллиф. Социально – экономическое положение Таджикистана в дореволюционной русской историографии. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 150 с.

аҳолии аморат дар аксари маврид хеле хурдагирона ва ғайривоқеӣ таҳқиқ шудааст[1].

Бояд тазаккур дод, ки қисми зиёди адабиёт ва сарчашмаҳои мавзӯи мазкур ва маводи бойгонӣ феҳрист шудаанд, ё дар доираи мавзӯи мавриди омӯзиш ба тартиб оварда шудаанд, ки ин ҳолат ба бозҷусти мавзӯъ каму беш мадад расонида, имконияти мувофиқро барои омӯзиш фароҳам меоварад.[2]

Маълум аст, ки низоми лашкар, стратегияи ҳарбӣ, тактикаи ҷанг ва мудофиа, унвон ва мансабҳои ҳарбӣ, вазифа ва ӯҳдадориҳои соҳиби он аз қарнҳои XIV-XV то замони ҳукмронии аморати Бухоро қариб бе тағйир монда, дар асоси қоида ва тартиботи муғулҳо ва мардуми кӯчӣ амалӣ мегашт[3].

Баъди ҷорӣ кардани вассалии Россия аз болои аморати Бухоро омӯзиши таърихи ин кишвар ба мақсади мустамлакадорӣ хеле авҷ гирифта, дар давраи мавҷудияти генерал-губернатории Туркистон (1867-1917) маводи заруриро доир ба мавзӯъ дар рӯзнома ва маҷаллаҳо ва нашрияҳои ҷамъиятҳои илмии рус пайдо кардан мумкин аст[4].

Мавзӯъ ва масъалаҳои ба таърихи ҳарбӣ ва таърихи санъати ҳарбӣ иртиботдошта диққати олимони зиёдро ба худ ҷалб карда буд[5]. Кори ҳарбӣ, вазъи лашкар, таъминоти он, дигар мавзӯъҳои марбут ба он дар иртибот ба

---

[1] Логофет Д. Н. Бухарское ханство под русским протекторатом. – СПб., 1911.
[2] Арапов Д. Бухарское ханство в русской востоковедческой историографии. – М., 1981; Епифанова Л. Рукописные источники по истории Средней Азии периода присоединения ее к России. – Ташкент, 1965; Курбонов Г., Шварц Ф. Каталог арабографических рукописей Бухарской областной библиотеки им. Абу Али ибн Сины. – Бухара, 1998.
[3] Арандаренко Г. Бухарские войска 1880 г. // Военный сборник. - 1881.
[4] Черкасов И. Защита Самарканда в 1868 году. // Военный сборник. – 1870. - № 9; Лыко М. Очерк военных действий 1868 года в Зерявшанской долине // Военный сборник. – 1871. - № 5-8; Залесов Н. Г. Письмо из Бухары // Военный сборник. – 1860. - № 4; Вяткин В. Л. Раджаб-хан. Из истории Бухары XVIII в. // Туркистанские ведмости. - 1903. - № 35; Соболев Л. Новейшая история Бухарского ханства. // Туркестанские ведемости. – 1876. - № 28; Серебреников А. Г. Туркистанский край / Сборник материалов для истории и его завоевания. – Ташкент, 1912-1916; Логофет Д. Н. Страна безправия. Бухарское ханство и его современное состояние. – СПб., 1909; Маев Н. Очерки Бухарского ханства. – СПб., 1879.
[5] Иванин М. И. О военном искусстве и завоеваниях монголо-татар и среднеазиатских народов при Чингис-хане и Тамерлане. – СПб., 1846; Его же, О военном искусстве и завоеваниях монголо-татар и среднеазиатских народов при Чингис-хане и Тамерлане. Военно-Ученым Комитетом Главного штаба. – СПб., 1875. – С. 252; Джордадзе И. И. История военного искусства Грузии. – Тбилиси, 1990. – С. 141-151; Росляков А. А. Военное искусство народов Средней Азии и Казахстана в VI-XV вв. // Ученые записки Туркменского Госуниверситета им. А. М. Горького. - Вып. 21. – Ашхабад, 1961. – С. 185- 244.

анъана ва навовариҳо дар аморати Бухоро дар мақола ва диссертатсияҳо, пажӯҳиш ва таълифоти олимон В.В. Бартолд, А. Семенов, С. Айнӣ, Ф. Хоҷаев, А. Ҳамроев, А. Муҳаммадҷонов ва Т. Неъматов, О. Сухарева, Б. Искандаров, Л. Шек, А. Маҷлисов, Н. Кисляков, А. Эшонов, Н. Халфин, Х. Бекмуҳаммедов, А. Бобохоҷаев, А. Фомченко, Б. Ғафуров, Б. Лунин, Т. Тӯхтаметов, А. Рябинский, М. Абдураҳимов, Т. Файзиев, О. Чехович, К. Муҳсинова, Л. Левтеева, Н. Норқулов, Г. Аҳмадҷонов, Д.Ю. Арапов, М. Вексельман, Г. Михалева, Ф. Қосимов, Ҳ. Зиёев ва дигарон дида мешавад[1].

Ташкили лашкари муназзам дар аморати Бухоро, кӯшишҳо барои татбиқи ин мақсад ва талқини илмии он дар адабиёти мавҷуда[2] ва осори муаллифони маҳаллӣ [3] хеле муфассал баён гардидааст.

Аз олимон ва муҳақиқони номбаршуда осори илмии академик В.В. Бартолдро алоҳида таъкид кардан бамаврид аст. Осори ин олими шинохта дар бораи вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании аморат дар давраи мавриди омӯзиш маълумоти аниқ ва ҳамаҷониба медиҳад[4].

Барои муҳаққиқони таърихи халқҳои Осиёи Миёна пӯшида нест, ки академик А. А.Семенов дар бораи таърихи аморат, сохти маъмурӣ ва маҳаллии он, алалхусус дар бораи лашкари аморати Бухоро, тарзи идораи он, унвон ва мансабҳои ҳарбӣ таҳқиқоти ҷолиби диққат дорад. Хулоса ва натиҷаҳои ин олим ба муаллифи диссертатсия имкон додааст, ки раванди асосии мавзӯи таҳқиқотии худро дар асоси андеша ва мулоҳизаҳои А.А. Семенов ба тартиб биёрад.

---

[1] Ба библиографияи рисола нигаред.
[2] Вяткин В. Л. Каршинской округ, организация в нем войска события в период 1215-1217 (1800-1803) годов // Известия Средне-Азиатского отдела государственного русского географического общества. - Т. 18. - 1928. – С. 9-26; Исмаилова Б. Бухарский эмират при эмире Хайдаре. – Худжанд, 2000. – С. 39-56; Троицкая А. Военное дело в Бухаре в первой половине XIX века (по материалам Государственной Публичной Библиотеки им. Е. М. Салтыкова – Щедрина) // Труды АН Тадж. ССР. Т. 17. – Душанбе, 1953. – С. 212-217.
[3] Норкулов Н. «Тарих-и Салими»- ценный источник по истории Бухарского эмирата. (1860-1920 гг.). – Ташкент, 1968.
[4] Муфассал нигаред: Арапов Д.Ю. Бухарское ханство в русской востоковедческой историографии. – М., 1981. – 128 с.; Ҳамин муаллиф. Некоторые вопросы истории Бухарского ханства в творчестве академика В.В. Бартольда // Вестник Московского Университета. - Сер. История. – 1978. – № 3. – С. 4-10.

Дар таърихнигории мавзӯъ, осор ва ёддоштҳои Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ низ мақоми хос дорад. Садриддин Айнӣ дар осори адабӣ ва илмии худ доир ба ин мавзӯъ маълумоти пурқимат додааст. Аз осори Садриддин Айнӣ дар бораи вазъи сиёсӣ, ҳолати лашкар ва идораи он, таъминоти моддӣ ва расонидани аслиҳа ахбори муфид ва заруриро гирифтан мумкин аст. Ин маълумот бо дарназардошти он ки аз тарафи шоҳид ва иштирокчии бевоситаи воқеоти он замона баён мегардад, хеле муҳим аст.

Муҳақиқони даврони Шӯравӣ ва муосир дар Россия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон таърихи аморатро дар давраҳои алоҳида дар иртибот бо таҳқиқи мавзӯъҳои мухталиф омӯхтаанд. Дар осори онҳо низ доир ба ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи мазкур маълумот дода шудааст.

Дар пажӯҳиши К. Ҳакимова[1] доир ба шӯришҳои деҳқонон ва амалиёти лашкари амир барои пахш кардани онҳо сухан меравад. Муҳаққиқ Л. Муҳаммадҷонова[2] бошад, дар таҳқиқоти илмии худ ошӯбҳои мардумии аморатро дар ибтидои асри XX таҳлил намудааст.

Таърихи ҳунармандӣ дар Бухорои даврони амирӣ, хусусан, касби чӯянрезӣ, тӯпрезӣ, аслиҳасозӣ дар таҳқиқоти этнографи бухороӣ Р. Қиличев хеле хуб инъикос ёфтааст[3].

Дар хонигариҳои Осиёи Миёна вазъи муштараки ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ мушоҳида шавад ҳам, бархе олимон дар таҳқиқоти худ ҷиҳатҳои хоси хонигариҳоро баррасӣ кардаанд.[4] Ин имкон медиҳад, ки мавзӯи мазкур бояд дар се хонигарӣ ва давлатҳои ҳамсоя (чун Афғонистон, Эрон, хонигарии қазоқ, Туркистони Шарқӣ ва ғ.) мавриди омӯзиши алоҳида қарор дода шавад.

---

[1] Ҳакимова К. З. Крестянство Бухарского эмирата в конце XIX начале XX в. – Ташкент: Фан, 1991.

[2] Муҳаммаджонова Л. XX асрнинг бошларида Бухорода ижтимоий-сиёсий вазият ва демократик ҳаракатлар ривожланиши (1908-1920). Тарих фан. ном.дисс… – Ташкент, 2000.

[3] Қиличев Р. Э. XIX асрнинг II ярми XX аср бошларида Бухоро шаҳрида ҳунармандчилик. Рисолаи номзадӣ... – Ташкент, 1996.

[4] Йӯлдошев М. Й. Хева хонлигида феодал ер эгалиги ва давлат тузилиши. – Ташкент: Фан, 1959; Набиев Р. Н. Из истории Кокандского ханства (Феодальное хозяйство Худаярхана). – Ташкент: Фан, 1973; Сабурова С. Хева хонлигида давлат бошқаруви. Тарих фан. ном.дисс... автореф. – Ташкент, 2002; Воҳидов Ш. Хӯқанд хонлиги ва Бухоро амирлигидаги унвон ва мансаблар. – Ташкент, 1996.

Дар диссертатсияи Б. Турсунов[1] кори ҳарбӣ дар хонигарии Хӯқанд мавриди таҳқиқи ҳарҷониба қарор гирифтааст. Ин муаррих ҷараёнҳои иҷтимоӣ ва сиёсии хонигарии Хӯқанд, низоми лашкар, унвон ва мансабҳои ҳарбӣ, вазифаҳои соҳибони он, мақоми истеҳкомҳои ҳарбӣ ва қалъаҳо, аслиҳаи лашкари хонӣ, қоидаҳо ва тартиби хизмати аскарӣ, ҳаёти моддӣ ва маишии сарбозон ва хизматчиёни ҳарбиро таҳлил кардааст.

Дар диссертатсияи номзадии Юнус Шукриллаев[2] вазъи лашкари аморат, таъминоти моддии он, унвонҳои ҳарбӣ ва баъзе аз масоил омӯхта шудааст. Аммо роҷеъ ба баъзе масъалаҳои марбут ба ҳолати низоми ҳарбӣ, сохтор ва идораи лашкар, анъана ва навовариҳо, идораи марказӣ ва маҳаллии артиш дар ин кор маълумоти умумӣ ба назар мерасад. Ю. Шукриллаев бори аввал мавзӯи мавриди таҳқиқро омӯхта, хулоса ва натиҷаҳои гирифтаашро дар диссертатсияи номзадиаш ҷамъбаст намудааст.

Дар асарҳои таълифнамудаи Ҳ. Зиёев, А. Аҳмадҷонов, К. Ҳакимова, Ф. Қосимов, Ш. Воҳидов[3], Қ. Раҷабов, Ф. Очилдиев, М. Ҳамидова, А. Одилов,

---

[1] Турсунов Б. Хӯқанд хонлигида ҳарбий иш ва қўшин: ҳолати, бошқаруви, анъаналари. (XIX асрнинг 70 – йилларигача.). Тарих фан. ном. Дисс... – Ташкент, 2006.

[2] Шукриллаев Ю.А. Бухоро амирлигида қўшин ва ҳарбий иш (1756 – 1920 йиллар). Тарих фанлари номзоди илмий дражасини олиш учун ёзилган диссертация. – Тошкент, 2006. –170 с.

[3]Vahidov Sh. Les particularites paleographques et cobicologues des fondsparticuliers de Ravnaqi et Faqiri (Shahrisabz, Ouzbekistan) // Manuscripta Orientalia -St-Peterburg, 2003/3.; Ҳамин муаллиф. Vahidov Sh. The histori of the Ishqiyya Brotherhoods Secred reliks. II: The Katta Langar (New Fragments) // Manuckripta Orintalia. -St Peterdurg. - 2002/1.; Vahidov Sh., Erkinov A. Le fihrist (catalogue) de la bibliotheque de Sadr-i Ziya: une image de la vie intellectuelle dans le Mavarannahr (fin XIXe – deb. XXe s. In: A. Muminov, F. Richard et M. Szuppe (éds.), Patrimoine manuscrit et vie intellectuelle de l'Asie centrale islamique, [*Cahiers d'Asie Centrale* 7], IFEAC - Édisud, Tachkent - Aix-en-Provence, 1999. – С. 141-173; Ҳамин муаллиф. «Тарихи Нофеи» - важныйи сточкник по истории Бухары начала XXвека // Общественные науки в Узбекистане. -1998. - № 9-11. – С. 58-64; Ҳамин муаллиф. Амир Насруллоҳнинг Қўқон хонлигига 1842 йилги юриши ҳақида (сабаб, баҳона ва оқибатлари) // Фарғона водийси тарихи янги тадқиқотларда. – Фарғона, 2009. – С. 174-183; Ҳамин муаллиф. Бухоро амирлиги ва Қўқон хонлигида мансаблар. – Тошкент: Фан, 1996; Воҳидов Ш., Холиқова Р. Марказий Осиёдаги давлат бошқаруви тарихидан. – Тошкент: Янги аср авлоди, 2006. – 72 с. Ҳамин муаллиф. Трансформация оценки истории отечества в новых разысканиях // Ўзбекистонда ижтимоий-гуманитар фанларнинг долзарб муаммолари (II тўплам). - Тошканд, 2012. – С. 3-8; Муҳаммажҳакимхон тўра. Мунтахаб ат-таворих. / Форс тожик тилидан таржимон, сўзбоши ва изоҳлар муаллифи Ш.Воҳидов. – Тошканд: Янги аср авлоди, 2010. - 720 с.; Ҳамин муаллиф. Хоразм сафари кундаликлари. – Тошканд: Янги аср авлоди, 2010. - 25 с.; Ҳамин муаллиф. Хўқанд хонлигида тарихнавислик. – Тошканд: Akademnashr, 2010. - 326 с.; Воҳидов Ш., Матякубова М. Хева хонлигининг ташкил топиши ва уни идора этиш тамойиллари. – 88 с.; Воҳидов Ш., Қодиров А. Шарқнинг машҳур сулолалари. – Тошканд: Akademnashr, 2013. – 620 с.

Б. Исмаилова[1], Р. Холиқова, С. Захидова, В. Германов[2], Х. Пирумшоев[3], В.В. Дубовитский[4], А. Саидов[5], А.Ш. Розиқзода[6], М.Ш. Холов[7], Ҷ. Ҷӯрабоев[8], Б.

---

[1] Исмаилова Б. Бухарский эмират при эмире Хайдаре. – Худжанд, 2000. – 200 с.; Ҳамин муаллиф. Политическое и социально-экономическое положение Бухарского эмирата: вторая пол. XVIII - середин XIX века: Дисс. … докт. ист. наук. – Худжанд, 2004; Ҳамин муаллиф. История Бухарского эмирата (вторая половина XVIII – середина XIX вв.). – Худжанд, 2005. – 296 с.

[2] Германов В.В. Вторжение Российской империи в Среднюю Азию (Заметки историографа на полях учебников по истории Узбекистана) //http://cossac – awards.narod.ru/ Zametki/ Zametka73 _Germanova_ Vtorzhenie.html

[3] Пирумшоев Х. Памир в первой половине XIX – начале XX вв. // История Горно – Бадахшанской автономной области. - Т.I. - С древнейших времен до новейшего периода. – Душанбе: Пайванд, 2005. – С. 282 – 378; Ҳамин муаллиф. Российско – среднеазиатские отношения XVI – сер. XIX веков в русской историографии. – Душанбе, 2000. – 338 с.; Ҳамин муаллиф. Владения Восточной Бухары во второй половине XVIII – середине XIX вв. // Вестник пед. Ун - та. Сер. гуманитарных наук. – 2008. – №2 (30) –С. 34 – 39.; Пирумшоев Х., Маликов М. Россия – Таджикистан: история взаимоотношений. - Душанбе: РТСУ, 2009. – 688 с.;

[4] Дубовицкий В. «Не скрывая имени и звания»: К 200 – летию со дня рождения И.В.Виткевича // http://www. Fergana news. com/articles/ 4813мин.; Александр Бёрнс – «купец с компасом» //http:// www. Fergana news. com/articles/ 4860.; Ҳамин муаллиф. История формирования системы геополитических взаимоотношений России и Средней Азии в период 1700 – 2002 гг. // Автореф. дис. . . д – ра ист. наук. – Душанбе, 2004. – 39 с.

[5] Саидов А. Внешняя торговля и политические взаимоотношения Бухарского ханства с Индией в XVII – первой половине XVIII в. // Мирас: Ежеквартальный журнал. – Ашхабад, 2007.; Ҳамин муаллиф. Народные движения в Бухарском ханстве в XVII – первой половине XVIII вв. // Известия АН Республики Таджикистан. Отд. общест. наук). –Душанбе, 2007. – № 1.; Ҳамин муаллиф.О проблеме взаимоотношений Бухары и Балха в первой половине XVIII века по сведениям «Убайдулла – наме» // Вестник ун – та: науч. журнал Российско – Таджикского славянского ун- та. – Душанбе, 2006. – № 2 (14); Ҳамин муаллиф. Особенности российско -бухарских дипломатических отношений в XVII – первой половине XVIII вв. // Материалы республиканской научно – практической конференции «Россия и Средняя Азия: исторический диалог и взаимодействие культур»: (К 160 – летию со дня рождения Н.П. Остроумова). – Душанбе, 2007; Ҳамин муаллиф. Политическая история Бухарского ханства в XVII в. первой половине XVIII вв. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 148 с.; Ҳамин муаллиф. Политическое и социально – экономическое положение Бухарского ханства в XVII – первой половине XVIII вв.: Автореф. дисс. д- ра ист. наук. – Душанбе, 2007 Ҳамин муаллиф. Состояние ремесел и торговли в Бухарском ханстве в XVII – первой половине XVIII вв. // Номаи донишгох. –Худжанд, 2006. – № 2; Ҳамин муаллиф. Социально – экономическое положение Бухарского ханства в XVII – первой половине XVIII вв. –Душанбе: Ирфон, 2006. – 220 с.; Ҳамин муаллиф. Торговые отношения Бухарского ханства с Россией в XVII – первой половине XVIII вв. // Вестник Нац. ун – та. Сер. гуманитарных наук: (Науч. журнал Тадж. Нац. Ун- та). – Душанбе, 2007. – № 2 .

[6] Розиқзода А.Ш. История формирования и деятельности милиции Таджикистана: Дисс… канд. ист. наук. – Душанбе, 2002.; Ҳамин муаллиф. Миршаб .(Ҳифзи тартибот дар аморати Бухоро). . – Душанбе: «Ирфон», 2021. 424 с.; Ҳамин муаллиф. Блюстители порядка в Бухарском эмирате//Труды Высшей школы милитсии. Вып.4 Душанбе, 2001. – С.71-78.; Ҳамин муаллиф. Инъикоси ҳаёту фаъолияти миршабҳо дар осори С.Айнӣ // Осори Академияи ВКД. Душанбе, 2012. №1.

[7] Холов М.Ш. Меры веса Бухарского эмирата в конце XVIII – начале XX в. // Вестник РГГУ. – 2010. – № 7(50) / 10. – С. 192 – 201; Ҳамин муаллиф.“Маджма‘ ал – аркам” – источник по истории точных наук Средней Азии XVIII – XIX веков // Труды X международных Колмогоровских чтений: Сб.ст. – Ярославль: Изд – во ЯГПУ, 2012. – С. 177 – 178

[8] Джурабаев Д.Х. Бухарский эмират во второй половины XVIII – первой половины XIX вв. В письменных источниках: Дисс. докт.ист. наук. – Худжанд, 2013. – 424 с.

Султонӣ (Келдиёров) Ю. Шукриллаев[1] ва дигарон[2], ки дар замони баъд аз пошхӯрии ҳукумати Шӯравӣ навишта шудаанд, маълумот ва ахбори нави хеле зиёд ба ҷараёни илмӣ ҷалб шудаанд. Дар ин китобҳо ва мақолаҳо оиди мавзӯи интихобшуда, таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании аморати Бухоро дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX фикр ва мулоҳизаҳои умумӣ ва хоса акс ёфтаанд.

Аз миёни муҳақиқони зикршуда доир ба мавзӯи тадқиқӣ асарҳои Б. Исмоилова, ки ба таърихи аморати Бухоро дар замони ҳукмронии амир Ҳайдар бахшида шудааст, хеле муҳим аст. Муҳаққиқ доир ба лашкар, вазъи ҳарбӣ-сиёсии аморати Бухоро дар замони амир Ҳайдар хулоса ва фикрҳои муҳимро баён кардааст[3].

Дар асар ва таҳқиқотҳои профессор Ҳ.Пирумшоев таърихи Помир дар нимаи дуввуми асри XIX ва аввали асри XX, муҳимтар аз он, таърихи муносиботи Осиёи Миёна бо Россия аз нимаи дуюми асри XVI то асри XIX дар асоси таърихнигории рус ба хубӣ инъикос ёфтааст. Асарҳои ин муҳаққиқ барои муаллиф чун асоси методологӣ хизмат кардааст.

---

[1] Султонӣ Б., Шукриллаев Ю. Аслиҳа ва таъминоти ҳарбии ҷанговарон дар Аморати Бухоро // Тафаккури таърихӣ: Маҷмӯаи мақолаҳои олимони ҷавон дар риштаи таърих. – Тошкент. – 2013. – С. 162-173.; Ҳамин муаллиф. Об административном управлении Бухарского ханства (вторая половина XVIII –XIX в.) // Паёми донишгоҳи миллӣ (маҷаллаи илмӣ).- Қисми II. - №3/8 (150). – Душанбе: Сино, 2014. – С. 38-41; Ҳамин муаллиф. Таъминоти аслиҳаҳои ҷангӣ ва авзои ҷанговарони ҳарбӣ дар хонигарии Бухоро // Садоқат. Маҷмӯаи мақолаҳои ҳайати профессорону факултети №4 бахшида ба 20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ. – Душанбе -2014. – С. 166-170; Ҳамин муаллиф. Организация военных дел в Бухарском эмирате в XVII- XIX вв. // Осори Академия (Труды Академии). - Душанбе: Глобус, 2014. – №2 (22). – С. 12-17; Ҳамин муаллиф. Доир ба идораи маъмурии Бухоро (то миёнаҳои асри XIX) // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ). – Душанбе, 2015. - №1 (62-2). - С. 86-91; Ҳамин муаллиф. Ҷараёнҳои сиёсӣ-ҳарбӣ дар замони ҳукмронии манғитиён дар аморати бухоро то истилои Россия подшоҳӣ (1756-1865) // Анҷумани апрелии байналмилалии донишҷӯён ва омӯзгорон дар ДОТ дар ш. Панҷакент. – Панҷакент: Иршод, 2017. – С. 254 - 270.

[2] Додохонов М. Исследования Мейендорфа Е.К. и Н.В. Ханыкова как источник по истории Бухарского ханства первой половины XIX века: Дисс… канд. ист. наук. – Душанбе, 1995; Гафаров Н. Культурно-просветительска деятельность джадидов в Бухарском эмирате, начало XX века: Дисс… канд. ист. наук. – Душанбе, 1999; Ёров А.Ш. Бухарский эмират на мировом рынке: вторая половина XIX – начало XX столетия. – Душанбе, 2005; Самиев Б.Дж. Социально-исторические идеи таджикских просветителей конца XIX – начала XX в. – Душанбе, 2009; Хайдаров А.А. Реформаторские взгляды Ахмада Даниша в обновлении системы образования в Бухарском эмирате (XIX – начало XX веков.). – Душанбе, 2012; Хамиди М. Политические, экономические и культурные преобразования в Средней Азии в XIX - начале XX вв. – Душанбе, 2013.

[3] Исмаилова Б. Бухарский эмират при эмире Хайдаре. – Худжанд, 2000. – 200 с.; Ҳамин муаллиф. История Бухарского эмирата (вторая половина XVIII – середина XIX вв.). – Худжанд, 2005. – 296 с.

Муҳаққиқ В. Дубовитский дар асарҳои худ, хосатан дар диссертатсияи доктoриаш муносибати Россияро бо Осиёи Миёна дар давоми солҳои 1700-2002 хеле хуб таҳлил намудааст. Муҳтаво ва мазмуни навиштаҳои ӯ низ дар баррасии муносибати Россия бо аморати Бухоро аҳамияти методологӣ ва илмӣ-назарӣ дорад[1].

Олими шинохтаи тоҷик А. Саидов аксари навиштаҳои худро ба таърихи аморати Бухоро бахшидааст. Дар таълифоти ӯ таърихи муносибати хонигарии Бухоро бо Ҳиндустон, Афғонистон, Россия; ҷанбаҳои мухталифи таърихи аморати Бухоро, вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҳолати ҳунармандон ва савдо, ҳаёти маънавӣ ва мадании он дар асоси маъхазҳои эътимоднок баррасӣ гардидааст[2].

Дар асарҳои профессор А.Ш.Розиқзода масъалаҳои сохтор ва низоми идоракунии давлатии аморати Бухоро, ниҳоду мансабҳои ба таъмин ва ҳифзи назму тартиботи дохилӣ машғулбуда, мафҳуму вожаҳои марбути соҳа баррасӣ гардида, вазъи ҷиноятқорӣ ва намудҳои муҷозоти гунаҳгорон ва ришвахурии амалдорони давр ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки дар мавриди омӯзиши мавзӯи диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои методологӣ ва назариявӣ доранд.[3].

---

[1] Дубовитский В. «Не скрывая имени и звания»: К 200 – летию со дня рождения И.В.Виткевича // http://www. fergananews.com/articles/4813мин.; Ҳамин муаллиф. Ликвидация исторической безграмотности. Александр Бёрнс – «купец с компасом» //http:// www. fergananews.com/articles/4860.; Ҳамин муаллиф. История формирования системы геополитических взаимоотношений России и Средней Азии в период 1700 – 2002 гг.: Автореф. дис… докт. ист. наук. – Душанбе, 2004. – 39 с.

[2] Саидов А. Внешняя торговля и политические взаимоотношения Бухарского ханства с Индией в XVII – первой половине XVIII в. // Мирас: Ежеквартальный журнал. – Ашхабад, 2007; Ҳамин муаллиф. Народные движения в Бухарском ханстве в XVII – первой половине XVIII вв. // Известия АН Республики Таджикистан. Отд. общест. наук). –Душанбе, 2007. – № 1; Ҳамин муаллиф. Политическая история Бухарского ханства в XVII –в первой половине XVIII вв. – Душанбе: Ирфон. – 2007. – 148 с.; Ҳамин муаллиф. Политическое и социально – экономическое положение Бухарского ханства в XVII – первой половине XVIII вв.// Автореф. дисс.д – ра ист. наук. – Душанбе, 2007// http://www. dissercat. com/ content/ politicheskoe – i – sotsialno – ekonomicheskoe – polozhenie – bukharskogo – khanstva – v – XVII – pervoi – polov XVIII v; Ҳамин муаллиф. Социально – экономическое положение Бухарского ханства в XVII – первой половине XVIII вв. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 220 с.

[3] Розикзода А.Ш. История формирования и деятельности милиции Таджикистана: Дисс… канд. ист. наук. – Душанбе, 2002.; Ҳамин муаллиф. Миршаб .(Ҳифзи тартибот дар аморати Бухоро). . – Душанбе: «Ирфон», 2021. 424 с.; Ҳамин муаллиф. Блюстители порядка в Бухарском эмирате//Труды Высшей школы милитсии. Вып.4 Душанбе, 2001. – С.71-78.; Ҳамин муаллиф. Инъикоси ҳаёту фаъолияти миршабҳо дар осори С.Айнӣ // Осори Академияи ВКД. Душанбе, 2012. №1.

Аз миёни асарҳои ба таҳқиқот ҷалбшуда навиштаҳои М.Ш. Холов дар бораи ченакҳои вазн дар аморати Бухоро дар охири садаи XVIII ва аввали асри XX, ҳамчунин баррасии ӯ доир ба асари Мирзо Бадеъ Девон "Маҷмаъ-ул-арқом", диссертатсияи номзадии Бароти Шамсо доир ба унвонҳои давраи ҳукмронии манғитиён дар аморати Бухоро[1] хеле пураҳамиятанд.Муҳақиқ Ҷ. Ҷӯрабоев дар мақола, китобҳо ва махсусан дар диссертатсияи доктории худ[2] таърихи аморатро дар нимаи дуввуми садаи XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар асоси маъхазҳои хаттӣ омӯхта хулосаҳои илмии ҷолиби диққатро манзур сохтааст. Муҳақиқ дар диссертатсияи худ мактубҳои амир Ҳайдар (1800-1826)-ро низ аз ҳар ҷиҳат мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Навиштаҳои Ҷ. Ҷӯрабоев низ ҷанбаҳои методологӣ ва назариявӣ дар мавриди омӯзиши мавзӯи диссертатсияи мазкур доранд.

Солҳои охир дар Федератсияи Россия низ доир ба таърихи аморати Бухоро баъзе тадқиқоти навин ба анҷом расидаанд, ки аз теъдоди зиёди он метавон баррасиҳои олимон Д.В. Шевченко[3], О.А. Егоренко[4] ва С.С. Бороздинро[5] ёдрас кард.

Аз осори олимони хориҷӣ асари олими олмонӣ Анке фон Кюгельген «Легитимация среднеазиатской династии мангитов в произведениях их историков (XVIII-XIX вв.)» (Алмати:Дайк-Пресс, 2004) ҳамчунин олими турк Нуриддин Хотунуг[6]-ро зикр кардан бамаврид аст.

---

[1] Бароти Шамсо. Титулы периода правления мангитов в Бухарском эмирате // Автореф. дисс… канд. ист. наук. – Душанбе, 2006. – 24 с.

[2]Джурабаев Д.Х. Бухарский эмират во второй половины XVIII – первой половины XIX вв. В письменных источниках: Дисс… докт. ист. наук. – Худжанд, 2013. – 424 с.

[3] Шевченко Д.В. Басмаческое движение. Политические процессы и вооруженная борьба в Средней Азии: 1917-1931 гг.: Дисс. канд. ист. наук. – Иркутстк, 2006. – 180 с.

[4] Егоренко О.А. Бухарский эмират в период протектората России (1868-1920гг.). Историография проблемы: Дисс. канд. ист. наук. – Москва, 2008. - 192 с.

[5] Бороздин С.С. Политика российских властей в отношении мусульманского населения Туркестана и Бухары: Дисс. канд. ист. наук. – Екатеринбург, 2012. - 178 с.

[6] Hatunoğlu Nurettin.Türkistan'dasonrürk devleti Buhâra Emîrliğive Âlim Han.-Ankara: Ötüken, 2011.-451 s.

Доир ба ҳукуматдории сулолаи манғитиён дар баъзе мақолаҳои оммавии Қ. Ражабов[1], монографияи Р. Холиқова[2] фикру мулоҳизаҳои умумӣ баён гардидаанд.

Дар осори муаррихони дигар маълумотҳои муҳим доир ба масъалаҳои ҳарбӣ, идораи маъмурӣ-давлатӣ, вазифаҳои маъмурӣ ва ҳарбӣ дар аморати Бухоро баён гардидаанд, ки барои бархурдор гардидани пажӯҳандагон арзиши муҳим доранд.[3]

Дар даврони ҳукумати Шӯравӣ баъзе осори муаррихони маҳаллӣ муддате аз доираи бозҷустҳои илмӣ дур афтода, арзиш ва мақоми онҳо ҳини омӯзиши масъалаҳои муҳим ба назар гирифта намешуд. Хеле кам аз олимон ҷуръат пайдо карда, осори намояндагони мактаби муаррихони маҳаллиро дар таҳқиқоти илмӣ истифода мекарданд. Дар ин раванд осори Аваз Муҳаммад Аттори Хӯқандӣ, Муҳаммадсолеҳи Тошкандӣ, Ниёзмуҳаммади Хӯқандиро зикр кардан кифоя аст, ки дар асарҳои худ аз забткориҳои лашкари рус ва қаҳрамонии мардуми маҳаллӣ нақл намудаанд. Осори ин

---

[1] Ражабов Қ. Бухорога қизил армия босқини ва унга қарши кураш. - Тошканд: Маънавият, 2002; Ҳамин муаллиф, Муҳаммад Дониёлби оталиқ: бийлик мансабидан амирлик рутбасигача // Бухоро мавжлари. – 2005. - 4 сон. – С. 26–27.

[2] Холиқова Р. Россия-Бухоро: тарих чорраҳасида. – Тошканд: Ӯқитувчи, 2005. – 236 с.

[3] Мирза Бадиъ. Диван. Мажмаъ ул-аркам. (Факсимиле рукописи. Введение, перевод и примечание А. Б. Вильдановой. – Москва: Наука, 1981; Семёнов А. А. Бухарский трактат о чинах и званиях и об обязанностях их носителей в средневековой Бухаре // Советское востоковедение. - Т. V. - 1948. - С. 137-153; Вильданова А. Б. Подлинник бухарского трактата о чинах и званиях. // Письменные памятники Востока. Ежегодник 1968. - М., 1970; Мирза Алим ибн Мирза Рахим Тошканди. Ансаб-ус-салатин ва таварих-ал-хавакин. / Введение, научный редактор Ш. Вохидов. – Ташкент, 2007. – 256 с.; Мирзо Олим Махдум Ҳожи. Тарихи Туркистон / Табдил, кириш ва изоҳлар Ш.Воҳидов, Р.Холиқова. – Тошканд: Янги аср авлоди, 2008. – 256 с.; Воҳидов Ш. Яккабоғ беклиги (XVIII- XIX асрлар). // Насафлик алломаларнинг жаҳон маданиятида тутган ўрни. Илмий - назарий конференция материаллари. Қарши, 2008. – С. 62-66; Зафарномайи Хусравий. Форс-тожик тилидан таржимонлар, кириш ва изоҳлар муаллифлари Ш.Воҳидов, Ш.Жӯраев. – Тошканд: Tamaddun, 2011. – 452 с.; Аваз Муҳаммад Аттор Хӯқандий. Тарихи жаҳоннамой / Таржимон, кириш ва изоҳлар муаллифи Ш.Воҳидов. – Тошканд, 2012. – 420 с.; Умидий-Ҳавоий. Тарихчайи Тӯроний Таржимон, кириш ва изоҳлар муаллифи Ш.Воҳидов. – Тошканд, 2012. – 380 с.; Огаҳий. Гулшани давлат / Табдил, кириш ва изоҳлар Ш.Воҳидов ва Қ.Султонова. – Тошканд, 2012. – 320 с.; Муҳаммадсолиххӯжа Тошкандийнинг “Тарихи жадидаи Тошканд” асари ва унга (ӯғли ) Муродхӯжа Солиххӯжанинг битилган тақризи ва иловаси Ӯзбекистонда ижтимоий-гуманитар фанларнинг долзарб муаммолари (“Мустаҳкам оила йили”га бағишланади). - III тӯплам. – Тошканд, 2012. – С. 197-219; Муҳаммадниёз Хуқандий. Ибратул-хавоқин / Точик тилидан тарчимон, кириш ва изоҳлар муаллифи Ш.Воҳидов. – Тошканд: Турон-зиё., 2014. – 468 с.; Муҳаммад Юнус Тоиб. Тарихи Алиқули амирлашкар. / Кириш, табдил, изоҳлар муаллифлари Ш. Воҳидов, Д. Чориева. - Тошканд, 2010. - 212 с. (112 факсимиле); Худаярханзаде. Анджум ат-таварих (Звезды истории) / Перевод с персидско-таджикского, введение, примечания и факсимиле Ш.Вохидова и С. Елшибаева. – Ташкент, 2011. – 421 с.

муаррихон танҳо баъд аз пошхӯрии давлати Шӯравӣ тарҷума ва чоп шудааст. Ин камбудиҳо дар даврони истиқлоли ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна каму беш бартараф гардиданд.

Дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба ин мавзӯъ, хосатан ба масъалаҳои лашкардорӣ ва ба санъати ҳарбӣ иртибот дошта дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон хеле боло рафтааст. Доир ба стратегия ва тактикаи ҳарбӣ, муҳориба ва задухӯрдҳо, маҳорат ва малакаи саркардаҳои ҳарбӣ, унвон ва амалҳои ҳарбӣ[1], усулҳои ҷанг ва мудофиа, таъминоти ҳарбии давлатҳои Осиёи Миёна бархе адабиёт ва тадқиқот мавҷуд аст[2]. Ғайр аз ин дар муассисаҳои таълимӣ-ҳарбии Ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, аз таърих ва санъати ҳарбӣ курсҳои махсус ҷорист. Дар доираи барномаҳои ин фанҳои махсус китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ-услубӣ ҳам таълиф шудааст[3], ки баёнгари таваҷҷуҳ ба масъалаи мазкур мебошад.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар мавзӯи “Муаммоҳои таърих ва фарҳанги халқи тоҷик аз асрҳои миёна то замони муосир” барои солҳои 2015-2020 ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқоти илмӣ омӯзиши вазъи лашкар ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ маҳсуб меёбад. Барои расидан ба ин ҳадаф якчанд масъалаҳои мубрами мавзӯи мазкур ба миён гузошта шудаанд:

---

[1] Воҳидов Ш., Азизов Т. «Муизз ал-ансоб» асаридаги мансаб ва унвонларнинг этимологияси ҳақида. Бухоро давлат университети илмий ахбороти. - 2008. – № 1. – С.8-12.

[2] Рассудова Р. Я. Очерки организации войска в Бухарском и Кокандском ханствах (XIX в.) // Этнографические аспекты традиционной военной организации народов Кавказа и Средней Азии. - Выпуск 2. – М.: Институт этнографии им. Н. Н. Миклухо-Маклая, 1990. – С 31 – 48; Соколов Б. В. 100 великих войн. – М.: Вече, 2004. – С. 544; Шишов А. В. 100 великих военачальников. – М.: Вече, 2004. – С. 608.

[3] Усманов Ф. Х., Курганбеков М. М., Угай Ч.Д. История войн и военного искусства. Книга 1. Древний мир, средние века и новое время: Учебник. Академии ВС РУ. – Ташкент, 2005. – 465 с.

- Тавсифи ҷараёни истилои бархе аз мулкҳои аморати Бухоро аз тарафи Россияи подшоҳӣ (солҳои 1865 - 1868);

- Таҳлили маъхаз, маълумоти бойгонӣ ва адабиёти илмӣ роҷеъ ба авзои сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ

- Таҳқиқи масъалаҳо доир ба ташкили лашкари муназзам дар аморати Бухоро;

- Муайян намудани анъана ва навовариҳо дар умури лашкардории аморати Бухоро;

- Тавсифи вазифа, унвонҳои ҳарбӣ, рутба ва ухдадориҳои ҳарбиёни аморати Бухоро;

- Омӯзиши тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ;

Дар доираи ин барррасӣ ҷараёнҳои сиёсӣ-ҳарбии замони истилои аморат аз тарафи Россияи подшоҳӣ таҳқиқ шуда, ҳодисаҳои марбут ба истилои аморат аз тарафи Россияи подшоҳӣ ва протекторати аморати Бухоро аз ҷониби Россияи подшоҳӣ омӯхта мешавад.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Таърихи лашкардорӣ ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар давраи тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ то заволи аморат маҳсуб меёбад.

**Предмети таҳқиқот**-омӯзиши хусусиятҳои ташкил ва нигоҳдории қувваҳои ҳарбии аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ ( солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX ) мебошад.

**Асоси методологии** таҳқиқотро усулҳои илмии ба арзишҳои умумиинсонӣ ва миллӣ асосёфта ташкил медиҳад. Дар ин таҳқиқот аз усулҳои хронологӣ-сулолавӣ, системавӣ-муқоисавӣ, оморӣ, таҷдиди таърихӣ, усули умумии универсалӣ, баён, детерминизм, таҳлил ва усулҳои таҳқиқотие, ки олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар дар асарҳои худ истифода кардаанд, истифода гардидаанд. Дар диссертатсияи мазкур, инчунин бо истифодаи методҳои маърифатӣ инъикоси воқеаву ҳодисаҳои ҳарбию сиёсии солҳои тобеияти вассалии (протекторат) аморати Бухоро ба Россияи подшоҳӣ, омилҳои мусбат ва манфии лашкардорӣ нишон дода шудаанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот.** Маълумоти муҳим доир ба мавзӯи мавриди назар, пеш аз ҳама, осори муаллифони маҳаллӣ мебошад. Дар асарҳои Мирзо Бадеъи Девон, Аҳмади Дониш, Мирзо Абдулазими Сомӣ, Мирзо Салимбек, Садри Зиёи Бухорӣ, Садриддин Айнӣ, Абдурауф Фитрат, Мир Муҳаммад Сиддиқи Ҳашмат - писари амир Музаффар, Муҳаммад Сайиди Балҷувонӣ, Мир Муҳаммад Амини Бухорӣ, Муҳаммад Юсуфи Муншӣ, Муҳаммадвафои Карминагӣ, Олимбек ибни Ниёзқулибек, Бақохоҷа писари Ҳамидхоҷа, Мулло Абдурраҳмон Тамкини Бухорӣ, Муъин, Олимхоҷа ибни Мирзо Сайид Хоҷа Мушрифи Бухороӣ, Хоҷа Самандари Тирмизӣ, дар осори муаллифони Хӯқанд ва Хоразм[1] маълумот ва маводӣ зарурӣ доир ба мавзӯи мавриди назар хеле зиёд ба чашм мерасад.

Маъхазҳо ва санадҳои муҳим барои таҳқиқот аз Бойгонии марказии давлатии ҷумҳурии Ӯзбекистон (БМД ҶӮз) низ дар ин диссертатсия хеле зиёд истифода шудааст. Аз ҷумлаи маводи истифодашуда фонди И-1-котиботии генерал-губернатори Туркистон; фонди И-2-Амалдории дипломатӣ дар ҳузури генерал-губернатори Туркистон; фонди И-3-Агенти сиёсии императори Россия дар аморати Бухоро; фонди 18-Идораи вилояти Самарқанд; фонди 279-Кумитаи ҳарбӣ-саноатии Осиёи Миёна мебошад.

Бар замми ин, аз маҷмӯаи ҳуҷҷатҳо ва маҷмӯаи “Туркестанский сборник” (нусхаи электронии он) ба таври васеъ истифода шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст мавзӯи илмии мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ ва ҳарҷониба баррасӣ ва таҳқиқ мешавад. Нававарии таҳқиқот мушаххастар ба тариқи зайл нишон дода мешавад:

1. Дар иртибот бо омӯзиши ин мавзӯъ доир ба афкори ҳарбӣ ва низомии халқи тоҷик дар замони мавҷудияти аморати Бухоро, идора ва сохтори он, унвон ва амалҳои ҳарбӣ фикр ва мулоҳизаҳо баён шудаанд.
2. Мақом ва иштироки мардуми тоҷикзабон дар воқеаҳои сиёсии давр, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, ҳаёти фарҳангии кишвар нишон дода шудааст.

[1] Маълумотҳои библиографии осори ин муаррихон дар рӯйхати адабиёт омадааст – С.Б.

3. Дар диссертатсия бо истифода аз маълумоти маъхазҳои хаттӣ, бойгонӣ, ахбори мухталифи таҳқиқот ва асарҳои муаллифони гуногун ба таври васеъ лашкар, қоидаҳои низоми ҳарбӣ ва таъминоти ҳарбии аморати Бухоро дар иртибот бо ҳолат, идора ва анъанаҳо омӯхта шудааст.

**Муқаррароти умумии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- истилои аморат аз тарафи Россияи подшоҳӣ ва ба тобеияти вассалии Россия ворид шудани аморати Бухоро (солҳои 1865-1868) натиҷаи зиддияти ду давлати абарқудрат-Россияи подшоҳӣ ва Британияи Кабир дар Осиёи марказӣ буд. Сиёсати хориҷии Россия низ дар миёнаи асри XIX аз тавсеаи ҳудуди империя аз ҳисоби кишварҳои нав иборат буд. Ҳолат ва вазъи лашкари аморати Бухоро дар замони ҷангҳои пайвастаи Россияи подшоҳӣ дар сатҳи паст қарор дошт.

- Маъхаз, маълумотҳои бойгонӣ ва адабиёти илмӣ собит менамоянд, ки вазъи сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар замони вассалӣ халалдор гашт. Россияи подшоҳӣ ба рушди ин давлат хостор набуд. Нигоҳ доштани тарзи давлатдории истибдодӣ ва низоми осиёмиёнагии монархистӣ аз ҳар ҷиҳат барои империяи Россия муфид буд.

- Дар солҳои аввали ҳукмронӣ аморати Бухоро ба лашкари муназзам соҳиб набуд ва ислоҳоти амирони Бухоро дар ин самт комил ва собитқадамона набуд. Руҳияи ватанпарастӣ дар сатҳи паст қарор дошта, хизмати ҳарбӣ шараф дониста намешуд, балки онро аз ҷониби давлат маҷбурият медонистанд.

- Анъана ва навовариҳо дар таъминоти асбобу аслиҳаи ҷангии лашкари аморат дар аксари ҳолат такрори навовариҳо, усул ва низоми ҳарбии русро мемонд. Савдои аслиҳаи русӣ аз тарафи савдогарони бухороӣ ба роҳ монда мешуд, аммо аслиҳаи воридшаванда замонавӣ набуданд. Соли 1917 аслиҳаи англисӣ низ ба Бухоро ворид мешавад.

- Идораи лашкари аморат, вазифа, унвонҳои ҳарбӣ, дараҷа ва ӯҳдадориҳои соҳибони онро таҳқиқ намуда, хулоса намудан мумкин аст, ки навовариҳо ба низоми кӯҳнаи идораи лашкар таъсири назаррас нарасонидаанд.

- Таъминоти моддии лашкари аморат дар замони тобеияти вассалӣ ҷавобгӯи талабот набуд. Аз хазинаи давлат барои лашкар ва ҳарбиён маблағи ночиз ҷудо мегашт. Маводи бойгонӣ оид ба маош ва таъминоти ҳарбиён собит менамояд, ки низоми хешутуборӣ (трайбализм), маҳалгароӣ ва садоқати шахсии ҳарбиён нисбати амалдорони баландрутба ва амир ба омодагии ҳарбӣ ва тайёрии ҷангии лашкар таъсири манфӣ мерасонид.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳамияти илмии назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати инъикоси таърихи сиёсӣ ва ҳарбии аморати Бухоро дар замони протектората Россияи подшоҳӣ кӯмаки воқеӣ расонанд. Аз маводи дар диссертатсия овардашуда аз натиҷа ва хулосаҳои он метавон дар мавриди таҳия ва хондани маърузаҳо, гузаштани дарсҳои амалӣ ва семинарҳо, корҳои мустақилонаи донишҷӯён, навиштани диссертатсия ва монографияҳо, китобҳои дарсӣ, услубӣ ба таври васеъ истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиони**ро дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин инъикос ва тарзи истифодабарии маводҳои бойгонӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, инчунин бо маърӯзаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ-амалии гуногун тасдиқ карда мешавад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 600-солагии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ (Душанбе -2014), дар мавзӯи “Таъминоти аслиҳаҳои ҷангӣ ва авзои ҷанговарони ҳарбӣ дар хонигарии Бухоро”, Анҷумани апрелии байналмилалии донишҷӯён ва омӯзгорон дар ДОТ дар ш. Панҷакент (Панҷакент-2017), дар мавзӯи “Ҷараёнҳои сиёсӣ-ҳарбӣ дар замони ҳукмронии манғитиён дар аморати Бухоро то истилои Россияи подшоҳӣ” шунида шудаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърих ва диншиносии факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (протоколи № 4 аз 30 ноябри соли 2021) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия**. Муқарароти асосии диссертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 1 монография, 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи илмии дар дигар нашрияҳо батабърасида, таҷассум ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 189 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се бобу 6 зербоб, хулоса, рӯйхати маъхазҳо ва адабиёт (бо 290 номгӯй) таркиб ёфтааст.

# БОБИ I. ВАЗЪИ СИЁСӢ ВА ҲАРБИИ АМОРАТИ БУХОРО ДАР ДАВРАИ ИСТИЛО ВА ТОБЕИ РОССИЯ ГАРДИДАНИ ОН

## 1.1 Истилои ҳудудҳои аморати Бухоро аз тарафи Россияи подшоҳӣ ва истиқрори тобеияти вассалӣ ба Россия (солҳои 1865-1868)

Солҳои 50-60-уми асри XIX дар таърихи сиёсати Россияи подшоҳӣ масъалаи муносибат ба Осиёи Миёна давраи муҳим арзёбӣ мегардад. Мағлубияти Россия дар ҷанги Қрим (1853-1856) ҳукумати подшоҳиро маҷбур кард, ки муваққатан аз сиёсати фаъол дар Осиёи Миёна даст кашад. Доираҳои ҳукмронии Россияи подшоҳӣ таваҷҷуҳи бештар ба хонигариҳои Бухоро, Хева ва Хуқанд доштанд, зеро онҳо робитаи зичи тиҷоратӣ бо Россия барқарор карда буданд. Ба ин наздикии ҷуғрофӣ ва вазъи иқтисодии ҷонибҳо низ таъсир мерасонид.

Дар миёнаҳои асри XIX дар қаламрави Осиёи Миёна наздик 5 млн аҳолӣ истиқомат мекарданд. Аз онҳо тақрибан 3 млн дар аморати Бухоро, наздик 1,5 млн дар хонигарии Хӯқанд ва 0,5 млн дар хонигарии Хева сукунат доштанд. Ҳар се хонигарӣ, аз ҷумла аморати Бухоро аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомонда буданд, ки ба он андозҳои гарон, танг будани бозори дохилӣ, рушд накардани муносибатҳои молию пулӣ сабаб гашта буданд. Инчунин, зулму истибдоди феодалӣ авҷ гирифта буд. Ворид нагаштани кишвар ба бозори ҷаҳонӣ, ҳукмронии муносибатҳои феодалӣ-патриархалӣ, парокандаги феодалӣ ва рушди иқтисодиёт халал ворид карда буданд.

Дар чунин шароит лашкаркашии Россияи подшоҳи ба Осиёи Миёна шурӯъ шуд.

Таҳлили муносибатҳои сиёсӣ ва ҳарбии аморат бо Россия баёнгари вазъи ҳарбии аморат дар давраи мавриди омӯзиш мебошад. Баъди забти Тошканд аз тарафи лашкари рус дар соли 1865 муносибатҳои Бухоро ва Россияи подшоҳӣ боз ҳам тезутунд гардид. Амири Бухоро барои ҳимоя кардани шаҳри Тошканд, ки чун маркази иқтисодӣ ва мадании Осиёи Миёна дар

шоҳроҳи абрешим ҷойгир буд, ҳуқуқи комил дошта бошад ҳам, мутаасифона амир Музаффар дар мубориза бар зидди Россияи подшоҳӣ на аз ҷиҳати маънавӣ ва на аз ҷиҳати ҳарбӣ омода набуд. Зеро барои амир Музаффар дурандешии сиёсӣ, ҷуръат ва тадбирсозӣ намерасид. Илова бар ин, худи ӯ сабабгори асосии мунокишаҳои сиёсии дохилӣ ва задухӯрди байни хонигариҳо буд.

Аҳолии Осиёи Миёна ба давлати Бухоро, ки дар қиёс бо хонии Хива ва Хӯқанд то андозае кишвари дорои низоми собит буд бо умед ва боварии калон менигарист. Кӯтоҳбинии амир ва ҳукумати Бухоро ба ҳолате овард, ки онҳо ба ҷои мадад ба мардуми Тошканд, ба хонигарии Хӯқанд лашкар кашида, шаст рӯз ин мамлакатро ғорат намуданд ва ба сафирони аз Тошканд омада беэътиноӣ карданд. Вақте амир дар Конибодом буд, хабари забти Тошкандро ба ӯ расониданд. Амир ба тахти Хӯқанд Худоёрхонро гузошта «…ба ӯ салтанати мамлакати меросиашро дода, ба Бухоро бозгашт ва дар қароргоҳи давлат оромӣ ёфт, аз ҷаҳолати фитрӣ шабурӯз ба айшу ишрат машғул шуда, вақтро бо хубрӯён гузаронида, аз олам ғофил ва ҳатто аз худ рафта, худро Фиръавну Намруд донист. Дӯстро аз душман фарқ намекард»[1]. Мулло Олим Махдум Ҳоҷӣ менависад: «…вақте ки Русия Тошкандро муҳосира мекард, подшоҳони ин ду мамлакати мусулмонии ҳамсоя дар масофаи расидани овози тӯпи Русия истода ба ғасби мамлакат машғул буданд. Ба истилои Русия аҳамияте надода, вилоятро барбод доданд»[2].

Ба таъбири Аҳмади Дониш амир Музаффари аз сиёсат дур ва кӯтоҳназар: «Агар ман лашкар кашиданӣ бошам, рост то Маскав меравам»[3]-гӯён ба умеди ягона тӯпи ҷаҳонгираш, ки ба масофаи 10-12 метр тӯпро мепартофт худро ҷаҳонгир ва Темури сонӣ медонист.

Амир ба лашкар ва қувваҳои ҳарбии худ низ эътиборро хеле кам дода буд. Маоши аскарон аз 60 тин то ба 2 тин фаромад. Моҳонаи сардорони

---

[1]Аваз Муҳаммад Аттор Ҳӯқандий. Тарихи жаҳоннамой / Тарҷимон Ш. Воҳид // Шарқ юлдузи. – 1991. - № 8. – С. 130.
[2] Мулла Олим Махдум Ҳожи. Тарихи Туркистон. - Қарши: Насаф, 1992. - С. 98.
[3] Трактат Ахмада Дониша. История мангитской династии (Перевод, предисловие и примечания Н.А.Наджафовой). – Душанбе: Дониш, 1967. - С. 43. Боз нигаред. Дониш Аҳмад. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати манғития / Таҳияи Далер. - Душанбе: Сарват, 1992.

ҳарбӣ ҳам кам карда шуда буд. «Касони дар умрашон ҳатто овози тири туфангро нашунида, ашхоси майдони ҷангро надида, чун Ёқуб қушбегӣ саркарда таъйин шуданд. Аз сардори лашкар таъйин шудани ӯ ҳатто навкари аз ҳама кӯчаки ислом шарм мекард», - навишта буд Аҳмади Дониш [1].

Лашкари дар замони амир Насруллоҳ ташкилкардашуда рӯ ба таназзул ниҳод. Аслиҳаи лашкари аз се қисм (пиёда, савора ва ариллерия) иборат буда, кӯҳна ва аз кор баромада буданд. Шумораи лашкар то 15-20.000 мерасид. Ба лашкари Бухоро аввал Шоҳрух, ки аслан аз Эрон буд, саркарда шуда, лашкарро ба расми эрониён танзим намуда буд. Баъд аз муҳорибаи назди Эрҷар (соли 1866) амир ӯро ба қатл расонида, ба ҷои ӯ гурезаи рус Ҳоҷи Румии аслан турк ва Искандари афғонро, ки баъдан ба тарафи русҳо гузашта буд, лашкари Бухоро таъйин карда буд [2].

Моҳи августи соли 1865 амир як гурӯҳи сафиронро зери роҳбарии Наҷмидинхоҷа ба Петербург фиристод. Ҳини хабардор шудан аз бозистоди онҳо дар роҳ, амир ба таври махфӣ Мулло Фахриддин ном шахсро ба пойтахти Россия ба ҳайси расул фиристод. Амалдори дипломатӣ Струве моҳи октябри соли 1865 ба Бухоро аз тарафи Черняев ҳамчун сафир фиристода шуда буд. Аз мукотибаи амир ва Черняев маълум мешавад, ки амир аз русҳо озод намудани шаҳри Тошканд ва аз ҳаракатҳои минбаъда ӯро хабардор карданро талаб намудааст. Моҳи сентябри соли 1865 зери фармони Пистолъкорс 4 ротаи пиёда, 100 нафар казак бо 4 мил замбарак аз дарёи Чирчиқ убур намуда, мулкҳои Пискенту Тӯйтеппа ва атрофи онҳоро ишғол менамояд. Ноиби амир дар ин марзу бум Рустамбек аз он ҷо фирор мекунад[3].

Сентябри соли 1865 ба Тошканд генерал-губернатори Оренбург Н.Крыжановский омада шаҳрро мулки мустақил эълон кард ва бо ҳамин нишон дод, ки ба он на Хӯқанд ва на Бухоро даъво дошта наметавонанд[4].

---

[1] Ҳамон ҷо. - С. 44-45.

[2] Арандаренко Г.А. Досуги в Туркестане. – СПб., 1889. - С. 543; Симонов А. В. Завоевание Самарканда царизмом // Труды САГУ. - Новая серия. - №10. – С. 1-5; Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. - Тошканд: Шарқ. - С. 209.

[3] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 30, вароқи 233-234. Аз мукотиботи байни Амир ва Черняев маълум мегардад, ки Черняев барои тамдиди вақт “ба саволҳои амир генерал–губернатори Оренбург Крыжановский ҷавоб донанаш мумкин”- гӯён ҷавоб додааст.

[4] Попов А.Л. Из истории завоевания Средней Азии // Исторические записки. – 1940. - №9. - С. 211.

Черняев баъди 9 рӯзи забти Тошканд тамоми савдогарони бухороиро дар мулки Туркистон ба ҳабс гирифт. Дар аввали моҳи июл бо талаби Черняев дар Оренбург ва дигар шаҳрҳои атрофи он генерал Крыжановский савдогарони бухороиро зиндонӣ намуд. Сафирони бухороии ба Петербург фиристода тибқи фармони Крыжановский дар Казалинск боздошта шуданд[1]. Черняев бошад ба Крыжановский ба Бухоро аз Афғонистон омадани кадом як европоиро маълум месозад[2].

Амир бехабар аз ин воқеаҳо Худоёрхонро ба тахт нишонда, Хуҷандро такроран забт намуда аз Черняев аз дарёи Чирчиқ убур накарданашро пурсида буд. Соли 1865 Крыжановский ба Тошканд омад: Амир «Агар ӯ ба Бухоро меомад боз ҳам тезтар алоқаи савдои дӯстонаро барқарор кардан ба мақсад мувофиқ мебуд. Лекин ба вакили аз ҳама ночизи рус маълум бошад, ки осиёгӣ фақат қувваи аслиҳаро ҳурмат мекунад...»,-гӯён нуқтаи назари шовинистии худро ошкор карда буд[3].

Сиёсати зӯроваронаи Крыжановский ва фишори ӯ дар муносибат бо ҳокимон аз тарафи доираҳои олии Петербург бе шубҳа ҷонибдорӣ мешуд. Вазири умури хориҷии Россия Горчаков - «Россия ба амир таъзим карданӣ нест, аз ин ҳол таъсири мо дар Осиёи Миёна ҳал мегардад”,[4] гӯён сиёсати бузургманишии Россияро ҳимоя кардааст. Вазири ҳарбӣ Милютин бошад, сиёсати оянда Россияро бевосита бо «кампанияи Бухоро” маҳсуб медонист[5]. Крыжановский баробари омаданаш ба Тошканд ба Черняев «…чӣ навъе набошад дар Туркистон таъсири ҳукмронии царизмро ҷорӣ кардан зарур», - гӯён таъкид карда буд[6].

Амир бар зидди боздошти савдогарони бухороӣ дар қаламрави Бухоро савдогарони русро боздошта буд. Лекин дере нагузашта амир ба озод

---

[1] Макшеев А.И. Историчесий обзор Туркестана и наступателъного движения в него русских. - СПб., 1890. - С. 236; Кауфманский сборник. Изданий в памяти 25 лет, истекших со дня смерти покорителя иустроителя Туркестанского края генерал-адъютанта К.П. фон Кауфмана. - Москва, 1910. - С. 17.

[2] Ҳамон ҷо.

[3] Истории СССР. - Т.2. - Россия в XIX веке / Под ред. М. Нечкиной. - М., 1940. - С. 212.

[4] Халфин Н.А. Политика Россия в Средней Азии (1857-1868). – М., 1960. – С. 130.

[5] Ҳамон ҷо.

[6] Ҳамон ҷо.

кардани онҳо фармоиш дод. Аз ин рафтор аз ҳама беш савдогарони рус зиён медиданд. Тоҷирони оренбургӣ ба Крыжановский муроҷиат карда дар ярмаркаи Нижний Новгород ширкат варзидани ҳамкорони бовариноки онҳо, яъне тоҷирони бухориро дархост намуданд. Дар бозори дохилии Россия талаб ба маҳсулоти Бухоро, хосатан ба пахтаи Осиёи Миёна хеле зиёд буд. Доираҳои савдои Петербург ин маъноро хуб дарк карда, 19 октябри соли 1865 тавассути Маҳкамаи вазирон ба Крыжановский бе рухсати марказ муносибатҳои савдо ва иқтисодиро мураккаб насохтанро маслиҳат доданд. Крыжановский масъалаи ба хонигарии алоҳида табдил додани Тошкандро ҳам ба миён андохт. Баъди рафтани Крыжановский Черняев бо мақсади барқарор намудани муносибатҳои нек бо Бухоро 19 октябри соли 1865 мушовир К.В.Струве, масъули савдо ва саноат штабс-ротмейстр А.И.Глуховский, инженери кӯҳ подполковник А.С.Татариноврo бо 32 аскар ба Бухоро ба ҳайси сафир фиристод. Амир онҳоро хуб пазируфта бошад ҳам, моҳи ноябр маълум шуд, ки онҳо дар ҷавоби боздошти сафирони Бухоро дар аморат боздошта шудаанд[1]. “Сиёсати худсаронаи хориҷии” генерал Черняев рӯй ба инқироз овард. Аммо дар мукотибаи худ амир бо Черняев ба даъвоҳои генерал ҷавоб додааст, ки боздошти сафирон ба боздошти сафирони Бухоро дар роҳи Петербург иртиботе надорад[2]. Аммо дархости Черняев барои бозфиристодани сафирон ба нишон нарасида сухани ӯ зоеъ рафт. Россия бо сиёсати иғвогарона ва хатту ҳаракатҳои шовинистонааш муносибатро бо Бухоро махсус мутташаниҷ сохта, ин мамлакатро ба моҷарои ҳарбӣ кашиданӣ буд. Дар асл ҳам соли 1865 бар зидди Бухоро ҳаракатҳои ҳарбӣ оғоз шуда буд.

Аҳли Бухоро аз амир барои мадад накарданаш ба мудофеони Тошканд, барои ба Хӯқанд ҳуҷуми паймоншиканона карда “хуни мусулмонони бегуноҳро рехтанаш”, барои зидди лашкари истилогарон мубориза набурданаш норозигӣ изҳор кардан гирифтанд. Ба ҳеҷ кас маълум набуд, ки

---

[1] Татаринов А. С. Семимесячный плен в Бухарии. - СПб, 1867 (Лекин дар ин асар тафсилоти асирии А.С.Татаринов дар Бухоро оварда мешавад).

[2] Макшеев А. И. Исторический обзор Туркестана и наступательного движения в него русских. - СПб., 1890. - С. 240; Абаза К.К. Завоевание Туркестана. - СПб., 1902. – С. 46; Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. - Тошканд: Шарқ, 1998. - С. 215-216.

баъди истилои ҳудуди Хӯқанд навбат ба Бухоро мерасад. Мардуми Бухоро боре бо даъвати уламои ислом арки амирро иҳота карда, онро сангборон карда буданд. Дафъаи дигар вақте, ки амир Музаффар ба муносибати иди қурбон ба зиёрати қабри Баҳоуддини Нақшбанд мерафт, дар роҳ ӯро мардум ба буздилӣ, хиёнат, ба сарф накардани маблағи бар зидди истилогарон муттаҳам карданд. Амир аз ғалаёни халқ тарсида, ба Ғиждувон роҳ гирифт. Дар Ғиждувон ҳам шабона ба дасти ӯ номаҳои таҳдидомез расид. Қӯшбегӣ аз амир муваққатан ба Бухоро наомаданро маслиҳат дод[1]. Амир дар зери тазйиқи норозигии халқ маҷбур шуд як қатор истеҳком ва қалъаҳоро мустаҳкам созад. Аз ҷумла, қалъаи Ҷиззахро, ки дар роҳи даромад ба Бухоро ҷойгир буд, мустаҳкам карда, барои ин мақсад 100 ҳазор танга ҷудо намуд. Истеҳкоми ҳарбии Ҷиззах девори баландиаш 11 газ ва 8 газ бар дошта, атрофи он бо хандақи об иҳота карда шуд. Сардори гарнизони қалъа Муҳаммад Ёқуб қӯшбегӣ таъйин гардид. Барои мадад ба Ҷиззах аз Ӯротеппа Оллоҳёр девонбегӣ ва аз Зомин Ҷиянхоҷа тӯқсабо бо аскарони худ пайвастанд[2].

Мудофиаи Ҷиззах баъди чунин тадбирҳо каме ба ифоқа омада буд.

1 феврали соли 1866 аскарони рус ҷониби Ҷиззах роҳ пеш мегиранд. Шароити вазнини обу ҳаво, нарасидани хӯроки чорво ва хӯрду хӯрок лашкари русро ба ҳолати сангин овард. Черняев аз беки Ҷиззах доир ба фурӯши озуқаворӣ ва хӯроки чорво дархост карда бошад ҳам, беки Ҷиззах бе рухсати амир ин корро карда наметавонист. Черняев истифодаи қувваи ҳарбиро ягона роҳи мақбул ҳисоб карда, 7 феврал зери фармони подполковник Пистолкорс аввал 2 рота, 400 нафар казак, 2 мил замбарак, баъдан боз 2 рота ва 2 мил замбаракро ба ҷониби Ҷиззах равон кард.

---

[1] Зиёев Ҳ. Завоевание Бухарского и Хивинского ханств царизмом // Общественные науки в Узбекистане. – 1990. - № 8. - С. 30-31; Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. - Тошканд: Шарқ, 1998. - С. 210.

[2] Мирза Абдулазим Соми. Туҳфайи шоҳи // Дастхати МДШ назди ИДШТ ба номи Абӯрайҳони Берунӣ, нусхаи №2091, варақи 200; Епифанова Л.М. Рукописные источники по истории Средний Азии периода присоединения её к России (Бухара). – Ташкент: Фан, 1965. – С. 30; Трактат Ахмада Дониша. История магнитской династии / Перевод, передисловие и примечания Н.А.Наджафовой. – Душанбе: Дониш, 1967. - С. 44; Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. - Тошканд: Шарқ, 1998. - С. 217.

Ҳимоятгарони шаҳр зидди лашкари истилогарон сахт истодагарӣ карданд. «Ҳокими қалъаи Ҷиззах Яъқуббек ном як ғулом ба ҳимояи қалъа ҳозиру нозир буд. Подшоҳ (амир Музаффар) ба Самарқанд омада, аз он ҷо пай дар пай дастаҳои илғорро фиристода, Ҷиззахро аз лашкари беҳисоб мамлу сохт. Аммо кофирон ин лашкарро ба ғафлат гузошта, 5-уми моҳи шаввол, рӯзи душанбе бо гурӯҳи иборат аз 20-80 нафар ба бозори назди қалъа омада, бо ҳилаю найранг хостанд ба шаҳр дохил шаванд. Ин вақт мардум малъунони манҳусро шинохта, шӯр бардошта, онҳоро аз чаҳор тараф иҳота намуданд. Кофирон бечуръатӣ ва беҳимматии манғитиёнро дониста аз тӯпу тӯфанг тир парронида, ақиб гашта эмин монданд ва сиҳату саломат ба қӯшҳои худ бозгаштанд»[1]. Лашкари подшоҳи рус зери борони тир ба тарафи Чордара маҷбуран ақиб нишастанд. 8-10 ҳазор аз мудофеони ватандӯст ин лашкарро иҳота намуда мехостанд ба онҳо зарбаи хунбор зананд. Махсусан, зери фармони Ҷиянхоҷа тӯқсабо мудофеони Ҷиззах сахт ҷанг мекарданд[2].

Танҳо намояндаи машҳури ҳаракати қазоқон Содиқтӯра бо дастаи 60 нафараи худ чандсад нафар казакҳои русро то Чордара таъқиб намуда, аслиҳа ва аспҳои душманро ғанимат гирифт[3]. Юриши русҳо ба Ҷиззах бо мағлубият анҷомид. Сардори гарнизони Ҷиззах Ёқуббек «дастаи русҳо саркӯб гардид. Онҳо шарманда, бо сару абрӯвони канда бозгаштанд. Акнун барои озод кардани сафирони рус на фақат Тошканд, балки Чимкент ва Туркистонро ҳам талаб кардан мумкин», - гӯён бо муболиға ба амир ҳисобот дода буд[4]. Бефоида будани идомаи муҳорибаро Черняев дарк карда 11 феврали соли 1866 ба тарафи Тошканд ақиб нишаст. 14 феврал ӯ ба Тошканд омада расид. Мағлубияти Черняев маъмурони олии ҳарбии русро ба ташвиш

---

[1] Аваз Мухаммад Аттор Хӯқанди. Тарихи жахоннамой. - С. 130.

[2] Зиёев Х. Завоевание Бухарского и Хивинского ханств царизмом // Общественные науки в Узбекистане. – 1990. - № 8. - С. 30.

[3] Павлов Н. История Туркестана (в связи с историческим очерком сопредельных стран, Персин, Афганистана, Белуджистана, Индии и Восточного Туркестана) - Ташкент, 1911. - С. 164.

[4] Зиёев Х. Завоевание Бухарского и Хивинского ханств царизмом // Общественные науки в Узбекистане. – 1990. - № 8. - С. 31 (аз “Русский вестник”. – 1868. - №2 гирифта шудааст).

андохт. 27 марти соли 1866 ба ҷои ӯ муҳаррири журнали «Русский инвалид» генерал Д.Романовский губернатори ҳарбӣ таъйин мешавад[1].

Д. Романовский нисбати Черняев ба фармон ва дархостҳои Н. Крыжановский ба тарзи қатъӣ амал мекард. Д. Романовский барои муътадил сохтани вазъият ва барои ба тартиб овардани муносибатҳои тиҷоратӣ дастур гирифта буд. Бар замми ин Н. Крыжановский дар номаи ба Романовский ирсол кардааш навишта буд, ки: «аз амир ҳама чизро талаб карда, ба ӯ ҳеҷ гуна тарафгирӣ зоҳир кардан мумкин нест». Ба Д. Романовский барои ҳаракатҳои ҳарбӣ ҳам изн дода шуда буд[2].

Дар Бухоро ҳам дар ин вақт вазъият хеле тезутунд шуда буд. Аҳолӣ аз бепарвоӣ ва сустии амир ва атрофиёни ӯ, аз муттаҳид карда сафарбар карда натавонистани қувваҳои ватанпарвар дар навбати аввал зиёиён, рӯҳониён, уламои мадраса ва толибилмон норозӣ буданд. Маркази ин норозигиҳо мадрасаҳои Бухоро буданд. Зидди истилои подшоҳӣ раиси Бухоро Боқихоҷа «ҷиҳод» эълон намуд. Ӯро дар ин ҷода Мулло Акромхоҷаи Хӯқандӣ ва мулло Ёқуби Хатлонӣ барин уламоёни мусалмон дастгирӣ мекарданд. Ба фатвои «ғазовоту ҷиҳод» чандин олимони ислом имзо ва мӯҳри худро монданд. Боқихоҷа шахсан ба мардуми норозӣ сардор шуда ба майдони Регистон овард. Тарафдорони ҷиҳод дар Регистон ҷамъ шуда «ал-ҷиҳод!» гӯён дод мезаданд. Дарвозаҳои бастаи арк зери борони санг гирифта шуд. Барои музокира бо норозиён ва пахши баромади омма аз тарафи амир Сулаймонхоҷа фиристода шуда буд, аммо ӯро ҳам зери сангборон гирифта бозгардониданд[3]. Ин сели норозигӣ амирро саросема карда, маҷбур кард, ки ҳатто аз Иброҳим парвоначӣ, ки барои зид баромаданаш ба юриши Хӯқанд дар ҳабс буд, маслиҳат пурсад. Абдулсаттор иноқ ва Ёқуббии қӯшбегӣ ҳам

---

[1] Макшеев И. Исторический обзор Туркестана и наступательного движения в него русских. - СПб., 1890. - С. 240.
[2] Попов А.Л. Из истории завоевания Средней Азии // Исторические записки. – 1940. - № 9. - С. 214; Халфин Н.А. Политика России в Средней Азии (1857- 1868). - М., 1960. - С. 34.
[3] Мирза Абдалазим Сами. Тарих–и салатин–и мангития. (Издания текста, предисловие,перевод и примечания Л.М. Епифоновой). - М.: ИВЛ, 1962. - С. 60 - 61; Мирза Абдалазим Соми. Тухфайи шоҳи // Дастхати МДШ назди ИДШТ ба номи Абӯрайҳони Берунӣ, нусхаи №2091, вароқи 202-203; Епифанова Л.М. Рукописные источники по истории Средний Азии периода присоединения её к России (Бухара). - С. 31-34; Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. - Тошканд: Шарқ, 1998. - С. 222.

зидди бастани сулҳ бо русҳо баромаданд[1]. Мувофиқи ёддошти муаррих Сомӣ амир «ба юриши зидди истилогарон беихтиёр қарор қабул карда, барои ғазоти муқаддас, рӯзи панҷшанбе бо лашкари беадад ва бо хайрхоҳони беҳисоб пой бар авранг гузошта, аз Бухорои шариф муроҷиат намуд»[2].

Дар Бухоро сафарбарии умумӣ эълон карда мешавад. Тахминан аз 60 то 100 000 нафар издиҳом барои «ҷанги муқаддас» ҷамъ омаданд[3].

Ин аскарони ҷамъшуда ва аксарият аз ғозиёни ихтиёрӣ мусаллаҳ набуданд. Аксари онҳо бо калтакҳои сегаза (тахм. 1 газ-50 см), ходa, пилтамилтиқ ва найза мусаллаҳ буданд. Дар лашкари амир боз 36 мил тӯп ҳам будааст. Аҳмади Дониш ин «ҷиҳод»-ро хеле сахт танқид кардааст: «...одамони дар умрашон овози замбарак ва тирро нашунида ва майдони ҷангро тасаввур намекарда онро аз як майдони гӯштингирӣ иборат медонистанд... Уламо мардумро ба ҷанги муқаддас даъват карда душман кисту аслиҳаи ӯ чи тавр аст, чизе намедонистанд… Дар вақти осоиштагӣ аскарон нақди ҷони худро пешакӣ мегиранду дар вақти ҷанг бошад фуқаро дар сафи аввали ҷанг меистад. Чунин тартиб ва қоида дар ҳеҷ як мамлакат ва миллат нест. Баръакс, пеш аз ҷанг аввал ба мардум машқи ҷанг, хусусан тӯпандозӣ, милтиқпарронӣ, шамшерзаниро омӯзонидан лозим буд… худи лашкар аз аскарони бетаҷриба ва ҷангнодида, аз мардуми бозорӣ ва дарбадари майдони ҷангро нодида ташкил ёфта буд, бечора фуқаро дар ин ҳол чӣ кунад» менависад ӯ[4].

Ба ҷиҳод миёнбастагон ҷанги зидди русҳоро як “сайри гули сурх” тасаввур мекарданд. Вақте ки онҳо аз Бухоро баромаданд, муқаддимаи ин “лашкар” дар Самарқанд, охири он дар пойтахт буд. Баъзе иштирокчиён бо тамоми хешу табори худ аз субҳ то бегоҳӣ хайру хуш менамуданд. Қисми аввали роҳишуда баъди паймудани чанд фарсах ёди хонаву ҷой карда, нону

[1] Мирза Абдалазим Сами. Тарих–и Салатин–и Мангитийа. (Издание текста, предисловие, перевод и примечания. Л. М. Епифанвой). - М., 1962. - С. 62 – 61; Мирза Абдалазим Соми. Тухфайи шоҳий // Дастхати МДШ назди ИДШТ ба номи Абӯрайҳони Берунӣ, нусхаи №2091, варақи 211.
[2] Мирза Абдалазим Сами. Тарих–и салатин–и мангитийа… – С. 62.
[3] Зиёев Х. Завоевание Бухарского и Хивинского ханств царизмом // Общественные науки в Узбекистане. - 1990. - № 8. - С. 31.
[4] Трактат Ахмада Дониша. История мангитской династии (Перевод, предисловие, примечания Н. А. Наджафовой). – Душанбе, 1967. – С. 44-45.

оши якрӯзаи ҳамроҳ гирифтаашонро истеъмол карда бозмегаштанд. Ин буд “ғазот”-у инҳо буданд “ғозиён”!?

Вақте ки амир ба муборизаи зидди русҳо омодагӣ медид, моҳи феврал–марти соли 1866 Содиқ Кенесарин дар атрофи Чордара, дар атрофи Тошканд, ва соҳилҳои Чирчиқ вакили амир маҳсубшудагон Рустамбек, Ботирбек қурама, Фармон додхоҳ ва дигарон ба ҳаракат омаданд. Амир ба вакили худ Рустамбек нома фиристода, ӯро ба ҷиҳод даъват мекунад. Рустамбек бошад аз номи амир варақаҳо паҳн карда халқро зидди лашкари рус ба ҷанг даъват менамояд. Аз номи аҳолии паси Чирчиқ оқсақол Муллоёр аз амир барои озод кардани ин диёр мадад пурсида дар муборизаи ӯ алайҳи истилогарон хайрхоҳии худро изҳор месозад[1].

Дар ин вақт подполковник Краевский ба 5 рота сардор шуда, барои муҳофизати ҳудудҳои забтшуда муваззаф мегардад. Капитан Абрамов бо 3 рота, 100 нафар казак, 2 мил тӯп Чордараро аз дасти бухороиён кашида гирифта ба ғанимати зиёде соҳиб гашт[2].

Губернатори ҳарбии вилояти Туркистон генерал Д. Романовский бошад, дар наздикии Ҷиззах, дар мавзеи Мирзоработ, тахминан 2-3 ҳазор дастаи бухороиёнро бо отряди 200 нафараи казакҳои худ ва 2 дона тӯп саркӯб карда, молу амволи зиёдеро ғанимат гирифт[3].

Лашкари рус асосан дар Чиноз ҷамъ шуданд. Губернатори ҳарбӣ Д. Романовский ба ҳолати танги молиявӣ ва ҳарбӣ афтода аз Оренгбург ёрдам ҳам пурсида буд[4]. 26 апрели соли 1866 аз округи ҳарбии Сибири Ғарбӣ ба Романовский ба тариқаи ёрдам 2 рота, 100 нафар казак ва 2 мил тӯп фиристода мешавад. Русҳо ҳам ба муҳорибаи дар пеш истода омодагӣ мебинанд. Мукотибаи байни амир ва Романовский бесамара анҷомид.

[1] БМД ҶӮз, Ф. - 450, рӯйхати 1, парвандаи-13, варақҳои 324 -325.
[2] Макшеев А. И. Исторический обзор Туркестана и насупателного движения внего русских. - СПб., 1890. – С. 242; Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. – Тошканд: Шарқ, 1998. – С. 222.
[3] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхат-1, парвандаи-34, варақҳои 10 -11.
[4] Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарнши кураш. - С. 224.

Россияи подшоҳӣ ба амир чанд даъвоҳоро пеш оварда, аз ҷумла, ӯро ба боздошти ҳайати сафорати рус айбдор карданд[1].

Амир ба лашкари худ баҳои баланд дода бо дабдаба ба ҷониби Сирдарё равон шуд. Аввал аз Ҷиззах гузашта ба мавзеи Сассиққӯл (номи дигари он Эрҷар – С.Б.), ки дар соҳили рости Сирдарё ҷойгир буд, омада расид. Амир хони Хӯқанд Худоёрхонро, ки худаш ба тахти хонӣ нишонида буд, ба ҷанги зидди русҳо ҷалб карданӣ шуда, ӯро ба ин маърака даъват кард. Худоёрхон ба амри амир итоат карда бо як қисми лашкараш то деҳаи Қайрағоч омада бошад ҳам ба ҷанг надаромада, ғазаби амирро паси сар карда ба Хӯқанд боз гашт[2]. Амир «Оллоёрбеки манғит, Яъқуббекғулом, Шералӣ ғулом ва дигар саркардаю пансадҳоро бо лашкари чандҳазора зидди русҳо ба ҷанг амр намуд»[3]

Аскарони ихтиёрӣ ва як қисми лашкар ба сӯи Чирчиқ, қисми дигар ба ҷониби Чордара фиристода шуданд[4]. Амир Музаффар барои бастани роҳи лашкари рус Оллоҳёр девонбегиро бо лашкари 30 000 нафара барои ишғоли марраи ҷанг вазифадор намуд. Лекин худи амир дар деҳаи Ругуни наздикии Ӯротеппа ба духтари 10 солаи девонбегӣ зӯрӣ карда, ӯро ҳалок менамояд. Ваҳшонияти ин амири беномус боиси аз вай рӯй гардонидани Оллоҳёр девонбегӣ ва хешони ӯ Тӯхтамишбек ва Фозил додҳоҳ гашта, нисбати амир ҳисси душманиро пайдо кунонид[5]. Баъдтар ин саркардаҳо майдони ҷангро тарк карда, ба Хавос рафтанд. Ин ҳол ба натиҷаи муҳориба ҳам таъсир кард. Кирдори амир миёни ҳарбиёну навкарон ва саркардаҳо, миёни аҳолии Ӯротеппа ҳам ҳисси норозигӣ ва нафратро бедор намуда буд[6].

Ниҳоят, дар аввали моҳи майи соли 1866 дар мавзеи миёни Чиноз ва Хуҷанд будаи Эрҷар (Сассиққӯл) лашкар расида омад. Муаллифони маҳаллӣ ҷанги назди Эрҷарро “ҷанги майда лулғун» ё «ҷанги Майдаюлғун» -гӯён

---

[1] Ҳамон ҷо. - С. 225.
[2] Аваз Мухаммад Аттор Хӯқанди. Тарихи жаҳоннамой / тарҷимон Ш. Воҳид) // Шарқ юлдузи, 1991, № 8. – С. 131.
[3]Ҳамон ҷо.
[4]Зияев Х. Завоевание Бухарского и Хивинского ханств царизмом // Общественные науки в Узбекистане. – 1990. - № 8. – С. 31.
[5] Туркистон чор Россияси мустамлакачилиги даврида. – Тошканд: Шарқ, 2000. - С. 95-96.
[6] Ҳамон ҷо. - С. 96.

ёдовар мешаванд[1]. Амир Музаффар дар 1 фарсахмии (6-8 км) майдони ҷанг қароргоҳи худро ташкил кард. Ба замми ин, амир ба таври махфӣ ба аҳли Тошканд ҳам вакил фиристода, онҳоро ба шӯриши зидди русҳо даъват карда, дастгирии онҳоро дархоста буд[2]. Тибқи маълумоти манбаъҳои рус шумораи аскарони мусаллаҳи амир ба 5000 нафар ва тӯпҳои ӯ ба 21 адад то расида будааст[3].

Лашкари рус таҳти фармони генерал Д. Романовский 7 майи соли 1866 аз Чиноз бо 14 ротаи пиёдагард, 500 нафар казак, 20 тӯп, 8 аслиҳаи ракетапарронӣ ба роҳ мебарояд[4]. Амир ба ғалабаи худ бовар карда, вазъиятро ба ҳоли худ гузошта буд. Ӯ дар чодар ба шоҳмотбозӣ машғул буда, сари чанд вақт ба сардори тӯпчиён Салимбӣ ва сардори лашкар Шералӣ одам фиристода мефармуд, ки баъди мағлубияти русҳо хазинаро ҳифз кунанд, аскарони русро бисёр накушанд, бештар асир гиранд, чунки дар оянда ба дигар мақсадҳо аз онҳо истифода бурдан мумкин мешавад.

Яҳёхоҷа охунд бошад, дар назди аскарон доир ба фазилатҳо ва савоби «ҷиҳод» сӯҳбат карда, рӯҳияи аскаронро баланд мебардошт[5]. 8 майи соли 1866 лашкари бухороиён бо истилогарон дар соҳили Эрҷар бо ҳам рӯ ба рӯ шуданд. Дар ин ҷанг аввал дасти бухороиён каме боло шуд, баъдан лашкари рус машъали ғалабаро ба даст гирифтанд. Дар хусуси ин ҷанг муаррихи хӯқандӣ Аваз Муҳаммад Аттор менигорад: «Лашкари ислом ба ҳаракат омада ба майдони ҷанг бо ҷасорат даромаданд ва тӯпу – тӯфангҳоро ҳозир карда, чун садди искандарӣ сафҳои худро мустаҳкам намуда, кофиронро мунтазир шуданд. Якшанбе рӯзи ибодати кофирон аст. Баъд аз зӯҳр аз

[1] Эрҷар дар масофаи 40 верст (верста ё чақрим ба 1,06 км баробар аст) аз Хуҷанд ҷойгир буд. (Каталог военно–исторического отдела Туркестанской выставки в 1890. Краткий очерк завоевания Средний Азии. – Ташкент, 1890. – С. 16.) Соми муҳорибаи Эрҷарро «Воқеаҳои Майдаюлғун» меномад, Аттор Хӯқанди бошад ин ҷангро «Ҷанг дар мавзеи Майда лулғун», Аҳмад Дониш бошад «Ҷанги Сассиқ кӯл» номидааст. Дар ин бора нигаред: Мирза Абдилазим Сами. Тарих-и салатин-и мангития (Издания текста, предисловие, перевод и примечания. Л. М. Епифановой). – М.: ИВЛ, 1962. – С. 62-61; Трактат Ахмада Дониша. История мангитской династии (Перевод, предисловие, примечания Н. А. Наджафовой). – Душанбе, 1967. – С. 47; Аваз Мухаммад Аттор Ҳӯқанди. Тарихи жахоннамой. - С. 131

[2] Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарнши кураш. - С. 227.

[3] Ҳамон ҷо.

[4] Макшеев А.И. Исторический обзор Туркестана и наступательного движения в него русских. - СПб., 1890. - С. 242.

[5] Трактат Ахмада Дониша. История магитской династии. - С. 47.

ибодат фориғ шуда, урус омада ба лашкари ислом ҳуҷум оғоз кард. Ҳар ду тараф бо ҳам мулоқӣ шуда ҷанги ақли дида ва шунидаро ба ҳайрат меовардаро оғоз карданд.

Манғитон, ки дар давоми солиёни зиёд муфт нони мардумро хӯрда хобида буданд, солиёни зиёд на худашон ва на обо ва аҷдоди онҳо ҷангро надида буданд, ба пешу ақиби худ нигоҳ накарда гурехтанд… Подшоҳи Бухоро аз масофаи як фарсах бо дурбин ҷангро тамошо мекард. Кофирон манғитони беҳушро бо тӯпу тӯфанг мезаданд. Лашкари ислом парешон ва пароканда шуда, ба чӯлу биёбон мегурехтанд[1].

Аҳмади Дониш менависад, ки дар натиҷаи ин таъқиб лашкари пароканда 5000 нафарро аз даст дода, қисме ғарқ, қисме дар дашту биёбон осемасар гашта қурбони ҳайвоноти ваҳшӣ шуданд[2]. Амир тамоми буду нобуди худро партофта аввал ба Хавос, баъд ба Самарқанд гурехт. Дар Самарқанд аскарони аз Эрҷар гурехта омада, ба ӯ илҳоқ мешаванд.

Рӯзи 9 май лашкари рус ба қароргоҳи амир расида молумулк ва аслиҳаи партофта рафтаро бо ашёҳои қиматбаҳо тороҷ карданд. Онҳо аз чодиру хаймаҳои амир барояшон сару либоси ҳарбӣ дӯхта буданд[3]. Рустамбеки ба ғалабаи амир бовар карда, бехабар аз мағлубият дар атрофи Паркент ҳаракати худро бомуваффақият оғоз карда буд[4].

Баъди мағлубияти Эрҷар ба дасти Романовский 22 дона тӯпи гуногун, зиёда аз шаш пуд борут, 220 ҳазор тир ва аслиҳа ғанимат афтод. Муҳорибаи назди Эрҷар аз ночории аҳволи ҳарбии аморат, парокандагӣ, ақибмонии он аз замона, ташкил карда натавонистани ҳаракоти ҳарбӣ дар асоси талаби давр, худсарии саркардагон, аслиҳаи аз даврони қадим бозмондаи лашкар, нотавонии амир, ҷаҳолати атрофиёни ӯ ва белаёқатии саркардаҳои аморат дарак медод. Муҳорибаи Эрҷар рӯҳияи лашкари дар остонаи Ҷиззах мағлубшудаи Россияро хеле бардошт. Ҳукумати рус ҳам аз ин ғалаба

---

[1] Аваз Муҳаммад Аттор Ҳӯқанди. Тарихи жаҳоннамой. - С. 131-132.
[2] Трактат Ахмада Даниша. История мангитской династии. - С. 47-48.
[3] Абаза К.К. Завоевание Туркестана. - СПб, 1902. - С. 34.
[4] Макшеев А.И. Исторический обзор Туркестана и наступательнога движения в него русских. - СПб., 1890. - С. 245.

мамнунияти худро изҳор кард, ҳатто худи император дар ин бора махсус телеграммаи табрикотӣ ирсол намуд[1].

Романовский аз фикри таъқиби амир даст кашида диққати худро ба забти шаҳри дар соҳили Сирдарё ҷойгирифтаи Хуҷанди қадимӣ бозгардонид. Хуҷанд аз 19 майи соли 1866 ба муҳосира гирифта шуд[2].

24 майи соли 1866 Хуҷанд аз тарафи лашкари рус истило гашт. 26 майи соли 1866 бошад, қалъаи Нов, ки тобеи Бухоро буда, дар ҷануби Хуҷанд ҷойгир буд, забт гашт[3].

Ишғоли Хуҷанд ва Нов Хӯқанд ва Бухороро аз ҳам ҷудо кард. Амир Музаффар баъд аз муҳорибаи Эрҷар сафирон ва тоҷирони русро, ки дар гарав буданд, озод кард ва онҳо зери назорати Абдулғаффорбек 22 июни соли 1866 ба Тошканд расиданд. Аз ин пештар 19 май амир аз кардаҳои худ пушаймон гашта аз маъмурияти рус узр ҳам пурсида буд. Дар ҷавоб ҳукумати рус ҳам сафирони бухороиро бо роҳбарии Наҷмиддинхоҷа аз Казалинск барои бозгашт ба ватанашон иҷозат дод.

Генерал-губернатори Оренбург Н. Крыжановский, ки сиёсати дурандеши давлати худро дар амал татбиқ мекард, боз дар орзӯи тамоман нест кардани хонигари Хӯқанд буда ба Д. Романовский дар нисбати Бухоро ҳам «ба ҳеҷ тараф майл кардан лозим» - гӯён таъқид карда буд[4]. Аввали моҳи июли соли 1866 Д. Романовский ҳам ба Тошканд бозмегардад. Ӯро барои бастани сулҳ ё муоҳида бо амир ваколате набуд. Аз ин боис ба муроҷиатҳои амир, ки тавассути Абдулғаффорбек расида буд, “ба амир ҳудудҳои забтшуда ҳеҷ вақт боз гардонида намешавад, баръакс амир барои хароҷоти лашкари рус бояд 80 000 тилло товони ҷанг доданаш лозим” гӯён ҷавоб дод[5].

Ҷанги Эрҷар ва ишғоли Хуҷанд амирро дар ҳолати хеле вазнин гузошт. Амир бо ин ба итмом нарасидани истилои русро дарк карда, бо роҳбарии

---

[1] Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. - С. 230-231.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Зиёев Х. Завоевание Бухарского и Хивинского ханства царизмом // Общественные науки в Узбекистане.- № 8. - С. 32.
[4] Терентьев М. История завоевания Средней Азии. – СПб., 1906. – Т. 1. - С. 362; Попов А.Л. Из истории завоевания Средней Азии // Исторические записки. – 1940. - №9. – С. 215.
[5] Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. - С. 238.

муфтӣ Муҳаммад Порсохоҷа намояндагони худро бо мактуби дархостӣ барои мадади ҳарбӣ ба Туркия ирсол карда буд[1]. Аммо ин илтимосҳои амири Бухоро ба Туркия ва Англия бечавоб монданд[2].

Тибқи маълумоти Ҳамид ибни Боқихоҷаи Бухорӣ (ӯ писари қозӣ Боқихоҷаи садр аст – С.Б.) амир Музаффар бар зидди истилои Россия ба воситаи Туркия аз Англия ва Франсия ёрдами ҳарбӣ пурсида буд[3]. 17 августи соли 1866 генерал-губернатори Оренбург Н. Крыжановский барои ҳалли «масъалаи Бухоро» ба Тошканд меояд. Н. Крыжановский барои бо амир бевосита муносибат барқарор ва аҳдномаи сулҳ имзо кардан аз тарафи император ваколат гирифтанашро маълум карда, ба Тошканд ирсоли сафири Бухороро талаб мекунад. Ҳамчунин, ӯ ба аҳолии Бухоро муроҷиат мекунад ва дар бад шудани муносибатҳои тарафайн фақат амирро айбдор дониста, мубориза бар зидди лашкари рус «марг ва бадбахтӣ» меорад гӯён таъкид месозад[4]. Д. Романовский агар амир ба таклифи Н. Крыжановский дар давоми 20 рӯз ҷавоб надиҳад, дарҳол аз оғози ҷанг мактуб навишта хабар мефиристад. Ва ҳол он, ки амир Садрмир Холиддинов ном одамро дарҳол ба сифати сафир фиристода буд. А. Романовский ба талаби товон пардохтан ва муносибати амир ба ҳудудҳои ишғолгардида ва набудани ваколати сафири Бухоро 12 сентябри соли 1866 номаи нави Крыжановскийро ба амир ирсол кард.[5] Ин дафъа амири Бухоро ба дахолат карданаш ба умури дохилии хонигарии Хӯқанд айбдор дониста, ӯро ба “вайронгари сулҳ” муттаҳам намуданд. Аз амир ба корҳои Хӯқанд мутлақо дахолат накардан ва фиристодани хони ҷавон Султон Саййидхон талаб карда шуд. Ба зиммаи амир дар Бухоро барои муҳофизати манфиатҳои табааи Россия ҷорӣ кардани

---

[1] Дар хазинаи ИШ АУ РӮз. ба номи Абурайҳон Берунӣ зери рақами 282/IV ва дар китобхонаи хусусии Равнақии Шаҳрисабзӣ (Шаҳрисабз, Ӯзбекистон) мактуби аз номи амири Бухоро ба султони Туркия бо талаби мадад иншошуда маҳфуз аст. Аз мазмуни мактуб маълум мешавад, ки онро амир баъди забти Хуҷанд хостааст ба Истамбул ирсол кунад. Дар ин бора асноди бойгонӣ хабар медиҳад, ки вакили амир охирҳои соли 1866 ба Туркия равона шудааст. Нигаред: БМД ҶӮз, ф–715, рӯйхати 1, парвандаи 34, варақи 6.
[2] Туркистон Чор Россияси мустамлакачилиги даврида. - Тошканд: Шарқ, 2000. - С. 94-95.
[3] Ҳамид ибн Боқихӯҷа. Танзил-ал амсол фи зикри баён ал-аҳвол // Дастхати ИШ АУ РӮ ба номи Абӯрайҳони Берунӣ, № 602, варақи 170[а]. Боз нигаред: Епифанова Л.М. Рукописные источники по истории Средней Азии периода присоединения ее к России (Бухара). – Ташкент: Фан, 1965. - С. 68.
[4] Нигаред: Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. - С. 239-240.
[5] Ҳамон ҷо.

амали корвонбошии рус, ки ба амир ҳуқуқи ҳар вақт муроҷиат карданро дошта тавонад бор карда шуд: дар шаҳрҳои аморати Бухоро табааи рус ҳуқуқи корвонсарой доштанро пайдо карданд, ба савдогарони рус ҳуқуқи бо тоҷирони бухороӣ баробар дода шуда, миқдори боҷ бо андози савдогарони маҳаллӣ мусовӣ карда шуд; аморат маҷбурияти ба миқдори 100 000 тилло товонпулии ҳарбӣ (контрибуция) пардохтанро гирифт. Ин товонпулӣ дар муддати 10 рӯз бояд пардохт мешуд. Сафири Бухоро ин шартҳоро қабул карда фақат барои пардохти товонпулӣ тамдиди мӯҳлатро пурсид. Крыжановский ин илтимосро дарҳол рад кард[1]. Крыжановский худаш ҳам медонист, ки ин ҷаримаи ҷангро дар чунин муддати кӯтоҳ пардохтан имкон надорад. Крыжановский, ки амалиёти ҳарбиро нисбати Бухоро роҳандозӣ карданӣ буд аз ин оҷизии амир истифода карда, онро ба ҳайси баҳонаи ҷанг истифода кард. Илова бар ин, Крыжановский дар мактуби худ ба номи вазири ҳарбӣ Милютин (аз 5 сентябри соли 1866) зидди Бухоро сар шудани юриши ҳарбиро ба тарзи аниқ тарҳрезӣ карда хабар дода буд. Ва ҳол он, ки сафири амир танҳо 13 сентябр қабул шуда буд[2]. Баҳонаи пардохт нашудани товонпулиро истилогарони Россияи подшоҳӣ барои пинҳон доштани ниятҳои ишғолгаронаи худ истифода бурданд. Бо ин мақсад, 23 сентябри соли 1866 полковники қисми ҳарбии Воронцов-Дашков ба қаламрави аморат дохил шуд[3]. Генерал Романовский бо 20 ротаи пиёдагард, 600 нафар казак, 28 дона тӯп бо ҳамроҳии Крыжановский зидди Бухоро лашкар кашиданд. Нуқтаи аввали забт Ӯротеппа буд, ки девори баланд ва манораҳои мустаҳкам дошт[4].

Ӯротеппа 2 октябри соли 1866 забт шуд ва шаҳр ба тороҷ рафта, ғаноими зиёда ба дасти душман афтод. Дар миёни он 50 дона тӯпҳои қутрашон

---

[1] Макшеев А.И. Исторический обзор Туркестана и наступательного движения в него русских. - СПб., 1890. - С. 248; Попов А.Л. Из истории завоевания Средней Азии // Исторические записки. – 1940. - № 9. - С. 215; Покровский С.П. Международные отношения России и Бухары в дореволюционные время и при советской власти –до национального размежевания Средне-Азиатских Республик. - Ташкент, 1927. – С. 48; Халфин Н.А. Политика России в Средней Азии (1857-1868). - М., 1960. - С. 34.

[2] Халфин Н.А. Политика России в Среднй Азии (1857-1868). - М., 1960. - С. 35.

[3] Макшеев А.И. Исторический обзор Туркестана и наступательного движения в него русских. - СПб., 1890. - С. 248.

[4] Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. - С. 241.

мухталиф ҳам мавҷуд буд[1]. Аз ҷиҳати ҳарбӣ бартарияти лашкари рус, заифӣ ва пасмонии ҳаматарафаи лашкари Бухоро, бефарқ будани хонигариҳои Хӯқанд ва Хева ба истилои аҷнабиён, муносибати беинсофона ба тақдири мардуми кишвар, парокандагӣ ва ноаҳлӣ ба душман имкони том дод, ки қалъаи мустаҳками Ӯротеппа аз тарафи душман забт шавад.

Аз Ӯротеппа ба сӯи Ҷиззах равона шуда, лашкари рус зери фармони Крыжановский ва Романовский Зоминро соҳиб гирифта, барои забти Ҷиззах омода шуданд. Ин хабарро шунида амир Музаффар лагери ҳарбии худро ба наздикии Самарқанд кӯчонид[2].

Бо фаъол шудани ҳаракатҳои ҳарбии лашкари рус авзои дохилии аморат ҳам вазнин мешуд. Тирамоҳи соли 1866 дар Шаҳрисабз зидди амир шӯриш ба зуҳур омад. Амир барои пахши ин шӯриш маҷбур бар болои Шаҳрисабз лашкар кашид. Аҳолии нимкӯчии хитой-қипчоқи воҳаи Зарафшон то наздикии Ҷиззах ҳам зидди амир исён бардоштанд. Вақте ки амир ду нафар роҳбарони рӯйшинохтаи ин ду қабиларо қатл намуд, пешвои дигари ин қабоил Ҳотам мирохур додхоҳ бо 100 нафар навкари худ дар қарибии Ҷиззах дар ҳузури полковник Краевский паноҳ ёфт[3]. 20 000 лашкари ба Шаҳрисабз фиристода баъд аз задухӯрдҳои сангин ин бекигариҳои исёнкорро ба итоати амир даровbooyanд.

Ба ҳузури амир Музаффари аз тарс ба Бухоро бознагашта, ҳатто модараш омада барои баромадан аз бӯҳрони сиёсӣ ӯро ба иттифоқ бастан бо шаҳрисабзиён даъват намуда буд[4]. Маводи бойгонӣ маълумот медиҳад, ки барои аз ҳолати танги молӣ баромадан амир ба 2000 нафар лашкари туркманҳо амр кардааст, ки мулки қирғизҳо ва ҳудудҳои бо Россия ҳаммарзро тороҷ карда турктозӣ кунанд[5].

Генерал Н.А.Крыжановский бо лашкари рус ба қалъаи Ҷиззах наздик шуда онро хеле мустаҳкам дарёфт. Ҳокими он Оллоҳёр девонбегӣ бо 19

[1] Перомуни истилои Ӯротепа ва муҳорибаҳо барои забти он нигаред: Зиновьев М. Осада Ура-Тюбе и Джизака. Воспоминания об осенней экспедиции 1866 г в Туркестанской области // Военный сборник. – 1868. - № 3-4. – С. 5-6.
[2] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 34, вароқи 11.
[3] Ҳамон ҷо, вароқҳои 11-12.
[4] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 34, вароқи 25.
[5] Ҳамон ҷо.

нафар бекҳои шинохтаи дигар ба мудофиаи истеҳком камар баста, дарвозаҳои онро аз пушт хокрез карда буданд[1]. Мувофиқи маълумоти ҳарбиёни рус адади мудофиачиёни шаҳр аз 10 000 аскар иборат буда, 53 то тӯпро ба ҷанг ҳозир карда буданд[2]. Писари собиқ ҳокими Ҳирот Искандархон, ки дар муҳоҷират буд, ба хизмати амир даромада бо 200 нафар навкари худ ба сафи ҳимоячиёни шаҳр пайваст.

11 октябри соли 1866 генерал Н.А.Крыжановский бо лашкари худ муҳосираи Ҷиззахро оғоз кард. Оби шаҳрро баста, ба самти дарвозаҳои Самарқанд ва Ӯротеппа душман ба ҳуҷум гузашт.

Капитан Михайловский бо 4 ротаи пиёдагард ва 4 адад тӯп, подполковник Григорьев бо 4 рота ва 4 адад тӯп дар остонаи ин дарвозаҳо ҷой гирифтанд. Дертар полковник Воронцов-Дашков бо 2 рота, 200 нафар казак ва 4 тӯп дар қисми ҷанубу ғарбии шаҳр манзил гузиданд. Муҳосираи Ҷиззах як ҳафта давом намуд. Мудофиачиёни шаҳр ва қувваҳои ватанпарвар Ҷиззахро аз таҳти дил ҳимоя карданд. Мувофиқи ахбори манбаъҳои рус онҳо дар ҳеҷ кадом гӯшае ба чунин зиддияти сахт дучор нашуда будаанд. Ҳар рӯзи муҳосира бо муборизаи хунин меанҷомид. Шабона аҳли шаҳр ба ҳуҷум гузашта, ба аскарони рус шабохун мезаданд[3]. Мирзо Абдулазими Сомӣ аз ҷанги Ҷиззах ёдовар шуда менависад, ки аз рӯзи дуввуми муҳосира шаҳр зери тирандозии доимӣ гирифта шуда буд. Амир бошад ба истеҳком ва мудофиаи ин қалъа баҳои баланд дода, онро забт кардан номумкин медонист. Барои куштани ҳар як сарбози рус амир 1000 хӯқандӣ пул ҳам ваъда карда буд[4].

Аммо натиҷаи ҷанг ба ранги дигар анҷомид. Танҳо дар назди дарвозаи Тошканд 4.000 нафар мудофиачиён зери девор монда аз аскарони рус мадад пурсиданд. Генерал Абаза менависад, ки аскарон 2000 нафарро асир гирифта боқимонда аскаронро нобуд карданд[5]. Ба сабру тоқати мудофиачиёни шаҳр ҳарбиёни рус ҳам қоил монданд. Аз бесамар будани муқобилият ба

---

[1] Мирза Абдалазим Сами. Тарих-и салатин-и мангитийа. - С. 64.
[2] Макшеев А.И. Исторический обзор Туркестана и наступательного движения в него русских. - СПб., 1890. - С. 268.
[3] Абаза К.К. Завоевание Туркестана. - СПб., 1902. – С. 145.
[4] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 34, варақи 58.
[5] Абаза К.К. Завоевание Туркестана. – С. 147.

истилогарон як гурӯҳи ҳимоягарон худро дар анбори дору таркониданд, ярадорон бошанд ҳатто шикоятро ба худ ор медонистанд[1]. Шаҳр бераҳмона тороҷ карда шуда, хуни мардум чун сел равон шуда буд[2]. Боигарӣ хеле зиёд ғанимат гирифта шуд. Генерал-губернатори Оренгбург Н.А. Крыжановский дар хусуси забти Ҷиззах ба вазири ҳарбӣ Милютин телеграммаи шодбошӣ ирсол карда, ишғоли онро 18 октябр соати 12 нишон додааст. Хони Хӯқанд Худоёрхон бошад, ҳарбиёни русро бо ғалаба табрик карда ба ин истило бефарқ будани худро ошкор сохт[3].

Мағлубияти Ҷиззах ба амир сахт таъсир намуд. Дар ин бора муаррих Мирзо Абдулазими Сомӣ менигорад: «Ҳукмдор муттасил ба ғам ғарқ шуда, заифии дохилиро дарк намуда ба дидани чора ва тадбир оғоз кард. Амир нафарони аз ҷанги Ҷиззах гурехтаро дилдорӣ дода ҳар чизе ба чашмаш вохӯрад ба онҳо ҳадя мекард… шумораи ками зиндамондагон ҳам аксар ярадор ва хаста, пиёда ва бесилоҳ буданд... Баъди воқеаи Ҷиззах ҳукмдор аз Самарқанд сӯи Кармина равон шуд. Дар Самарқанд ӯ ҳокими Ғузор – фарзандаш Абдумалик тӯра, ҳокими Ҳисор Раҳмонкул парвоначӣ, лашкари Миёнкӯл ва навкарони бухориро гузошта, худаш пули хиштинро мустаҳкам намуда, назди он ҳам лашкар таъйин намуд»[4]. Баъди 15 рӯзи забти Ҷиззах рафтани амир Муззафарро тавассути дараи Илон ӯтти ба Самарқанд муаррих ҷудогона ёдовар мешавад[5].

Баъди аз даст рафтани Ҷиззах дар Бухоро аз мағлубияти лашкари амир миёни уламо ва аҳли шаҳр ҳаракати норизоӣ авҷ гирифт. Дар як вақт бар зидди зулми ҳокими Самарқанд Шералӣ иноқ ва ҳаммазҳабони шиаи ӯ мардуми шаҳр сар бардоштанд. Аз зулму ситами Шералӣ иноқ як гурӯҳи мардуми Самарқанд ба амир шикоят фиристода буданд. Амир ба ҷои нисбати ҳокими худсар чора дидан барои ҷазои мардум 1000 нафар аскарро

---

[1] Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. – Тошканд: Шарқ, 1998. - С. 246-248.
[2] Абаза К.К. Завоевание Туркестана. - СПб., 1902. - С. 147.
[3] Туркистон чор Россияси мустамлакачилиги даврида. - Тошканд: Шарқ, 2000. – С. 99-100.
[4] Мирза Абдалазим Сами. Тарих-и салатин–и мангитийа (издание текста, предисловие, перевод и примечания Л.М.Епифановой). – М.: ИВЛ, 1962. - С. 66.
[5] Ҳамон ҷо.

бо Орифбой, Мӯминҷон, Ӯринбой ва дигар амалдорони низомӣ ба Самарқанд равон намуд.

Лашкари Россияи подшоҳӣ ҳудудҳои васеъро дар як рӯз забт намуда, аз ҷиҳати ҳарбӣ ғолиб омада бошад ҳам, аз ҷиҳати сиёсӣ ҳоло ба муваффақияти назаррас нарасида буд. Вазири ҳарбӣ Милютин дар мактуби аз 1 ноябри соли 1866 ба Н.А.Крыжановский фиристодааш навишта буд, ки император «дигар ҳеҷ як истилоро намехоҳад», баръакс пеши роҳи нотинҷиро дар ин кишвар гирифта, бо аморати Бухоро савдоро ба роҳ мондан манзури назар аст[1]. Аз тарафи дигар, дар миқёси байналхалқӣ ҳам паст шудани обрӯи ҳукумати Россия манфиат надошт. Баробари қувват гирифтани зиддияти халқҳои Осиёи Миёна дар нисбати қувваҳои истилогаронаи рус мақом ва обрӯи ҳукумати подшоҳӣ боз ҳам паст шуда, аз назари сиёсӣ манфиате намеовард. Инро вазорати умури хориҷии Россия хуб дарк намуда буд. Бар замми ин, нобарориҳо дар баҳори соли 1867 ҳаракати дастаҳои озодихоҳи қазоқ зери раҳбарии писари Кенесери Қосимов – Содиқ тӯра Кенесарин дар атрофи Сирдарё авҷ гирифта буд.

26 майи соли 1867 генерал Абрамов аз Янгиқӯрғон дар масофаи 17 чақрим бо сарбозони 6.000 нафараи Бухоро задухӯрд карда, ба ақибнишинӣ маҷбур шуд. Барои боз гирифтани Янгиқӯрғон дар масофаи 7 чақрим бухороиён ба муҳорибаи тақдирсоз омода мешаванд. Дар ин ҷо зиёда аз 45.000 нафар ҳарбиён ва ихтиёриён ҷамъ шуданд. Дар миёни онҳо 1000 нафар сарбоз, 8000 нафар сарбози туркман, 250 нафар ихтиёриёни афғон, 15.000 нафар ҳалқи Бухоро ва қисми боқӣ «мардуми аз ҳар ҷою макон омада» буданд[2]. Абрамов бо 6 рота, 100 нафар казак ва 4 адад тӯп ба ҷанг ҳозир мешавад[3]. Тибқи маълумотҳо лашкари ватанпарваронро беки Самарқанд раҳбарӣ карда, дар сафи он бекҳои собиқи Ҷиззах ва Ӯротеппа ҳам буданд.

---

[1] Попов А. Л. Из истории завоевания Средней Азии // Исторические записки. – 1940. - № 9. – С. 215- 216.

[2] Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. – Тошканд: Шарқ, 1998. – С. 250. Зимни дигар маълумот шумораи лашкари бухороиён 20.000 нафар будааст. Нигаред: Макшеев А.И. Исторический обзор Туркестана и наступательного движения в него русских. – СПб., 1890. – С. 283.

[3] Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. - Тошканд: Шарқ, 1998. - С. 250.

Муҳорибаи сахти аввалин пештар 2 июни соли 1867 барпо шуда бошад ҳам он ба фоидаи ватанпараварони маҳаллӣ анҷом наёфта буд. Он вақт бухороиён ба тарафи Тошкӯпрук ақиб нишаста буданд. 5 июл ҳуҷуми онҳо ба Янгиқӯрғон ҳам бо мағлубияти онҳо итмом ёфт ва 70 нафарашон ҳалок ва ярадор шуданд[1].

Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки дар ин вақт Россия мақсади комилан забт кардани аморатро надошта, бар замми ин вазъи байналхалқӣ ва ҳам захираҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ имкони давом додани маъракаи ҳарбиро намедод. Боз ҳам қувват гирифтани зиддияти аҳолии кишвар бар зидди истилогарон Россияро ба бастани сулҳ водор мекард. Ҳукумати амир ҳам дар шароити вазнини иқтисодӣ ва сиёсӣ дар миёни мардум пасмондагӣ, аз ҷиҳати ҳарбӣ ақибмондагӣ, дар сиёсат бошад ношудии худро ошкор сохта, беобрӯ гашта буд. Ба туфайли ин амир ҳам ба сулҳ мӯҳтоҷ буд.

Маъмурияти Россияи подшоҳӣ таклифи сулҳро 12 сентябри соли 1866 аз номи генерал- губернатори Оренбург Н.А. Крыжановский пешниҳод мекунад[2]. Баҳори соли 1867 зимни таклифи Крыжановский амир вакили худ Мӯсобек мирохур Ҳакимовро ба Оренбург ба сифати сафир равон карда буд[3]. Моҳи майи соли 1867 сафир ба Оренбург расида ба амир боздодани мулкҳои истилошудаи Ӯротеппа ва Ҷиззах ва чун марзи давлатӣ қабул намудани соҳили чапи Сирдарёро таклиф менамояд. Миёни Н.А. Крыжановский ва сафир Мӯсобек мирохур музокираҳо ба амал омада, бо аморати Бухоро аҳдномаи сулҳ имзо мешавад. Дар ин муоҳида хати сарҳадот, дахлнопазирӣ ва муҳофизати он зери назорат гирифта шуда, ба табааи Россия барои савдои озод дар қаламрави Бухоро ва соҳибӣ кардан ба мулки ғайриманқул ҳуқуқ дода мешуд, андози боҷ барои савдогарони рус ва бухороӣ як хел муқаррар шуда, табааи Россия будагон барои ҷиноят танҳо аз тарафи генерал-губернатор ба ҷавобгарӣ кашида шуданашон таъкид шуда, сиёсати хориҷии

[1]Ҳамон ҷо. - С. 251.

[2] Покровский С.П. Международние отношения России и Бухары в дореволюционное время и при советской власти –до националъного размежевания Среднеазиатских республик. - Ташкент, 1927. - С. 48.

[3] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 34, вароқи 98.

Бухоро бо назардошти манфиатҳои Россия бояд амалӣ мегашт[1]. Лекин маълум аст, ки дар оянда наздик тадбиқи ин сулҳнома баъди таъсиси генерал-губернатории Туркистон ба тамом боздошт шуда буд.

1 сентябри соли 1867 сулҳномаи иборат аз 12 модда имзо шуда, тавассути Мӯсобек мирохур ба ҳузури амир барои тасдиқ ирсол мешавад.

Кауфман ба амир якҷоя бо матни сулҳ мактуб навишта ирсол сохт ва дар он амирро аз бад насохтани муносибат бо Россия огоҳ карда, дар акси ҳол ҷавоби ӯ муқаррар буданашро бо таҳдид маълум намуд[2].

Кауфман худаш ҳам имзои ин шартномаи сулҳ дар асл зери фишор ва зӯроварӣ амалӣ шуданашро хуб мефаҳмид. Барои ҳамин ин шартномаро ӯ «ултиматум номидан дурусттар аст», - гуфта, 13 ноябри соли 1867 дар мактуби ба вазири ҳарбӣ фиристодааш ҳам «Шартномаи Оренгбург» натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, гӯён таъкид карда буд[3].

Сафир Мӯсобек мирохур танҳо моҳи декабри соли 1867 ба Тошканд расид. Ӯ ба Кауфман аз иродатмандии амир ба шартҳои муоҳида хабар дода бошад ҳам, барои тасдиқ ҳуҷҷате пешниҳод карда натавонист. 19 декабри соли 1867 Кауфман ба амир дубора мактуб навишта, дарҳол шартномаро имзо карда, поручик Служенко ва 3 нафар аскари русро, ки боздошта шуда буд, озод намуда фиристоданашонро иброз месозад. Кауфман дар мавриди қабул нагаштани шартҳои пешниҳодшуда амирро аз оғози ҷанг огоҳ мекунад[4]. Амири бесару сомон, ки дар асл тарафдори сулҳ буд, аз тазйиқи қувваҳои ватанпарвар ва авҷ гирифтани норозигии халқӣ ба ҳарос афтода, имзои сулҳномаро ба таъхир меандохт. Бар замми ин, тибқи суханони сафир боз товони пулӣ ҳам пардохтан зарур мешуд. Амир "аз пардохти товонпулӣ норозигии халқ боз ҳам боло меравад" гӯён аз имзои муоҳида даст кашид. Ҳар ду тараф ҳам ба мустаҳкам кардани қувваҳои низомии худ машғул гаштанд. Дар ин вақт гурӯҳи Содиқ тӯра аз Нурота баромада моҳи июли соли 1867 дар Ҷиззах бо ҳарбиёни рус задухӯрд намуд.

---

[1]БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 35, варақи 9; Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. - Тошканд, 1998. - 251 с.
[2] Терентъев М.А. Россия и Англия в Средний Азии. - СПб., 1875. - С. 22-23
[3] БМД ҶӮз, Ф-175, рӯйхати 1, парвандаи 35, варақи 155.
[4] БМД ҶӮз, Ф-175, рӯйхати 1, парвандаи 36, варақи 260.

Аз тирамоҳи соли 1867 то аввали баҳори соли 1868 дар муносибатҳои байни Бухоро ва Россия сардӣ ҳукмрон бошад ҳам он як маром давом мекард.

Генерал-губернатор Кауфман барои тезтар ҳал кардани «масъалаи Бухоро» 28 феврали соли 1868 ба амир боз мактуб ирсол намуд. Дар он Кауфман барои аз ҷониби амир озод шудани подпоручик Служенко ва 3 нафар аскари рус миннатдории худро иброз карда, зудтар имзои сулҳномаро хоста буд. “Дар акси ҳол, – навишта буд Кауфман, – ман маҷбурам аз ваколатҳои ба ман додаи император истифода намоям”[1].

Вакили дипломатӣ, маслиҳатчӣ Струве ҳам ба қӯшбегии Бухоро хат навишта аз ӯ ҳам аз тарафи амир имзо кардани сулҳро пурсида буд[2]. Кауфман “амири Бухоро ҳам чун хони Хӯқанд шартномаи савдоро имзо карда ба зудӣ ба вассали Россия табдил меёбад”- гӯён тасаввур мекард. Аз ин сабаб, ӯ тезтар имзо шудани ин шартномаи нобаробарро талаб мекард. 2 марти соли 1868 аз қӯшбегӣ, 15 март бошад аз амир доир ба сулҳ мактуб расид. Амир хабар медод, ки перомуни сулҳ вакили худ Мирзо Шамсиддинро ба ҳузури генерал–губернатор фиристодааст[3]. Генерал – губернатор Кауфман ҳам баҳонаи амирро аз ин таъхирандозӣ хуб дарк мекунад ва ҷавоби навбатии амирро мунтазир нашуда, 14 марти соли 1868 вазири ҳарбӣ Милютинро аз имзо нашудани шартнома хабардор карда, дар мактуби дигараш (аз 22 марти соли 1868) зидди аморат муқаррар будани амалиёти ҳарбиро таъкид намуд[4].

Аз майли амир ба бастани сулҳнома бо шартҳои вазнин ва барои ин мақсад фиристода шудани Низомиддин ҳоҷӣ судур[5] фарзанди аршади амир валиаҳд Абдумалик тӯра, хоҳазодаи дар Самарқанд будаи амир Саид-Абдуллоҳ, беки Китоб Ҷӯрабек, аҳолии хитой-қипчоқ ва ӯзбекони дар

---

[1]БМД ҶӮз, ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 36, вараqи 26.
[2]Ҳамон ҷо. Вараqи 27.
[3]Ҳамон ҷо. Вараqи 128.
[4]Ҳамон ҷо. Вараqҳои 35, 37, 58.
[5]Ҳамон ҷо. Вараqи 49.

атрофи Самарқанд то Кармина буда, бо пешвоёни қабилаашон зидди амир баромада таҳдид мекарданд[1].

Дар наздикии Самарқанд бо даъвати уламои ислом қариби 20.000 нафар одам барои мубориза бо истилогарон ҷамъ шуданд[2]. Дар ин шаҳр норозигии омма ва исён то ба он дараҷа расид, ки барои пахши он саркардаи амир Усмонбек 62 нафарро ба қатл расонид[3]. 12 апрели соли 1868 дастаи афғонҳои собиқан ба тарафи амир гузашта бо саркардаи худ Искандархон аз амир рӯйгардон шуда бо 284 нафар ва 2 адад тӯп беки Нураторо мағлуб карда, тараддуди ба ҷониби русҳо гузаштанро карданд[4].

К.П. фон Кауфман 18 апрели соли 1868 аз Тошканд ба сӯи Ҷиззах равон шуда, 19 апрел аз Сирдарё убур намуд. Искандархони хоин ҳам дар ин ҷо ба лашкари рус омада ҳамроҳ шуд. Дар Ҷиззах генерал-губернатор К.П. фон Кауфман бо 25 рота, 700 нафар казак, 16 адад тӯп, ҳамагӣ бо лашкари 3500 нафараи рус ба аҳли Самарқанд муроҷиат менамояд[5]. Дар он 22 апрели соли 1868 Кауфман амирро ба нофаҳмии «ниятҳои хуби» маъмурияти рус айбдор карда барои ин «ҷурм» зидди ӯ оғоз гаштани амалияти ҳарбиро маълум кардааст. 24 – 26 апрели соли 1868 як гурӯҳ бекҳо ҳам вакилони худро ба ҳузури Кауфман фиристода ӯро аз имзо кардани сулҳ аз ҷониби амир огоҳ карда, аз генерал-губернатор сар накардани ҷангро илтимос мекунанд. Онро 8 нафар бек: Шералӣ иноқ (беки Самарқанд), Одил парвоначӣ (беки Чорҷӯй), Раҳмонқул парвоначӣ (беки Деҳнав) Абдулкаримбек (беки Ҳисор), Аҳмадбӣ парвоначӣ (туғбошии Бухоро), Низомиддин хоҷа судур (сардори туғбошиёни Самарқанд), Мӯминбек тӯқсабо (беки Қаршӣ ) имзо карда буданд[6]. Лашкари рус баробари расиданаш ба Янгиқӯрғон аз тарафи беки самарқандӣ Бобохоҷа ба амир хабар фиристода амри ӯро мунтазир буд[7]. Амир ба Самарқанд наомада вакили худ Мирзо Шамсиддинро фиристод. Дар

---

[1] Терентъев М.А. Россия и Англия в Средний Азии. – СПб., 1875. - С. 28.
[2]БМД ҶӮз, Ф-175, рӯйхати 1, парвандаи 36, вараqи 67.
[3] Терентъев М.А. Россия и Англия в Средний Азии. - С. 28.
[4]Ҳамон ҷо.
[5] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 36, вараqи 64.
[6]Ҳамон ҷо. Вараqи 18.
[7] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 36, вараqҳои 71-73.

баландии назди Самарқанд, ки бо номи Чӯпонато машҳур аст, ихтиёриён ва сарбозони амир ҷамъ шуданд. Вакили амир Мирзо Шамсиддин 1 майи соли 1868 ба Кауфман аз фардо омадани сафир хабар дода, хоҳиши амирро аз ӯ барои бозгаштани лашкари рус ба Янгиқӯрғон мерасонад. Вақте, ки аз номи амир Низомиддинхоҷа судур ба Кауфман шартномаи сулҳи худаш тартиб додаро месупорад, генерал-губернатор ин матни сулҳи пешина нест, гӯён онро рад намуд.[1] Дар асл барои Кауфман аз сулҳ дида ҷанг манзури назараш буд.

Мувофиқи маълумотҳо дар Чӯпон ато 12.000 аскари пиёда, 3.000 савора, 1500 тӯпчӣ, ҳамагӣ наздик 100.000 ҷамъ шуда буданд. 40 дона тӯп дар ду тарафи баландӣ ҷой дода шуда буд[2]. Муаррих Аваз Муҳаммади Ҳӯқандӣ хабар медиҳад, ки миёни муҳофизатгарон овозаи «сулҳ баста мешудааст» интишор шуда, бисёриҳоро дудила сохт[3]. Тибқи ахбори Аҳмади Дониш дар ҷанги Чӯпонато бисёр тӯпҳои бухориён носоз будааст[4]. Ҷанги Чӯпонато бо мағлубияти лашкари Бухоро ба анҷом расид. Дар ин муҳориба аз лашкари рус 2 нафар ҳалок шуда, 38 нафари дигар ярадор мешаванд[5]. Мағлубияти Чӯпонато тақдири Самарқанд ва аморатро ҳал карда буд. Аҳли шаҳр аз лоқайдӣ ва сиёсати ноӯҳдабароёнаи амир ва зулми ҳокими Самарақанд Шералӣ иноқ ба дод омада, 2 майи соли 1868 бо роҳбарии қозикалон вакилони худро мефиристанд ва ба Кауфман таслим мешаванд. Генерал – губернатор дарҳол ба император дар ин бора телеграммаи шодбошӣ фиристода, аз забти Самарқанд табрик мекунад[6].

11 майи соли 1868 баъди забти Самарқанд генерал-губернатор ба амир мактуби навбатиро фиристода, ба бад гаштани муносибатҳо боз ҳам амирро айбдор дониста, имзои сулҳномаи шартҳояш боз ҳам вазнинтарро талаб мекунад[7]. Шарти сулҳ асосан аз моддаҳои пешина иборат бошад ҳам, тибқи

---

[1] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 36, варақҳои 71-73.; Терентьев М.А. Россия и Англия Средней Азии. - С. 29.
[2]Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. - С. 261.
[3] Аваз Муҳаммад Аттор Ҳӯқандӣ. Таърихи ҷаҳонномо. - С. 135.
[4] Ахмад Дониш. История мангитской династии. - С.52.
[5] БМД ҶӮз, Ф-175, рӯйхати 1, парвандаи 36, вароқи 87.
[6] БМД ҶӮз, Ф-175, рӯйхати 1, парвандаи 36, вароқи 79.
[7]БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 36-, вароқи 90.

ахбори Аҳмади Дониш амир боз ба душман ба миқдори 170.000 тангаи тилло бояд товон медод[1]. Кауфман, ки мавқеъҳои муҳими стратегии аморатро ба даст оварда буд, фикр мекард, ки амир шартҳои сулҳро бе чуну чаро қабул мекунад.

Баъди забти Самарқанд, ҳарчанд Вазорати умури хориҷӣ ва Вазорати ҳарбии Россия дар бораи «Ба даруntари Осиё дохил нашуда лашкарро ба ҷои худаш бозгардонидан»[2] ба генерал-губернатори Туркистон телеграф фиристода бошад ҳам, Кауфман барои худаш роҳи дигар ихтиёр карданро маъқул донист. Чунки ин тавсияи ҳукумати подшоҳӣ танҳо як ниқоб буда, нияти аслии истилогаронро рӯйпӯш мекард. Вазири ҳарбӣ Д.Милютин ин тавсияҳоро ба Кауфман дода дар навбати худ таъкид намуда буд, ки “онҳо як тавсияи умумӣ ” буда, барои ба вазъият нигоҳ карда кор бурдан мамониат намекунанд[3]. Баъди ишғоли Самарқанд шӯрои ҳарбии даъватшуда маълум намуд, ки амалиётҳои ҳарбӣ зидди аморати Бухоро то “аз ҷиҳати сиёсӣ ” нест кардани он давом мекунад[4]. Шӯро тамоми ҳудуди забтшуда бечунучаро дар таркиби Россия монданашро тибқи қарор таъкид кард. Лекин ҳукумати Россия дар навбати худ аз кирдори истилогаронаи худ шарм карда, аз тезутунд шудани муносибатҳои байналхалқӣ ва муносибати манфии Англия ба рафтори ӯ ҳарос дошт. Зиёда аз ин, баъзе доираҳои сиёсии Петербург истилои ошкорои аморатро зоҳиран намехостанд. Ба ин мақсад, сардори штаби округи ҳарбии Туркистон А. Гейнс ва амалдори дипломатӣ К.Струве 17 майи соли 1868 ба Кауфман «Ҳамроҳ кардани Самарқанд ба Туркистони Россия, чораи ҳалли масъалаи Осиёи Миёна аст» ном матни маърӯзаро тақдим намуданд. Тибқи таклифи онҳо Кауфман «то имзои аҳдномаи сулҳ Самарқанд дар дасти русҳо чун гарав мемонад»-гӯён бо баҳонаи сохта баромад кард.[5] Ҳатто Кауфман аз мулки Самарқанд як маъмурият ё хонигарии ба русҳо тобеъро ташкил карданӣ шуда, хост, ки бо ҷияни амир Саид Абдуллоҳ алоқа барпо намояд. Аммо Саид Абдуллоҳ ба тарафи

[1] Ахмад Дониш. История мангитской династии. - С. 52.
[2] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 37, вароқи 5.
[3]Ҳамон ҷо, вароқи 7.
[4]Ҳамон ҷо, парвандаи 36, вароқи 409.
[5] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 37, вароқи 374.

ватанпарварони Самарқанд гузашт ва ин умеди Кауфманро ба боди фано дод.[1]

6 майи соли 1868 майор Штемпел бо 6 ротаи пиёдагард, 200 казак ва чанд тӯп мусаллаҳ шуда ба Челак юриш намуд ва рӯзи 7 май онро ишғол намуд. Ҳарбиёни рус қалъа ва казармаҳои бухориёнро вайрон карда партофтанд[2]. 11 май полковник Абрамов бо 6 ротаи пиёда, 200 нафар казак ба ҷониби Ургут равона шуда, Ургутро аз дасти беки он Ҳусайнбек бо роҳи музокира гирифтанӣ шуд. Ин хаёли ӯ нодуруст баромада, дар наздикии Ургут 12 май ҷанги сахте ба вуқӯъ пайваста, истилогарон дар ивази вайрон кардани деворҳои шаҳр ба он зада даромаданд. Муҳориба дар дохили шаҳр боз се соат давом карда, ба ҷанги мушт ба гиребон табдил ёфт. Душмани аз ҳар ҷиҳат маҷаҳҳаз 6000 нафар мудофиачиёни шаҳрро мағлуб карда онро ишғол намуд[3]. Аз мудофиачиён зиёда аз 300 нафар ҳалок гашта, 600 нафар захмдор шуда буданд. Русҳо бошанд як нафар кушта, як нафар бедарак ва 17 нафар ярадор доштанд [4].

Лашкари рус барои маҷбур сохтани амир ба имзои сулҳ ҳаракатҳои ҳарбии худро давом дод. 18 майи соли 1868 сардори лашкари вилояти Сирдарё генерал-майор Головачев бо 14 ротаи пиёда, 300 нафар казак, 4 адад тӯп Каттақӯрғонро ишғол намуд. Ҳокими Каттақӯрғон Умарбек бо шунидани хабари наздикшавии русҳо муқовимат нишон надода, ба Шаҳрисабз рафта буд.[5] Рӯзи ба Каттақӯрғон расидани генерал-губернатор (21 май) назди ӯ аз Бухоро 2 вакил ба сифати қосид омада, барои имзои шартномаи сулҳ фикри амирро иброз доштанд. Кауфман аз пайи тағйири шартҳои сулҳ шитофта авзои ба вуҷуд омадаро ба манфиати давлати рус бозгардонид. Ба матни муоҳидаи собиқ «Иловаҳо ба шартномаҳои сулҳ» ва «Иловаҳои махфии шартномаҳои сулҳ» ном 2 ҳуҷҷат зам гашт. Тибқи ин шартҳои нав амир бояд тамоми ҳудудҳои ба нав ишғолгардида, аз ҷумла, Каттақӯрғонро ҳам ба ихтиёри Россия дода, ба сифати товони ҳарбӣ аморат

[1] Терентьев М.А. Россия и Англия в Средней Азии. - СПб., 1875. - С.31.
[2] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 37, вароқи 113.
[3]Ҳамон ҷо.
[4] Абаза К.К. Завоевание Туркестана. - СПб., 1902. - С. 150.
[5] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 36, вароқи 113.

мебоист 125.00 тангаи тиллоӣ (баробар ба 500.000 рубли рус) мепардохт. Маблағи 10.000 тангаи он ҳамон замон, 90.000 танга дар давоми 30 рӯз, 25.000 тангааш бошад дар давоми 1 сол бояд пардохт мегашт[1].

Генерал-губернатор Кауфман 23 майи соли 1868 шартномаи сулҳро бо иловаҳояш бо мактуб ба амир фиристода, бо дӯғу пӯписа агар амир ин шартҳоро қабул накунад «бар сари ӯ борони кулфат борида, шартномаи минбаъда аз ин ҳам вазнин шуданашро” маълум кард[2]. Кауфман аз аҳволи вазнини Бухоро хабардор буда бо ин шартҳои сангин, мехост аморатро куллан пароканда сохта онро ба зону шинонад. Амир ҳам вазъи дохилии мамлакати худро ба инобат гирифта, иҷрои ин шартҳоро номумкин дониста аз имзои он сар кашид.

Аз сустӣ ва саҳлангории амир қувваҳои ватанпарвар дар шигифт омада, ба тарзи мустақил муборизаи худро бо истилогарони аҷнабӣ оғоз карданд. 27 майи соли 1868 дар мавзеи Қаротепа, ки дар масофаи 16 верст (верста ё чақрим ба 1,06 км баробар аст) аз Самарқанд ҷойгир буд, Ҷӯрабек, Умарбек, Абдулғаффорбек, Мулло Момиқ ва дигар сардорон бо даҳ ҳазор сарбоз ба ҷанги русҳо гирд омаданд. Аввал полковник Пистолькорс, баъдан полковник Абрамов бо 4 рота, 6 то замбарак, 300 нафар казак зидди ватанпарварони Бухоро ба ҷанг даромаданд[3]. Худи ҳамон рӯз беки Шаҳрисабз Бобобек ҳам бо 15.000 нафар лашкари худ ба ҷанг даромад ва дар натиҷаи муҳорибаи сахти панҷсоата лашкари шаҳрисабзиён ба ақибнишинӣ сар карданд. Аз ҳимоятгарони ватан 1000 нафар ба таври қаҳрамонона ҳалок шуданд[4]. 29 майи соли 1868 бошад, дар атрофи Каттақӯрғон 30.000 лашкари бухороӣ бо ихтиёриёни худ зидди истилогарони рус ба ҷанг омода шуда гирди ҳам омаданд. Дар дасти онҳо 3 тӯпи кӯҳӣ ҳам будааст. Зидди ин лашкар 6 ротаи пиёда, 2 ротаи тирандозон, 300 нафар казак сафарбар шуда буд. Дар ихтиёри лашкари ишғолгар боз наздики 80 тӯп ҳам будааст. Дар муҳорибаи сахти хунин ватанпарварони маҳаллӣ 7.000 нафарро аз даст доданд. Ногаҳон ба

[1] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 36, вараќи 109.
[2]Ҳамон ҷо. Вараќи 109.
[3]БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 36, вараќи 117.
[4]БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 36, вараќи 109.

ақиб гаштани лашкари Шаҳрисабз ва хабари наздик шудани лашкари Кауфман ба Каттақӯрғон муҳорибаро ба фоидаи истилогарон ҳал кард. Русҳо 25 нафарро талаф дода, 211 нафарашон ярадор шуданд[1]. Дар натиҷаи ҷангҳои шадид аҳолии зиёди шаҳр ҳалок шуда шаҳр ва атрофи он тороҷ шуд[2].

Вале ин муҳориба сабаби авҷ гирифтани мубориза бар зидди истилогарон гашта, амир ҳам зери таъсири талаби мардум ба ҷанг равон шуд.

Амир зери таъсири тарафдорони ҷанг бо русҳо бо 15.000 сарбози савора, 6.000 пиёда, 14 адад тӯп дар мавзеи Зирабулоқ, ки 12 верст аз Каттақӯрғон дуртар буд, омада нишаст. Кауфман бо 18 ротаи пиёдагард, 14 адад тӯп ва 600 нафар савора ба муҳориба ҳозир шуд[3].

Лашкари рус таҳти фармондеҳии Писталкорс ва Абрамов, зери раҳбарии умумии генерал Головачев ба ҷанг даромада, беш аз 1000 нафар бухорогиро ҳалок карданд[4]. Ба лашкари амир Усмонбек тӯқсабо ва Ҳоҷӣ Румии турк роҳбарӣ мекарданд. Кауфман ба асир нагирифтани бухориён фармон дода, ҳатто захмиёнро тирборон намуд[5]. Дар авҷи муҳориба аввал Усмонбек тӯқсабо ва баъди ӯ[6] Ҳоҷи Румӣ ҳам ғайричашмдошт ақибнишинӣ карданд. Пистолькорс ва Головачев лашкари боқимондаро таъқиб карда мерафтанд. Тибқи маълумоти бойгонӣ то Кармина фақат 1000 нафар одам расида боқимонда ё гурехтанд ё пароканда шуданд[7].

Амир баъди мағлубияти Зирабулоқ аз норозигии халқ тарсида ба сӯи Қизилқум роҳ пеш мегирад. Оммаи аз кирдори амир норозӣ дар Дарвозаи

---

[1] Зиёев Ҳ. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. – С. 272.
[2]Ҳамон ҷо.
[3]БМД ҶӮз.ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 36, вараqи 124.
[4] Аваз Муҳаммад Аттор Хӯқандӣ. Таърихи ҷаҳоннамо. - С. 135.
[5] Смирнов А.В. Завоевание Самарканда царизмом. - С.11.
[6] Зияев Х. Завоевание Бухарского и Хивинского ханств царизмом // Общественные науки в Узбекистане. – 1990. - № 8. - С.36. Усмонбек аслан аз казакҳои Сибир буда, аз қӯшини рус гурехта соли 1853 даставвал ба хизмати Алиқули даромада, баъдан аз соли 1865 дар хизмати амири Бухоро буд. Баъдан ӯ ба хиёнат айбдор карда соли 1870 аз тарафи амир дар Чироқчи ба қатл расид. Дар ин хусус Мирзо Абдулазим Сомӣ дар «Тӯҳфайи шоҳи» хабар медиҳад. Нигаред: Мирза Абдулазим Сомӣ. Туҳфайи шоҳӣ // Дастхати ИШ АУ РӮз ба номи Абӯрайҳони Берунӣ, №2091, вараqи 272.
[7]БМД ҶӮз., Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 36, вараqи 24.

мазор гирд омаданд[1]. Тарафдорони амир ба ӯ ба тарзи махфӣ ба Кармина рафтанашро маслиҳат доданд[2].

Худи ҳамон вақт аз 2 июни соли 1868 зери роҳбарии Абдумалик тӯра қувваҳои ватанпарвар бо аҳли Самарқанд гарнизони дар шаҳр будаи русҳоро муҳосира карда то як ҳафта вазъи онҳоро танг карданд. Бисёре аз истилогарон кушта шуда буданд. Танҳо 8 июн лашкари аз Каттақӯрғон расидаи генерал-губернатор К. Кауфман шӯриши Самарқандро пахш кард, шӯришгарон ба ҷазои сахт кашида шуданд. Шаҳри Самарқанд ба ихтиёри тороҷгарони лашкари рус гузашт.

Дар Кармина ҳам амирро халқ хуб пешвоз нагирифт. Пахши шӯриши Самарқанд бефоида будани муқобилияти минбаъдаро нишон дода, амирро ба имзои шартномаи номақбул маҷбур сохт[3]. 12 июни соли 1868 амир вакилони худ Мирохур Мусабеков ва Турсунҳоҷиро бо хабари таслим ва омодагӣ ба имзои сулҳ ба ҳузури генерал-губернатор Кауфман фиристод[4].

Кауфман ба сафирон ба вазъияти ба зуҳур омада айбдор будани амирро иброз намуд. Гӯё ин ҷангҳо танҳо барои истқрори сулҳ будааст, ки бо айби амир сар задааст[5]. Дар ҷавоби суханҳои Кауфман амир шартномаи аз моҳи июни соли 1868 пешниҳод кардаи маъмурияти русро имзо намуда, барои исботи садоқат ба он аз маблағи 125.000 тиллои тавонпулӣ 10.000 тиллоро бо Мулло Яҳёхоҷа, Мирохур Мусабеков ва Фозил муфтӣ дода мефиристад[6]. Амир барои тахти ӯро нигоҳ доштанаш ба Кауфман «миннатдории беҳад»-ашро изҳор намуда, 23 июни соли 1868 шартномаи сулҳро имзо намуд. Мувофиқи он аморат мустақилии худро аз даст дода, вассали Россия гашт. Мулки Россия будани Ӯротеппа, Хуҷанд, Ҷиззах ва Каттақӯрғону Самарқандро ҳам тан гирифт. Мувофиқи шарти сулҳ аморат ба миқдори 500.000 рубли рус (125.000 тиллои Бухоро) товонпулӣ пардохтанро ба зимма

---

[1] Материалы по описания бухарской экспедиции 1868 года. В книге: Материалы статистики Туркестанского края. - Выпуск II. - СПб., 1873. - С. 152.
[2]Ҳамон ҷо.
[3] Зиёев Х. Туркистонда Россия тажовузи ва ҳукмронлигига қарши кураш. - Тошканд, 1998. - С. 275.
[4] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 37, варақи 127.
[5] Терентьев М.А. Россия и Англия в Средней Азии. - СПб, 1875. - С. 32.
[6] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати-1, парвандаи 37, варақи 133.

гирифт. Ба савдогарони табааи рус амир ҳуқуқи савдои озодро дода, миқдори боҷро кам карда, маҷбурияти ҳифзи молу мулки шаҳрвандони Россияро ба ӯҳда гирифт. Доир ба масъалаи сарҳадӣ комиссияи махсус таҳти роҳбарии подполковник Шауфус бояд хулосаҳои аниқ пешниҳод мекард[1].

24 июни соли 1868 расман тамом шудани ҷанг бо Бухоро эълон карда шуд. Аз заминҳои ишғолкарда таҳти фармондеҳии генерал-майор Абрамов округи ҳарбии Зарафшон ташкил гардид. Ин округ дар навбати худ ба 2 қисм, Каттақӯрғон ва Самарқанд тақсим шуда ба онҳо подполковник Карганов ва старшина Серов сардор таъйин шуданд[2].

Баъди ин, гарчи баъзе доираҳои сиёсӣ дар Петербург перомуни боздодани Самарқанд ба амир фикру мулоҳиза иброз дошта бошанд ҳам, Кауфман ба онҳо норозигии қатъии худро баён кард. 24 ва 25 июни соли 1868 ӯ ба рапорти ба номи вазири ҳарбӣ Д. Милютин ва канцлер А. Горчаков навиштааш иброз карда буд, ки воҳаи Зарафшон арзиши муҳими стратегӣ дорад ва онро дар итоати Россия доштан аморатро заиф карда, тобеияти онро ба империя таъмин месозад[3]. Генерал-губернатор боз навишта буд: «ба таҷрибаам такя намуда гуфта метавонам, ки дар оянда ҳам хонигарии Бухороро заиф намуда, обрӯи амирро дар Осиёи Миёна боз ҳам пасттар кардан лозим. …ҳар вақт дар ихтиёри амир маблағ бошад, ӯ бар зидди мо мубориза мебарад. Барои ҳамин аз ӯ ин маблағҳоро кашида гирифтан лозим. Манбаи асосии (даромади) ӯ воҳаи Зарафшон буд, ки акнун ин воҳа ба ҳудуди мо ҳамроҳ карда шуд»[4]. Моҳияти сиёсати маъмурияти ҳарбии рус дар Туркистон бо ин тарз иброз гашта буд.

Ҳамин тариқ, мақсади сиёсати Россия дар Туркистон куллан барҳам додани аморат набуд. Омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ Россияро аз ин иқдом боздошта буданд. Амалиётҳои ҳарбӣ ва аскарӣ дар муқобили аморати Бухоро ва ҳаракатҳои аморат бар зидди истилогарон наздик се сол давом карда, аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ номутаносиб буда, амалиёти ҳарбӣ

---

[1] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 37, вараќи 133.
[2]Ҳамон ҷо, вараќҳои 137, 144.
[3] БМД ҶӮз, Ф-715, рӯйхати 1, парвандаи 37, вараќҳои 138, 139.
[4] Ҳамон ҷо, вараќи 139.

ва ҷангӣ зидди Бухоро дар шароити хеле вазнин амалӣ гашта буд. Паёмадҳои онро ба сурати зерин хулоса кардан мумкин аст:

1. Зиддиятҳои ду давлати абарқудрат ва мустамликадор Англия ва Россия дар ҳудуди Осиёи Миёна ба ҳам бархӯрда, боиси тезутунд шудани муносибати онҳо ва паст шудани обрӯи Россия дар миқёси олам гашт.

2. Зиддиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании (дар доираи ҷаҳонбини) ин ду давлат боиси ба зудӣ амалӣ гаштани сиёсати истилогаронаи Россия дар Осиёи Миёна гардид.

3. Баъди забти Тошканд дар соли 1865 муносибатҳои ҳарбӣ ва ҷангӣ миёни аморат ва Россия хеле муташанниҷ гардида, барои халқҳои он ба таври фоҷиаовар инкишоф ёфт.

4. Истилои Россия подшоҳӣ ақибмонии сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии аморати Бухороро нисбати Россия нишон дод.

5. Рӯҳияи умумии мардуми Бухоро зидди истилогарони Россия буд, Россия чун рамзи пешбарандаи маданият ва тарзи зиндагии бегона аз тарафи аҳолии аморат дастгирӣ нагардид.

6. Дар аморат зидди истилогарони Россияи подшоҳӣ ва барои идомаи амалиёти ҳарбӣ имкониятҳои васеи аскарӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ мавҷуд набуд.

7. Вазъи лашкар, кори ҳарбӣ, таъминоти лашкари амаоратро дар мисоли амалиётҳои ҳарбӣ ва ҷангии ӯ бо Россияи подшоҳӣ омӯхтан воситаи беҳтарини таҳқиқ мебошад.

Дар миёнаи дуввуми асри XIX дар натиҷаи ташаккул ва тағйири вазъият новобаста ба хоҳиш ва талаби мардуми Осиёи Миёна ва ҳукумат, дар натиҷаи амалӣ гаштани сиёсати истилогаронаи хориҷии империяи Россия аморати Бухоро ба вассали Россия табдил ёфта, минбаъд дар муддати даҳсолаҳо тақдири худро бо тақдири ин мамлакати бузурги дунё пайванд намуд.

## 1.2. Авзои сиёсӣ-ҳарбии аморат дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ (солҳои 60-уми асри XIX-ибтидои асри XX)

Дар фавқи ин бозҷусти илмӣ таъкид шуда буд, ки аз тарафи амир Музаффар пазируфта шудани мақоми вассалии империяи Россия сабаби норозигии як зумра ватанпарварони Бухоро гардид. Барои озод кардани ҳудуди забтшудаи аморати Бухоро фарзанди калонии Музаффар амирзода Абдумалик тӯра (1848–1909) ва бекҳои озодидӯст Ҷӯрабек, Бобобек ва писари Кенесари Қосимов Султон Содиқ бо ҳам иттифоқ бастанд. Қувваҳои якшуда дар Оқсаройи Шаҳрисабз ҷамъ омада, Абдумалик тӯраро амир эълон карданд. Чанд мулозимони олимартабаи амир ҳам ин қарорро писандида, ба тезӣ Қаршӣ, Шаҳрисабз, Кармина ва Чироқчиро ишғол менамоянд.

Дар роҳи ғазовот иттифоқ бастани ин қувваҳои ягона маъмурони русро ҳам ба ташвиш овард. Аммо мувофиқи аҳдномаи имзошуда Россия ба умури дохилии аморат дахолат карда наметавонист ва барои ҳамин ҳам генерал-губернатори Туркистон фурсати мусоид ва баҳона мекофт. Дар ин шароит амир барои мадад ба А. Кауфман муроҷиат карда, бо ин роҳ ба доми генерал афтид. Дар натиҷаи “ёрдами” фармондеҳи округи ҳарбии Зарафшон, ки аз ҳисоби ҳудудҳои ишғолгардидаи аморат ташкил шуда буд, Абдумалик тӯра ва Султон Содиқ ба тарафи хонигарии Хева гурехтанд. Онҳо дар ин хонигарӣ бо мулозимати бузург пешвоз гирифта шуда бошанд ҳам, аммо хонигарӣ аз оҷизӣ ба онҳо ҳеҷ як мадади ҳарбӣ расонида наметавонист. Аз ин боис, Абдумалик тӯра аввал ба Афғонистон ба ҳузури амир Шералихон, сониян ба Хӯқанд назди Худоёрхон, баъдан ба Қошғар ба ҳузури ҳукмдори Еттишаҳр Ёқуббек ба умеди ёрдам гирифтан рафта буд. Аз мамолики мазкур ӯ мадад гирифта натавониста, ба ҳукуматҳои Туркия ва Англия алоқа баст. Тӯра аввал дар шаҳри Калкуттаи Ҳиндустон, баъд дар Пешовар истиқомат мекард. Соли 1885 Абдумалик тӯра бемории падарашро шунида барои соҳиб шудан ба тахти Бухоро ҳаракате ҳам карда буд.

Ба Абдумалик тӯра амири Афғонистон Абдураҳмонхон ва ҳукумати Англия ваъдаи ёрдам дода бошанд ҳам, бо сабабҳои мутафовит нияти онҳо амалӣ нагашт. Абдумалик соли 1909 дар Пешовар аз олам гузашт[1].

Ҳокимони Шаҳрисабз ва Китоб Бобобек ва Ҷӯрабек муддати зиёде зидди истилогарон ва ҳукумати амир ҷангиданд. Соли 1870 амири Бухоро дар мубориза бар зидди онҳо оҷизӣ карда аз Фон Кауфман мадад пурсида буд ва дар ин мурочиаташ ӯ аз иттифоқи Ҷӯрабек ва амири Афғонистон Шералихон генерал-губернаторро огоҳ намуд. Кауфмани аз ин хабар ба саросемагӣ афтода чораҳои қатъӣ дида, баҳори соли 1870 бо амри ӯ Абрамов ва полковник Деннет дар атрофи Искандаркӯл ба лашкари Шаҳрисабз зарба заданд. Дар муҳорибаҳои то 15 августи соли 1870 давом карда, бекигариҳои Шаҳрисабз ва Китоб истило ва боз ба амир дода шуданд.

Маълум аст, ки дар шароити вассалӣ ва мустамлакавӣ, инчунин ҳолати истисмори дучониба сатҳи зиндагии мардум паст шуда, ҳаёт хеле вазнин гашта буд. Дар натиҷа, дар солҳои 80-90 асри XIX зидди мансабдорон ва амалдорони золим баромади мусаллаҳонаи мардум мушоҳида мегардад. Сиёсати худсаронаи бек ва ҳокимони аз тарафи амир Музаффархон таъйин шуда, набудани назорат аз болои фаъолияти онҳо ба чунин ҳолатҳои мураккаб оварда расонида буд.

Дар даврони истиқрори тобеият ба империяи Россия шӯриши бузурги халқӣ соли 1870 зидди сохти амирӣ дар Балчувон сар зад, ки сабаби он зулм ва ситами беки он Абдулкарим писари Шералӣ иноқ буд, ки андоз ва даромадҳои билвоситаро афзуда буд. Зери талаби халқ ӯ аз амир кам гардани андозҳоро пурсид, аммо талаби халқ бе ҷавоб монд ва деҳқонони бекигарӣ қалъаи бекро тороҷ карданд[2]. Абдулкарим бошад, ба Ҳисор гурехта бо мадади ҳокими он Ёқуббек ошӯби халқиро пахш намуд.

---

[1]Доир ба исёни Абдумалик тӯра нигаред: Одилов А. Бухоро амирлигида XIX асрнинг 60-йилларида озодлик харакати тарихи // Илмий тӯплам. - Ташкент, 1995. - С. 96-98; Ҳамин муаллиф. Абдумалик Тӯра бошчилигидаги халқ озодлик ҳаракати тарихидан // ЎзМУ хабарлари. – 2002. - № 2; Ҳамин муаллиф. Озодлик фидойиси // Тафаккур. – 2001. - № 2; Ҳамин муаллиф. Бухоро амирлигида миллий-озодлик ҳаракатлари тарихи (Абдумалик Тӯра бошчилигидаги халқ озодлик ҳаракати мисолида). Тарих фан. ном. дисс. . . автореф. - Ташкент, 2003.
[2]БМД ҶӮз. Ф. И-1, рӯйхати 34, парвандаи 67, варақҳои 35-36.

Ошӯби дигари халқӣ 9 марти соли 1871 дар Ғузор ба амал омад, ки сабаби асосии он гуруснагии оммавӣ буд. Дар ин бе ошӯбҳо беш аз 100 ҳазор мардум иштирок намуда, растаҳои бозор ва қӯрғони бекро тороҷ намуданд[1].

11 марти соли 1871 ғалаёни халқӣ дар шаҳри Қаршӣ идома ёфт. Сабаби ин ошӯб ҳам гуруснагӣ буда, иштирокчиёни он ҳатто қалъаи ҳокимнишини Қарширо ишғол намуданд.

Соли 1874 дар Балҷувон қабилаи кӯчманчии лақай сар бардошта ба сохти амирӣ хавфи ҷиддӣ овარданд.

Ин рӯйкард ва авзои баёншуда баёнгари он аст, ки дар аморат ҳаёти сиёсӣ хеле тезу тунд шуда, бо вуҷуди дастгирии маъмурияти мустамликавӣ нисбати амир зиндагии мардум хеле вазнин будааст. Дар чунин шароит амир Музаффархон дар соҳаи идораи давлатӣ тағйироти зеринро ба амал овард:

1. Тамоми молиёти барои ҳаракати ҳарбӣ ҷамъ мешуда бояд дар хазинаи давлатӣ нигаҳдорӣ мешуд;

2. Касе ба ин маблағ эҳтиёҷ дошта бошад, аввалан ба давлати марказӣ итоат намуда, хизмати амирро иҷро карданаш лозим буд[2].

Аксарияти муаррихон дар робита ба даврони ҳукуматдории Музаффар фикри мусбат баён накардаанд: «дигар назме, ки амир Музаффар дар боби вилоятдорӣ ниҳод, вазъи даври уғур ва рақси бачагон ва қавлу ғазали масхарабозон ва дорбозии эшон, буд ки тамоми солу фусул ин шева дар ҳамаи қаламрав ҷорӣ буд, то ахборуароҷиф бар забони халқ наафтад ва ҳама бад-ин масхарагӣ машғул бошанд ва халқ гумон кунанд, ки ҳама ҷо рамидааст ва ҳама фасоду фитнаҳо хобидааст...»[3].

Зиёда аз ин, амир ба дурустии кирдорҳои худ бовар карда, худро аз хавфи Россия эмин меҳисобид. Ба гуфтаи Аҳмади Дониш маъмурони рус аз аҳволи аморат ва хунхӯрии амир ба хубӣ хабардор буда, ҳатто аз ин хурсанд

[1]БМД ҶӮз. Ф. И-1, рӯйхати 34, парвандаи 109, вараќи 17.
[2]Дониш Аҳмад. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати манғития /. - Душанбе: Сарват, 1992. - С. 54.
[3]Ҳамон ҷо. - С. 56.

ҳам буданд. Мақсади онҳо дар ҳини заифии мамлакат бо талафоти кам ба он зарба задан ва онро зери итоат доштан буд[1].

Умуман, дар замони ҳукуматдории Музаффар шариат ҳам беобрӯй гашта, ба амалҳои давлатӣ, аксаран (чи тавре, ки дар давраи режимҳои мустабид расм аст) шахсони нолоиқ таъйин мешуданд. Дар масъалаи истифода аз оби дарёи Зарафшон чун ҳамешагӣ миёни деҳқонони аморат ва маъмурияти рус дар Самарқанд ихтилофи зиёд сар мезад.

Амир Музаффар дар солҳои охири ҳукуматдории худ фарзандаш Абдулаҳадро ба ҳайси валиаҳд ба Петербург, ба ҳузури император фиристода буд. Абдулаҳад чанд маротиба дар ҷамъомадҳои махфӣ иштирок карда, дар яке аз чунин ҷаласаҳо (аниқ аст, ки бо фишори ҳомиёни нав) ба як ҳуҷҷати расмии иборат аз 21 банд имзо гузошт. Дар ин ҳуҷҷат аморат ба савдогарони рус барои сохтмони роҳи оҳан, кашидани сими телеграф, сохтани калисоҳо, харидани мулкҳо, сохтмони биноҳо ва ғайра рухсат медод.

Ҳамин тариқ, амир Абдулаҳадхони соли 1885 ба сари тахт меомада, хеле пештар аз ин сана мамлакатро бо занҷири сахти мустамликадорӣ бандӣ сохта ба дасти хӯҷаинҳои дар Петербург ва Тошканд будаи худ дода буд. Аз ин рӯ, дар давраи ҳукуматдории ин амири манғит таъсири Россия ба Бухоро хеле назаррас буд.

Абдулаҳад ҳини тарҳрезӣ ва қабули ҳар як иқдом маҷбуран бояд манфиати Россия, нуфуз ва манфиати онро ба инобат мегирифт. Шояд ҳамин сабаб шуда бошад, ки дар даврони ҳукмронии ӯ ба худсарӣ ва ваҳшонияти дар замони аҷдодони ӯ мавҷуда нуқта гузошта шуд[2].

Ба сиёсати ин амир шояд фаъолияти Агенти сиёсии императори Россия (1885 – 1917) дар Бухорои нав (Когон) таъсир карда бошад. Ин Агентӣ дар Бухоро аз болои амир назорат ҷорӣ карда барои робитаи ӯ бо Петербург миёнҷӣ маҳсуб мешуд[3]. Абдулаҳадхон (1885 – 1910) ва Олимхон (1910 – 1920), ки ба худ номи “саййидӣ”-ро гирифта акнун худро аз авлоди Пайғамбари

---

[1]Дониш Аҳмад. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати манғития. - С. 60.

[2] Абдурауф Фитрат. Амир Олимхоннинг ҳукмронлик даври / Тожик тилидан А. Ирисов таржимаси. – Тошканд, 1992. – С.10. Боз нигаред: Холиқова Р. Асари номбаршуда. – С.171-186.

[3] Барои ахбори муфассал ба монографияи Р. Холиқова «Ташкили Агентии Сиёсии императории Россия ва фаъолияти он» (саҳифаи 186-196) нигаред.

ислом медонистанд, боз барои сазовор шудан ба илтифот ва марҳамати императори Россия аз тамоми воситаҳо истифода карданӣ мешуданд. Ин ҳаракатҳои онҳо зоеъ нарафт ва ин амирон ба мақоми «зоти олӣ» (светлость), баъдан ба «ҳазрати олӣ» (высочество) ноил шуда, генерали мулозими император (генерал - адъютант), унвони олитарини генералӣ (генерали кавалерия)-ро гирифтанд. Амир Абдулаҳадхон бо нишони аввали империя, яъне ордени "Александр Первозванный" сазовор мешавад. Ӯ ба шарафи императори Россия Александр III (1881 – 1894) аз тиллои соф ордени «Искандар»-ро таъсис дода, ба подшоҳи рус тақдим намуд. Амири Бухоро дар миёни аъёни Петербург бо тӯҳфаю ҳадяҳои қимматбаҳо ва зиёфату меҳмондориҳои пурнозу неъматаш (чун Иван Калита дар дарбори хонҳои Олтин Ӯрда) хеле ном бароварда буд. Ҳадяҳои пурқиммати амирро император Николай II (1894 – 1917), вазири ҳарбӣ генерал А. Н. Куропаткин (1898 – 1903) ва ҳатто раиси комиссияи тафтишотӣ граф ва сенатор К. К. Пален[1] ҳам бо мамнунияти хос қабул мекарданд[2]. Гуфтан мумкин аст, ки ҳини таҷлили 300-солагии ҳукмронии сулолаи Романовҳо амири Бухоро Олимхон (ки дар миёни аҳли Бухоро бо лақаби "Гов" машҳур буд) аз хазинаи давлати Бухоро даҳҳо китобҳои нодири дастнависро ба сифати ҳадя пешкаш карда буд[3].

Зери фишори Петербург дар аморат ислоҳоти боҷ ва пул гузаронида шуда, бо ин зулми мустамликавии империяи Россия афзуда истибдоди амир бар сари мардум вазнинӣ ва кулфати зиёд овард. Дар натиҷа, дар ҳудудҳои гуногуни аморат ошӯбҳои халқӣ боз авҷ гирифтанд.

Яке аз чунин ошӯбҳои халқии дар замони амир Музаффархон сар зада ва дар замони вориси ӯ ҳам давом ёфта, дар вилояти Шеробод соли 1885 ба амал омада буд. Деҳқонони ин вилоят дар давоми 30 – 40 рӯз аз пардохти андоз сар

---

[1] Комиссия махсус зери раҳбарии граф К.К.Пален солҳои 1908-1910 фаолияти генерал губернатории Туркистонро тафтиш карда буд. Губернатори бори аввал солҳои 1882-1884 аз тарафи маслаҳатчии махфии подшоҳи рус Ф. Гирс тафтиш карда шуда буд. Нигаред: Ғаффоров Ш. Тарих ва тақдир: Россия империясидан Туркистонга кӯчирилганлар. – Ташкент, 2006. – С.16.

[2] Ӯзбекистоннинг янги тарихи. Туркистон чор Россияси мустамлакачилиги даври. – С. 212.

[3] Нигаред: Вохидова Т. По следам подарков Бухарского эмира // Мозийдан садо. – 2006. - № 4. – С. 12-14.

кашиданд. Ҳукумат Бобоҷон ҷибачӣ ясовулро ба Шеробод фиристод, аммо натиҷа ҳосил нашуд. Дубора Мулло Шариф мирохур барои тафтиши ин масъала омада маълум кард, ки аз деҳқонон ба ҷои 4 ман хироҷ 8 ман андоз талаб шудааст[1]. Бар замми ин, дар аксар маҳаллҳо 50 – 60 % фоизи умумии ҳосили мардум ба андоз кашида шуда будааст[2]. Аммо, ин рӯйкард ба ҳеҷ як натиҷаи мусбат оварда нарасонид.

Соли 1886 Агенти сиёсии императори Россия Н.Чериков хабар дода буд, ки 9 август (соли 1886) дар Ҳисор миёни деҳқонон ва андозчинон задухӯрди сахт ба зуҳур омадааст[3].

Дар мавриди пахш кардани ҳаракатҳои халқӣ, мо иштироки қувваҳои ҳарбии русро ҳам мебинем, ки амир онҳоро ҷалб карда буд. Соли 1888 дар бекигарии Кӯлоб барои пахш кардани шӯриши деҳқонон амир аз лашкари сарҳадии Помир ёрдам пурсида, шӯришро фурӯ шинонида буд. Соли 1889 бошад, аҳолии Калиф аз зулми ҳоким безор шуда сар бардоштанд ва дар ин маврид ҳам лашкари рус бекро зери ҳимояаш гирифта буд.

Ҳолатҳои мазкур баёнгари онанд, ки ҳини хавф ба ҳукумати амир ҳомиёни мустамликадори ӯ дар симои маъмурият ва лашкари рус доим ба ӯ мадад расонидаанд ва амир ҳам дар пахши норозигии халқӣ ба ёрдами онҳо такя намудааст.

Дар боло зикр шуда буд, ки Абдулаҳад дар вақти мақоми валиаҳдиро гирифтанаш бо императори рус аҳд карда, мувофиқи шартномаи имзошуда барои фаъолияти сармоя ва саноати рус имконияти васеъ ваъда карда буд. Дар натиҷа, дар аморат ҳам муносибатҳои сармоядорӣ хеле ҷон гирифта буд. Хусусан, агар дар соли 1905 дар аморат 9 заводи пахта фаъолият бурда бошад, соли 1913, яъне дар давраи амир Олимхон теъдоди онҳо ба 26 расид. Ҳамин тавр, завод ва фабрикаҳои зиёди ба манфиати Россия фаъолияткунанда, батадриҷ афзудан гирифтанд.

---

[1]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1267, вараҳи 17.
[2]Мухсинова К. Документы о крестянских движениях в Бухарском ханстве в 80 -е гг. XIX в. – С. 16-17.
[3]БМД ҶӮз. Ф. И-1, рӯйхати 34, парвандаи 668, вараҳи 11.

Умуман, давраи ҳукуматдории амир Абдулаҳад ба аморат чӣ дода буд? Аҳмади Дониш перомуни ин масъала чунин менависад:

- «Дар ҳаёти мардум ҳеҷ як навоварӣ, тағйирот нашуд. Фолбинон, мунаҷҷиму олимон пешгӯӣ карда умедвор буданд, ки бо омадани ин амир имону давлат таҷдид мегардад, мамлакат гул-гул мешукуфад. Дар кори давлат тартиб ҷорӣ мегардад. На, ин тавр нашуд, аҳвол бадтар шуд, фақат бозори нодону аҳмақон, чоҳилон гарм шуд, нони нимаи халқ ба тороҷ рафт, тамоми умеди башоратчиён беҳуда баромад[1]».

Анвори аз ғояҳои маърифатпарваронаи Аҳмади Дониш ба вуҷуд омада пайравони хеле кам дошт. Дар аввали асри XX дар зери таъсири ҷараёнҳои таърихии дар Россия, Европа ва кишварҳои ҳамсоя сар зада баъзе дигаргуниҳо дар аморат ба вуқӯъ пайваст. Аммо шароити тираю тор ва хурофоту эътисоби мардуми Бухоро, махсусан уламои ислом то дер вақт монеаи пешрафт ва тараққии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буданд.

Амир Абдулаҳад соли 1910 аз бемории узви таносул вафот мекунад ва ба тахти аморат амир Олимхон мешинад.

Ба сари тахти Бухоро омадани амир Олимхон ба давраи балвоҳои динӣ ва мазҳабӣ, иртиҷои таассуби динӣ рост омад. Аҳли Бухоро, ки аз аксарияти суннӣ ва ақаллияти шиа иборат буданд, дар натиҷаи сиёсати ноустувори амир ва ҳукумати Бухоро ба ҳамдигар зиддият пайдо карданд. Ин зиддият ба задухӯрди ошкори сунниён ва шиаҳо рафта расид. Бояд гуфт, ки решаи ин зиддият аслан на таассуби динӣ ва мазҳабӣ, балки муносибат ба ҳукумат ва талоши амалу мансабҳо дар аморат буд. Ин талошҳои гурӯҳ ва қувваҳои мухталиф зери пардаи динӣ зоҳир шуда, бар сари иштирокчиёни он кулфат ва қурбониҳои зиёдеро оварда буд.

Қӯшбегии Бухоро, ки шиаҳои эронӣ буда Остонақул ном дошт, ба амир Абдулаҳадхон бо садоқат хизмат намуда, ба баъзе вазифаҳои сердаромад ашхоси ба худаш наздикро таъин карда буд. Инҳо аз қабили Алимамат тӯпчибошӣ, саркардагони лашкар Мулло Маҳмуд, Шодибек иноқ, маъмурони ҳарбӣ Акрамхонтӯра, Ҳайдарқули иноқ ва дигарон буданд.

---

[1] Дониш Аҳмад. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати манғития. - С. 100.

Қӯшбегӣ Остонақул ба мансаби вазоратпаноҳ соҳиб шуда, ба тақдими баъзе амалҳои “мусбат” шурӯъ намуда буд. Аз ҷумла, ӯ мардумро аз базми ишратбозӣ ва шаробнӯшӣ манъ карда, бештар перомуни ободонии мамлакат ва тартиби он, ба як маром доштани ҳолати бозорҳо, таъмини фаровони ғалла ва арзонигарӣ бештар фикр мекард. Лекин ин амали ӯ ба амалдори дар мазҳаби суннӣ буда, садр-раис Мулло Бурҳониддин доим хуш намеомад (Бояд гуфт, ки мулло Бурҳонуддин бар замми як муллои мутаассиб буданаш мардуми аз дигар вилоятҳо ба Бухоро, бештар мардуми аз Бухорои Шарқӣ омадаро зидди сокинони аслии Бухоро мешӯронид. Ин зиддият дар мисоли зиддияти хонадони Садри Зиё ва Мулло Бурҳонуддин хеле машҳур аст – С.Б.). Бар замми ин, Агенти сиёсии императори Россия дар Когон ҳам аз Остонақул он қадар розӣ набуд. Чунки Остонақул аз бисёр корҳо, аз шартномаҳо ва муомилаҳои давлати Россия бо давлати Бухоро ба ҳайси шоҳид ва вакили Бухоро хабардор буд. Ӯ ба талабҳои сафоратхонаи мазкур доим розӣ нашуда, баъзан манфиати давлати худро сахт ҳимоя мекард[1].

Садр-раис мулло Бурҳониддин ҳамчун сабабгор ва айбдори асосии ғавғои байни аҳли суннат ва шиагон ба оташи ин балво равған рехта, барои мағлуб кардани рақиби худ дар Бухоро ҳар хел ахбори иғвогарона паҳн кард. Овозаи «талабаи суннимазҳаби мадраса аз тарафи шиагон кушта шудааст», сабаби барпо шудани задухӯрди хунин миёни ин ду мазҳаб гашт. Задухӯрди хунин дар майдони назди мадрасаи Хиёбон ба амал омада, дар он 240 нафар қурбон шуда буданд. Вазъият дар пойтахт хеле мураккаб гашт ва ҳукумати амир барои пахш кардани ин ғалаён аз хизмати аскарони рус истифода бурд.

10 январи соли 1910 миёни эрониёни шиа оиди кушта шудани Ҳоҷӣ Мир Алӣ овоза паҳн шуд ва шаби ин рӯз аз қасабаҳои атрофи Бухоро аҳолии шиа, аз сарбозони дар мазҳаби шиабудаи Элнавкарон ва аз Когон эрониёни мусаллаҳ ба Бухоро омадан гирифтанд. Олимхон аз Кармина ба Бухоро расида омад ва зери тазйиқи сунниён Остонақул қӯшбегӣ, командирони баталонҳо Иброҳим Ҳусайн мироб, Алӣ тӯқсабо барин ҳарбиёнро маъзул

[1]Абдурауф Фитрат. Асари номбаршуда. – С.15.

карда қариб 300 нафар мардуми деҳотии шиаро аз Бухоро берун кард. Дар ҷараёни ин ғалаёнҳо беш аз 500 нафар ҳалок шуданд[1].

Сабабгори ин балвои динӣ ва мазҳабиро муаррихон ҳар навъ нишон медиҳанд. Масалан, Фитрат айби асосиро ба дӯши Мулло Бурҳониддини раис мегузорад[2], Муҳаммад Саййиди Балҷувонӣ бошад, дар ин задухӯрд Остонақул қӯшбегиро айбдор месозад[3].

Баъди воқеаҳои соли 1910 Мирзо Насруллоҳбек ба мансаби қӯшбегӣ таъин гардида, дар ин миён Олимхон ҳам ба ҷои падараш ба тахти Бухоро нишаст.

Амир Олимхон соли 1881 дар Кармина ба олам омада солҳои 1893 – 1896 дар Петербург таҳсил гирифтааст. Аз соли 1898 дар Қаршӣ ҳоким шуда, аз аввали соли 1910 волии Кармина буд.

Баробари ба сари тахт омадани амир Олимхон дар мамлакат бетартибиҳо авҷ гирифт. Дар сиёсати ӯ ҳам таваҷҷӯҳ ба империяи Россия ва ба ин давлат такя намуда фаъолият бурдан равшан аён мешавад. Соли 1914 дар Тошкӯпрук, Шаҳрисабз, Китоб, Қаршӣ ва Ҳисор ошӯбҳои халқӣ сар зада буд ва онҳо низ бо ёрдами аскарони рус бартараф карда шуданд[4].

Мутеъ будани амир ба русҳо норозигии аксари аҳли Бухоро – зиёиён, аҳли савдо ва саноат, тараққипарварон ва уламоро бедор кард. Шояд барои ҳамин бошад, ки соли 1910 56 нафар уламои Бухоро бо мактуби махсус ба ҳукмдорони Туркия ва Афғонистон мурочиат карда барои озод шудан аз вассалияти Россия мадад мепурсанд[5]. Уламои Бухоро соли 1915 вақте, ки Туркия бо Россия ҷанг эълон карда буд, барои мадад ба Туркия ҷамъияти ёрирасон (Ионат) ташкил намуда буданд. Амир бошад, дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳон барои нишон додани садоқати худ ба Николай II ба таври доимӣ мадади худро дареғ намедошт. Бо ин мақсад ба Россия 10 тӯпи

---

[1]Хамраев У. К вопросу о январских событиях 1910 года в Бухаре // Труды САГУ. – Ташкент, 1954. - Вып. LVII. – С. 51 ва минбаъдаҳо.
[2]Абдурауф Фитрат. Асари номбаршуда. - С.14-20.
[3]Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ. Таърихи нофеӣ. - С.40.
[4]БМД ҶӮз. Ф.-3, рӯйхати 2, парвандаи 178, варақи 15.
[5]БМД ҶӮз. Ф.-3, рӯйхати 2, парвандаи 66, варақи 78.; Ф. И-1. Канцелярияи Агенти Сиёсии Россия (Бухоро), рӯйхати 31. парвандаи 723/60. «Предложения по Программе реформ в Бухарском ханстве».

ҷаҳонгир, 500 милтиқи панҷтира, аз раият бошад 1500 аспи ба тарзи зӯрӣ кашида гирифтаро фиристода буд[1]. Лекин инҳо фақат як қисми мадади амир буд. Амир тавассути ҳокимони худ ба фуқаро облигатсияҳои заёми давлатии Россияро ҳам фурӯхтанӣ буд, аммо ин иқдом бенатиҷа анҷомид. Дар ин бора маводи бойгонӣ ахбори хуберо маҳфуз доштааст[2].

Дар давраи ҳукуматдории амир Олимхон мавқеи қӯшбегӣ Насруллоҳ хеле баланд рафт. Ӯ дар муборизаи худ ҳатто қозикалон ва раисро мағлуб сохта, тамоми ваколати онҳоро ба даст овард. Таъсири амалдорони ба амир наздикро бартараф карда, дар мамлакат ба мансабдори бонуфуз ва пурқувват табдил ёфт. Бе дахолати ӯ таъини қозиёни вилоят, раисон, мударрисони мадраса, имомони масҷид, кори қозикалон, раиси бозор ҳал намешуд. Ҳатто ба корҳои оилавии амир Олимхон ҳам қӯшбегӣ Насруллоҳ бевосита таъсирашро зоҳир мекард. Ӯ забони русиро дониста, сиёсати онҳоро низ хуб мефаҳмид. Аммо, дар охир дасти душманони ӯ баланд шуда, ӯ бо аъзои оилааш ба қатл расид ва ба мансаби қӯшбегӣ Мирзо Урганҷӣ таъин шуд. Сабаби марги қӯшбегӣ Насруллоҳро муаллифи “Таърихи нофеӣ” Муҳаммад Балҷувонӣ аз пуштибонии ӯ ба ҳаракати тараққипарварон, ҷадидон ва вакилони онҳо медонад.

Амир Олимхон дар ибтидои ҳукуматдории худ ба ислоҳи давлатдорӣ пардохта, фармонеро иборат аз чаҳор модда ба имзо расонида буд:

1. Манъ намудани тортуқ ва пешкашҳо дар дарбор;
2. Ҷорӣ кардани андози фарсахпулӣ ;
3. Кам кардани андози замин то ба ҳиссаи даҳ ба як;
4. Ҷорӣ кардани маош барои хизматчиёни дарбор[3].

Афсӯс, аз ин “фармони бузурги тақдирсоз” танҳо охиринаш дар амал татбиқ шуда, ба амалдорони дарбор маош таъин шуд ва моҳонаи ҳарбиён афзуду халос.[4]

---

[1]Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ. Асари номбаршуда. - С. 42.
[2]БМД ҶӮз. Ф. 126, рӯйхати 1, парвандаи 1483, аз варақи 1 то варақи 23 доир ба мавзуъ маълумот дорад.
[3]Абдурауф Фитрат. Асари номбаршуда.- С. 32.
[4]Мирзо Салимбек.Асари номбаршуда. - С. 305.

Дар идомаи тарвиҷи воқеаҳо дар Бухоро фаъолияти ҷадидон боло рафта, минбаъд онҳо бо номи ҷавонбухороиён дар ҳаёти сиёсии аморат мақоми хосеро ишғол карданд.

Дар охири асри XIX – аввали XX дар Бухоро ва атрофии он нӯҳ дастаи навкарони 150 нафара ҷой гирифта буд. Гурӯҳи аз ҳама асосиро гурӯҳи қалмиқон ташкил мекард, ки ба ин тоифа дохил набуд[1].

Бо чунин ҳолат лашкари Бухоро инқилоби соли 1917 ро пешвоз гирифт ва баъд аз он табадуллоти моҳи октябр ба вуқуъ пайваст.

Воқеаҳои моҳи октябр ва декабр амирро хеле ба ташвиш овард. Бар замми ин, воқеҳаи Колесов низ дарди амирро дучанд кард. Дар моҳи декабр сафарбарии умумӣ оғоз шуд. Тибқи маълумоти рӯзномаи «Наша газета» дар ин муддат се маротиба сафарбарӣ эълон шуд[2]. Тибқи маълумот дар ин сафарбариҳо 40 ҳазор одам сафарбар шуда буд.[3].

Манбаи асосии аслиҳа гурӯҳҳои казакҳое буданд, ки аз фронт ба воситаи Бухоро ақибнишинӣ мекарданд ва аз онҳо хеле арзон шамшер, милтиқ ва пулемётҳо харидорӣ мешуд[4].

Як қисми аслиҳа дар ҳудуди Туркистон харидорӣ мешуд, масалан дар моҳи феврали соли 1918 дар Когон 100 дона винтовкаҳои дар дохили қолин ва ҷойхобҳо пинҳонӣ оварда шуда харидорӣ шуданд[5].

Баъзе аслиҳаҳоро дар Бухоро истеҳсол мекарданд ва дар сарҳади аморат ба тезӣ истеҳкомҳо барпо мекарданд[6].

Барои дарёфти иттифоқчиён ва мадад амир Сайид Олимхон ба Афғонистон мурожиат кард, бо ин роҳ 2000 афғонҳои ихтиёрии мусаллаҳ бо силоҳи англисӣ ба Бухоро роҳ гирифтанд[7].

---

[1] Сухарева О.А. Бухара в конце XIX - начале XX века. – М., 1966. - С. 270
[2] Искандаров Б.И. Бухара (1917-1920). - Душанбе, 1970. - С. 54-55
[3] История гражданской войны в Узбекистане. - Ташкент, 1964. - Т.II. - С. 286.
[4] История гражданской войны в Узбекистане. - Ташкент, 1964. - Т.II. - С. 286; Ходжаев Ф. К истории революции в Бухаре и национального размежевания в Средней Азии // Избранные труды в трех томах. - Т. I. - Ташкент: Фан, 1970. - С. 138.
[5] Искандаров Б.И. Бухара (1917-1920). - Душанбе, 1970. - С. 54.
[6] Ишанов Л.И. Создание Бухарской Народной Советской Республики. - Ташкент, 1956. - С. 60.
[7] Искандаров Б.И. Бухара (1917-1920). - Душанбе, 1970. - С. 53-54

Инқилоби демократии моҳи феврали соли 1917 дар Россия барои аморат роҳи тараққиёти мустақилро боз кард. Дар ин вақт ҷавонбухороиён барои гузаронидани ислоҳоти демократӣ ба майдони сиёсат баромаданд. Онҳо барои бо дасти ҳукумати муваққатӣ амалӣ сохтани ин нияташон ба Петроград телеграмма ирсол карданд. 7 апрели соли 1917 лоиҳаи аз ҷониби Регенти Россия дар Бухоро А. Я. Миллер таҳия шуда аз тарафи амири Бухоро эълон гардид. Манифест моҳиятан ба бунёди монархия, асосҳои ислом ва шариат ҳеҷ дахле намекард. Бо вуҷуди ин, дар Бухоро вазъияти сиёсӣ хеле тезутунд шуда, намоишҳо барпо шуд. Дар аморат реакция авҷ гирифт. Ҷавонбухороиён аз шаҳр баромада, ба тарзи оммавӣ муҳоҷириро пеша карданд. Нисбати онҳо таъқиби амир афзуда, наздики 1500 нафар одам бо айби ҷадидӣ қатл шуданд[1].

Табаддулоти давлатии октябри соли 1917 дар Петроград ва вожгун шудани ҳукумати муваққатӣ Бухоро ва Хеваро аз «протекторати» империяи Россия озод карда, ба давлати мустақил табдил дода буд. Мустақилии онҳоро Шӯрои Комиссарони Халқии РСФСР ва ТАССР ҳам эътироф намуданд. Лекин, режими барқароршудаи болшевикон хонигарӣ ва амроатро аз ёрдами ҳарбӣ -сиёсии аз ҷониби ҳукумати Россия дар давоми солиёни зиёд мерасида маҳрум сохт.

Аз охири соли 1917 режими болшевикон Шӯъбаи Амударё ва манзилгоҳҳои русҳоро дар Бухоро ба пласдарми асосӣ барои барҳам додани сохти амирӣ табдил доданд. Ҳукумати Советӣ, ки танҳо ба ном мустақилии аморати Бухороро эътирофкарда буд, дар ҳудудҳои зикршуда тибқи муроҷиати ҷавонбухороиён ҳаракати ҳарбиро омода намуд.

Раиси ШКХ Туркистон болшевик Ф. И. Колесов ва роҳбари партияи ҷавонбухороиён Ф. Хоҷаев ба амир бо талаби дар як шабонарӯз қабул кардан шартҳои худро ба тарзи ултиматум пешниҳод карданд ва бо баҳонаи тардиди он аз тарафи амир зидди аморат 2 марти соли 1918 ҳаракати ҳарбиро оғоз карданд.

---

[1]Талқини ин воқеаҳо дар асари Садриддин Айни «Ҷаллодони Бухоро» ва Муҳаммад Шарифҷон Садри Зиё. Наводири Зиёия. - С. 85.

Дар рӯзи аввали муҳориба ба лашкари амир зарбаҳои ҷиддӣ расонида шуд ва 3 март таҳти роҳбарии қӯшбегии нав, Ҳоҷӣ Закариё ва Баротбекбӣ дар Когон музокира сар шуд ва намояндагони амир барои иҷрои тамоми шартҳо ваъда доданд.

Дар марҳилаи дигари музокираҳо Ф. И. Колесов ба ҳузури амир гурӯҳи 22 нафараи намояндагони шӯравиро зери раҳбарии В. П. Уткин фиристод[1]. Аммо тақдири ин ба маргмаҳкумшудагон (2 нафар фақат гурехта ҷон ба саломат бурда буданд) хеле фоҷиавӣ ба охир расида буд. Ду болшевики аз хатари муҳлик халосшуда баъд аз 3 рӯз ба Когон расида, воқеаро баён доштанд ва ҳамин тариқ зидди аморат амалиёти нави ҳарбӣ сар шуд. Мегӯянд, ки тири тӯпҳои артиллерияи шӯравӣ ба Бухорои кӯҳна нарасида, ҳеҷ зараре содир нашуда буд. Уламои Бухоро ин рӯйкардро, тибқи ёддошти Ф. Хоҷаев аз мадади пайғамбар Муҳаммад ба Бухорои шариф донистанд[2], Садриддин Айнӣ уламо онро аз муъҷизаи ҳазрати Баҳоуддини Нақшбанд медонистанд, - гӯён хабар медиҳад[3].

Дар ин миёна мардуми Бухоро ҳам барои озодии мамлакати худ ва ҳимояи истиқлол камар бастанд. Дар таркиби лашкари амир наздик 10 ҳазор афғон ҳам ба амалиёт ҷалб шуданд. Дар муддати кӯтоҳ роҳи оҳан, воситаҳои алоқа аз кор баровардa шуд. Дар натиҷа, ҳаракати роҳбарони болшевикии Туркистон барои вожгун кардани ҳукумати амир дар Бухоро бо мадади аскарони сурх барбод рафт. 25 марти соли 1918 миёни Бухоро ва Туркистон аҳдномаи Қизилтеппа имзо шуд, ки он асосан ба моҷарои ҳарбӣ хотима бахшида, ба ҳаёти дохилии аморат мутлақо таъсир накарда буд.

Баъд аз воқеаи Колесов амири Бухоро дар соҳаи ҳарбӣ ба татбиқи баъзе чораҳо пардохт. Махсусан, тамоми аҳли дарбор ба «турксозӣ» ва машқҳои тирпаронӣ тез-тез машғул мешуданд. Амир дар атрофи худ аскарони зиёдеро

[1] Норқулов Н. К. «Тарихи Салими». – С. 174. Бар зидди таклифи яроқпартоии вакилони шӯравӣ дар таҳхонаи девонхонаи қӯшбеги бо яроқу аслиҳаи худ паноҳ ёфта муқобилият нишон доданд. Мулозимони амир дари таҳхонаро бо намадҳо баста, болои боми таҳхонаро шикоф карда аз он ба даруни таҳхона ишқори зиёдеро рехта вакилони шӯравиро қатл карда буданд. Дар ин бора манбаъҳои зиёд ва маълумоти бойгонӣ мавҷуд аст.
[2] Ходжаев Ф. Избранные труды. - Т. 1. - С. 146.
[3] Айнӣ С. Таърихи инқилоби Бухоро. - С. 211-212.

ҷамъ карда, якчанд гурӯҳ ва полкҳои нав ташкил кард. Баъзеи онҳо сару либоси лашкари туркро дарбар карда дастаи «турк», Мирзо Урганҷӣ бошад, бо ташаббуси худ аз арабҳо як гурӯҳи дигар ташкил дода, онҳоро «араббачагон» ном ниҳод. Дар натиҷа, теъдоди тӯпҳои Бухоро ба 600 адад расида, боз ба тарзи европоӣ чандин снарядҳо тайёр карданд. Мувофиқи ахбори “Таърихи нофеӣ ” амир аз ҳисоби асирони австриягӣ ду заводи борутсозӣ ва аслиҳаро ташкил карда буд[1]. Барои барпо кардани муносибатҳои дӯстона Домулло Қутбиддин судурро бо Тӯрахоҷаи нақиб ба Афғонистон фиристоданд. Амири Афғонистон бо вазирони худ якчанд қарорҳо қабул карда, ба тариқи ёрдам ба давлати Бухоро 6 то фил ва 200 нафар аскарони фидоиро мефиристад[2].

Ин аснодро Н. Ҳотамов ҳам дар асари худ оварда изофа менамояд, ки соли 1919 дар лашкари амир зиёда аз 400 нафар (аз онҳо як нафар полковник) инструкторони ҳарбии англис, зиёда аз 150 нафар зобитони турк, наздики 2000 нафар асирони ҳарбии австриягӣ буданд[3].

Барои мулоҳиза дар иртибот ба омодагии (ё ноомадии) ҳарбии аморат чанд маводи зеринро овардaниям: Дар як мақола ва китоби олими ӯзбекистонӣ С. Холбоев[4] доир ба хазинаи амирони манғитӣ сухан меравад, ки ба маълумоти оварда бовар кардан хеле мушкил аст. Аммо аз дигар тараф, захираҳои моддӣ ва табиии аморати он вақтаро ба ёд оварда ба ин санадҳо бовар карда, аз саҳлангорӣ ва хиёнати ҳукуматдорони Бухоро кас ба ҳайрат меояд. Дар рӯйхати хазинаи ба тороҷ рафтаи аморат оварда шудааст: тангаи тиллоии зарби Бухоро: - 5741. 900 сӯм; тангаи тиллоии зарби Россия: - 4.376. 100 сӯм; тиллои Гамбург (дар шакли ёмби): - 1.706. 400 сӯм; тангаи нуқраи зарби Россия:- 346. 200 сӯм; тангаи нуқраи зарби Бухоро: - 9.425.217 сӯм; тангаи миси Бухоро: - 4. 386 сӯм; хокаи тилло:- 226. 592 сӯм; ашёҳои тиллоӣ (20. 458 дона) – 9.883. 214 сӯм; лираи тиллои Туркия: - 90.420 сӯм. тангаи

---

[1] Муҳаммад Сайид Балҷувони. Асари номбаршуда. - С.58.
[2] Ҳамон ҷо. - С.58.
[3] Хотамов Н. Свержение эмирского режима в Бухаре. - Душанбе, 1997. - С.158-159; Ражабов Қ. Бухорога қизил армия босқини ва унга қарши кураш. - Тошканд, 2002. - С.12.
[4] Нигаред: Холбоев С. Бухоро олтинлари тақдири ё худ “ўртоқ Фрунзе иши (Хазинаи Бухоро ё амалиёти рафиқ Фрунзе) // Бухоро мавжлари. - 2005. - № 3. - С. 24-28.

тиллоии хориҷӣ : - 18. 254 сӯм; сангҳои қимматбаҳо ва ҷавоҳироти нодир: - 11. 670. 176 сӯм; нуқраи Гамбург: - 746. 490 сӯм; порчаҳои тиллоӣ : - 150. 000 сӯм; порчаҳои нуқра: - 50.000 сӯм; тилло (тиллои рехта ва тангаҳои тиллоӣ), сангҳои қимматбаҳо ва ашёҳои нодир ба қиммати 77 миллион сӯми тиллоии ҳамон давр (бо ҳисоби имрӯза тахминан баробар ба 80 миллиард доллар). Тамоми ин боигарӣ ва хазина аз тарафи болшевикон зери роҳбарии М.В. Фрунзе ғорат шуда, ба Россия ё кадом як гӯшаи дунё бурда шуда буд. Чаро амир ин қадар маблағро барои ҳимояи тоҷу тахти худ ва мардуми Бухоро сарф накард? Шояд ин тақдири аксари режимҳои мустабид ва диктаторӣ бошад?!

Ба болшевикон барои амалӣ кардани ниятҳои истилогаронаашон нисбати аморати Бухоро вазъи мусоид тобистони соли 1920 фароҳам омад. Моҳи сентябри соли 1919 Туркистон аз муҳосира баромада фронти Оренбург – Актюбинск барҳам хӯрд ва ба ин кишвар ҷанговарони дар муҳорибаҳо пухташудаи фронти Туркистон сафарбар шуданд, бо ёрдами онҳо фронтҳои Закаспий ва Ҳафтруд (Семиречье) ҳамроҳ шуданд. Ба қӯрбошиёни водии Фарғона ҳам лашкари шӯравӣ зарбаҳои сахт зада, хонигарии Хева ҳам барҳам дода шуд. Роҳбарияти шӯравӣ дар чунин вазъияти хеле мусоид барои ҳуҷуми мусаллаҳона ба аморат омадагиро оғоз намуд.

7 январ ва 30 марти соли 1920 аъзои комиссияи Туркистон ба ҳузури амир ташриф фармуданд. Онҳо амирро ба нияти дӯстона ва сулҳҷӯёнаи ҳукумати РСФСР нисбати ҳукумати Бухоро бовар кунониданӣ шуданд. Дар ин музокираҳо ҳар ду ҷониб ҳам ба якдигар талабҳои худро ошкор карданд. Масалан, амири Бухоро талаб кард, ки қисмҳои аскарони сурх аз станцияи Когон бароварда шаванд, ҷадидон аз Бухоро ва Чорҷӯй раванд, заводи пахтаи амир ва қасри дар Когон будаи давлати Бухоро бозгардонида шавад, ба парвози тайёраҳои ҳарбӣ дар фазои Бухоро хотима дода шавад. Вакилони Турккомиссия бошанд, аз амир бас кардани маҳдудияти иқтисодиро нисбати шаҳракҳои руснишин, хотима додани ташвиқоти зидди шӯравӣ, даъвати ғазовот, пароканда кардани лашкарии амалкунандаро талаб карданд. Ҳар ду тараф ҳам таклифоти якдигарро рад карданд. Бо баҳонаи сохтаи “аморати

Бухоро барои ҳуҷум ба Туркистон омодагӣ дида истодааст” фармондеҳии Шӯравӣ тобистони соли 1920 лашкари зиёди худро дар наздикии марзи аморат оварда ҷойгир намуд.

Ҳуҷуми бевоситаи артиши Шӯравӣ ба давлати мустақили Бухоро иддаои ботил ва дурӯғини «мо дар Шарқ миссияи озодкуниро иҷро менамоем» гуфтаи болшевиконро дар тамоми дунё ошкор кард. Мувофиқи барномаи дар Москва ва Тошканд омодашуда зидди низоми амир зарбаи аввалро бояд оппозитсияи Бухоро – ҷавонбухориён ва коммунистони Бухоро дода, баъдан бо “илтимоси халқи ба инқилоб бархеста” ба таври расмӣ қисмҳои армияи сурх ба “ёрдам” омаданашон лозим буд.

Мувофиқи ҳамин нақшаи дар Москва ва Тошканд тартиб додашуда 23 августи соли 1920 таҳти фармондеҳии коммунист Бешим Сардор полки туркманҳо Сакарро забт карданд, баъдан бо мадади аскарони сурх субҳи 29 август Чорҷӯй ишғол гардид. Баъди ин таҳти роҳбарии Бешим Сардор кумитаи инқилобӣ ташкил шуд. Кумитаи инқилобии Чорҷӯй, мувофиқи нақшаи пешакӣ худи ҳамон рӯз аз ҳукумати шӯравӣ “ёрдам” пурсид.

Қисмҳои пешакӣ тайёркардаи ҳарбӣ бо баҳонаи мадад “ба шӯришгарон” зуд ба ҳаракат даромаданд. Тибқи маълумотҳои расмӣ онҳо бо 7000 туфанг ва шамшер, 40 адад тӯп, наздик 230 мил пулемёт, 10 адад автомобили зиреҳпӯш, 5 адад поезди зиреҳпӯш ва 12 адад самолёт мусаллаҳ буданд[1]. Ғайр аз ин боз 5 ҳазор нафар қувваҳои инқилобӣ ҳам мавҷуд буданд. Лашкари амири Бухоро 8725 милтиқ ва 7850 шамшер, чанд даҳа тӯп ва пулемёт доштанд. Ғайр аз артиши мунтазам боз 20 ҳазор лашкари хеле заиф ва бад мусаллаҳшуда, мутлақо тайёрии ҳарбӣ надида ҷамъ шуда буданд.

Барои барҳам додани аморати Бухоро зери фармондеҳии М. В. Фрунзе 12 августи соли 1920 чаҳор корпуси ҳарбӣ дар Чорҷӯй, Когон, Каттақӯрғон ва Самарқанд ташкил шуда буд.

Аз 29 август сар карда фронти Туркистон бо гурӯҳи Самарқанд – Бухоро ба чаҳор сӯй ҳаракати ҳарбиро оғоз намуд. Гурӯҳи Самарқанд бо 3 полки

---

[1]Ўзбекистон Совет мустамлакачилиги даврида. Ўзбекистоннинг янги тарихи. Иккинчи китоб.– С.128.

тирандозони Туркистон, 1 – дивизияи саворaи Туркистон, бригадаи алоҳидаи саворaи Туркистон, бо ёрдами ротаи инженерӣ бо хати Шаҳрисабз – Китоб ҳаракат карда, ба воҳаи Қашқадарё баромада, Қаршӣ ва Ғузорро бояд ишғол мекард. Гурӯҳи Каттақӯрғон – Хатирчи ва Зиёвуддинро, гурӯҳи Чорҷӯй бошад субҳи 29 август, соати $4^{00}$ баъди забти Чорҷӯй хати Бухоро – Термиз ва Амударёро забт карда сарҳади Афғонистонро назорат карданаш лозим буд[1].

Вазифаи асосӣ ба зиммаи гурӯҳи Когон афтид, онҳо қалъаи Бухорои кӯҳнаро бояд ишғол мекарданд. Барои таъмини махфияти ин амалиёт бо супориши М. Фрунзе аз 27 август таҳти фармони О17 оинаҳои эшелонҳои дар роҳи Каттақӯрғон – Когон пардапӯш ва танҳо равзанаҳои боми онро боз карда шуда, ба вагонҳо фақат вакилони РКП (б) даромаданашон мумкин буд.

29 августи соли 1920 десантони аз бронепоезд поиншуда деҳаи Афшорро забт карда, ба дарвозаи Шайх Ҷалол наздик шуданд. 31 август 5 полки тирандозони Туркистон, 4 полки савора, бронопоезди рақами 28, автобронеотряди рақами 53 ва батареяи артиллерияи вазнин назди дарвозаи Қаршӣ қарор гирифтанд. Бронопоезди рақами 28 аз назди дарвозаи Қаршӣ шаҳрро бешафқатона зери борони тир гирифт. Танҳо аз 29 август то 2 сентябр ба шаҳри Бухоро 12 ҳазор снаряд афтида, чандин миллион патрон паронида шуд[2].

Дар ҷараёни амалиёти Бухоро ишғолгарон на фақат дар замин, балки аз фазо бо техникаи замонавии он давра, тайёраҳои тамғаи «Фарман», «Сопвич», «Ньюпор», «Вуаззон» ва «Альбатрос» ҳуҷум карда шаҳрро бомбаборон карданд. Шаҳр ба тамом вайрон гардид. Дар ин миён 31 август амир Олимхон бо роҳи Ситораи Моҳи хоса ба Ғиждувон, баъд ба Бухорои Шарқӣ гурехт. 2 сентябр армияи сурх ба шаҳр дохил шуда, арки Бухороро ишғол кард. Ҳамин тариқа, сохти амирӣ дар Бухоро барҳам дода шуд.

Бо забти шаҳри Бухоро ҷанг ба охир нарасида, баръакс авҷи маъракаи ҳарбии истилогарони сурх нисбати аморат боло рафт. Баръакси баъзе

---

[1]Қосимов Ф. Бухоро амирлигининг тугатилиши. Бухоро тарихи масалалари. - Бухоро, 1996. - С. 79 - 80.
[2]Қосимов Ф. Ҳ. Бухоро амирлигининг тугатилиши. - С. 81.

хулосаҳо лашкари аморат, ки ба мудофиа ва ҳимояи ватан машғул буд, ба аскарони сурх ва истилогарони шӯравӣ зиддияти сахт нишон медод.

Дуруст аст, ки лашкари амир дар муҳориба ва задухӯрдҳо сифати баланди ҷангиро нишон дода натавонист, вале дар мавриди ҳамла ба арк ба артиллерия ва авиатсия сахт муқобилият нишон дод. Ин муҳорибаро шоҳиди он Муҳаммад Балҷувонӣ "қиёмати сағир" номида буд[1].

Муқовимати лашкари амир исбот кард, ки заҳмати дусолаи ҳукумати амир беҳуда нарафтааст. Дар бораи задухӯрди сангини забти Бухоро ин санад гувоҳ аст, ки ҳанӯз 31 август фармондеҳи армияи 1-ум Зиновьев ба саволи М.Фрунзе "оё пагоҳ шаҳрро гирифта метавонем" ҷавоб дода буд, ки: "Ба ҳар ҳол пагоҳ то бегоҳ метавонем то маркази шаҳр расем" [2].

Қисми 1-уми дивизияи савораи Туркистон амирро ба тарафи Қаршӣ таъқиб намуда, дар ағбаи Тахта Қароча бо дастаи пешгарди амир дучор омада, ба ҷанг даромад. Аскарони сурх дар ин муҳориба ғолиб омада, Китоб ва Шаҳрисабзро низ забт карданд. Амир ба ҷониби Ғузор ақиб нишаст. 10 сентябри соли 1920 амир ба Бойсун расида 5000 сарбозони беки Ғузор ва Қарширо дар он ҷо ҷамъ намуд.

Полки 2-юми савораи Туркистон лашкари амирро таъқиб намуда, Ғузорро ишғол намуд[3]. 11 сентябр аскарони сурх Дарбандро бе ҷанг забт намуданд, худи ҳамин рӯз бегоҳи Бойсун низ ишғол гашт[4].

Саййид Олимхон бо ҳукумати худ дар Душанбе манзил гирифт. Барои ҳимояи худ ӯ дар наздикии Дарбанд дастаи 1000 нафараи худро гузошта буд[5].

Барои кӯмак гирифтан аз хориҷи кишвар амир намояндагони худро ба Афғонистон, Кошғар ва Эрон фиристод. Консули генералии Англия дар Кошғар подполковник Эссертон ба хотир меорад, ки "амир ба Кошғар сафиронро зери роҳбарии як нафар, ки бо ӯ гурехта буд фиристод. Сафорат ба номи корол-император, вице –короли Ҳиндустон ва ман номаҳо оварда

---

[1] Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ. Таърихи нофеӣ. - С. 96.
[2] Тимошков С.П. Борьба с интервентами, белогвардейцами и басмачеством в Средней Азии // Шумов А.С., Андреев А.Р. Басмачество. - М., 2005. - С. 433
[3] Гафуров Б., Прохоров Н.Н. Падение Бухарского эмирата. - Сталинабад, 1940. - С. 61.
[4] Победа Советской власти в Средней Азии и Казахстане. - С. 707
[5] Гафуров Б., Прохоров Н.Н. Указ. соч. - С. 61.

буд. Дар он амир вожгун шудани ҳукумати худ ва аз даст рафтани молу давлаташро аз тарафи болшевикон маълум карда, илтимос мекард, ки давлаташ ба ҳайати Британияи кабир дохил карда шавад. Ӯ давлаташро бечунучаро ба ихтиёри мо дода буд ”[1].

Маълум аст, Англия ба ин иғво дода нашуд, зеро аз дохил шудан ба ҷанги нав метарсид. Аммо, намояндагони Англия аз номи ҳукумати худ ба амир ваъдаи мадад расонидани худро маълум карданд. Ба ин наздикӣ аз Англия барои амир якчанд корвони туфанг ва патрон расида буд[2].

Ба сафи иттифоқчиёни амир дастаҳои дар манбаъҳо номи “босмачӣ”-ро гирифтаи Иброҳимбек ва Хӯҷа Олимбой ҳамроҳ шуданд. Ба мудофиачиёни Дарбанд боз 400 нафар муҷоҳидони Фарғона фиристода мешавад[3].

Бар замми ин худи амир низ ба танзими дастаҳои мусаллаҳ шуруъ намуд. Дар Бухорои Шарқӣ сафарбарии умумӣ эълон гашта, мардҳои аз 24 то 30 сола ба хизмат даъват шуданд, асп, хӯрока ва озуқаворӣ аз аҳолӣ ситонида мешуд. Дар Душанбе асирони аҷнабӣ боз истеҳсоли аслиҳаро ба роҳ монданд[4]. Дар натиҷа, дастаҳои мардумии “қарокалтак” ташкил дода шуд. Ин дастаҳоро Эшони Султон, Фузайлмахсум, Давлатмандбӣ ва дигарон роҳбарӣ мекарданд. Дар Кӯлоб, Қаротегин, Ҳисор ва Душанбе қувваҳои ба чашм назаррас ҷамъ омаданд.

Аз миёнаи моҳи октябр сар карда лашкари амир ба фаъолият оғоз карда, 17 октябр 1000 нафари он Шерободро забт карданд. 10 ноябр шаҳрро боз аскарони сурх гирифтанд. 27 ноябр сарбозони амир ва қарокалтакчиён хостанд Шерободро бозпас бигиранд.

Мувофиқи ахбори сардори гарнизони Термиз шумораи лашкари амир дар Шеробод ба 7000 нафар мерасид. Дар аввали моҳи декабр қуваҳои амир аллакай ба ҳадди бузург расида буд, аз ҷумла дар ноҳияи шимол (Деҳнав-Сариосиё) ба 4 740 нафар, Бойсун – 7 000 нафар, теъдоди пулеметҳо – 5, тӯп -1 мил, ноҳияи Шеробод – 8 000 нафар силоҳбадаст; ноҳияи соҳили чап (бо

[1] История гражданской войны в Узбекистане. - С. 313.
[2] Победа Советской власти в Средней Азии и Казахстане. - С. 707-708
[3] Гафуров Б., Прохоров Н.Н. Указ. соч. - С. 63.
[4] Победа Советской власти в Средней Азии и Казахстане. - Ташкент, 1967. - С. 707-708.

деҳаи туркманнишини Хамнаб, наздики Басаға) – 5 000 нафар (600 силоҳдор, бо 2 пулемет); ноҳияи ақибгоҳ – Душанбе –

5 000 нафар, 2 тӯп; Ҳисор – 5 000 сарбоз. Ҳамагӣ 34 740 нафар, 7 пулемет ва 3 тӯп.[1].

14 декабри соли 1920 муҳофизони бухорӣ аз роҳи Термиз ба Ғузор аз тарафи Дарбанд бо 1500 савора ҳуҷум карданд. Гарнизони Ғузор дар таркиби баталёни 3-уми тирандозии полки савора ҳуҷумро боз гардониданд ва сарбозони амирро таъқиб намуда, деҳаҳои Қошулуш ва Қайтамтепаро забт намуданд[2].

29 декабри соли 1920 Бойсунро лашкари 12 000 нафара иҳота карда, роҳи оби онро бастанд. Аскарони сурх тез-тез аз қалъа баромада ба сарбозони бек ҳамлаҳо меоварданд. Бухороиён дар ин ҷанг то 3 000 ҷанговарро аз даст доданд[3]

Дар асоси фармони фармондеҳи Туркфронт аз 27 ноябри соли 1920 ташкили отряди ҷазодиҳандаи Ҳисор аз ҳисоби полки савораи 16-ум, бригадаи 3-уми дивизияи 1-уми Туркистон, полкҳои 5 ва 6 савора, взводи батареяи артиллерии дивизияи Туркистон оғоз гашт. Дар таркиби он 1500 аскари сурх буда, 22 пулемет ва 2 тӯпи савораи кӯҳӣ буд. Фармондеҳи ин даста сардори дивизияи савора Марсов таъин шуд[4]. Дастгирии ин даста ба зиммаи гуруҳи Термиз гузошта шуд. Онҳо Шерободро аз сари нав забт карда, 17 декабр аз Қаршӣ ба сӯи Бойсун равона шуданд. Ин даста бо душвории хеле зиёд ва талафот ба ҳаракат даромада, муқовимати мардуми маҳаллиро шикаста, дар дараи Бузғола полки савораи 1-уми Туркистон дастаи 10 000 нафараи амирро торумор кард. 20 декабр дар натиҷаи ҷанги сахт Дарбандро аскарони сурх забт карданд. Бухороиён бо мадади аз Бойсун расида натавонистанд дубора Дарбандро бозгиранд. Онҳо 150 нафарро аз даст дода, ба тарафи Бойсун ақиб нишастанд. Онҳо дар он ҷо ва деҳаҳои

---

[1] Тимошков С.П. Борьба с интервентами, белогвардейцами и басмачеством в Средней Азии // Шумов А.С., Андреев А.Р. Басмачество. М., 2005. - С. 433-434.
[2] История гражданской войны в Узбекистане. - С. 316.
[3] Гафуров Б., Прохоров Н.Н. Указ. соч. С. - 60-61.
[4] История гражданской войны в Узбекистане. - С. 316-317.

атроф ба аскарони рус муқовимати басе сахт нишон доданд. Дар ин задухӯрдҳо Марсов низ кушта шуд.

24 декабр гарнизони Термиз Шерободро аз сари нав забт намуд. 27 декабр отряди Сакмарқанд зери роҳбарии В.М. Ионов Шаҳрисабз, Китоб ва Чироқчиро низ забт менамояд.

Рӯзи дигар эскадрони 1-уми полки саворaи Туркистон Яккабоғро ишғол менамояд. Бо ҳамин баъди забти Бойсун фаъолияти аввали отряди аскарони сурх ба анҷом расид[1].

11 феврали соли 1921 отряди сурхҳо аз дараи Бандихона гузашта, 14 феврал зери роҳбарии В.М.Ионов барои ишғол кардани Бухорои шарқӣ раҳсипор шуд. Дар моҳи апрел теъдоди отряд ба 4 360 нафар расид[2].

15 феврал аскарони шӯравӣ Деҳнавро забт карда, рӯзи дигар Юрчӣ, Сариосиё ва Сариҷӯйиро ишғол намуданд. 20-21 феврал баъди задухӯрдҳои сахт Қаротоғ ва Ҳисор ишғол гардид. 21 апрел отряди аскарони сурх ба тарафи Душанбе роҳ гирифтанд. Ҷангҳо барои забти Душанбе ду рӯз давом кард. Дар ин муҳориба аҳолии маҳаллӣ низ фаъолона иштирок меварзанд[3].

Амир шаби 19 - 20 феврал тамоми боигарии худро ба 300 шутур бор карда шаҳрро тарк намуд. Аз ин рафтори худ ӯ намояндагони ҳукумати англисро дар Кошғар ва Машҳад огоҳ сохт. Лашкари амир низ баъд аз ин муқовaматро гузошта аз шаҳр бадар рафтанд. 5 март амир аз ноҳияи Чубек ба ҳудуди Афғонистон гузашта паноҳ бурд. Аскари шӯравӣ паи ҳам ҳудуди Бухорои шарқиро забт намуда, 25 феврал полки саворaи 2-ум зери роҳбарии А.Я. Панкеев Кӯлоб ва Ғармро ишғол намуд. Эскадрони 3-ми ӯ бошад аввалин шуда ба сарҳади Афғонистон мерасад[4]

Дар охири моҳи март ва апрели соли 1921 лашкари боқимондаи Бухоро дар кӯҳистони Қаротегин ва водии Вахш пароканда шуданд[5]. Аз ин баъд аморати Бухоро ба ҷараёни ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодие, ки аз тарафи

[1] История гражданской войны в Узбекистане. - С. 316-317.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Худойбердиев О. Боевая дружба, рожденная Октябрем. - Москва: Наука, 1984. - С. 88.
[4] История гражданской войны в Узбекистане. - Т. II.- Ташкент, 1970. - С. 317-31.8
[5] Победа Советской власти в Средней Азии и Казахстане. - Ташкент, 1967. - С. 710-712.

болшевикон идора мешуд, ҷалб карда шуд. Амoратро парокандагии сиёсӣ, миллӣ, маданӣ ва фарҳангӣ дар пеш буд.

Ҳамин тариқ, хулоса намудаан ҷоиз аст, ки дар шароити вассалӣ аморати Бухоро аз охири асри XIX на фақат дар сиёсати хориҷӣ, балки дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт пойбанди империяи Россия буд. Россия ба доноӣ, вале ба тарзи хеле дағал ба умури аморат дахолат мекард. Россия ҳоло дар мақоми валиаҳд будани Абдулаҳад ӯро ба итоати худ даровaрда, дар давраи ҳукмрониаш бошад, алоқаи стратегии худро бо ин давлати хеле васеъ таҳким бахшида буд. Дар кори аскарӣ, танзими лашкар ва таъминоти ҳарбӣ ҳам аморат аз доираи таъсири Россия набаромада буд.

– Охирин ҳукмрони Бухоро амир Олимхон дар соҳаи ҳарбӣ баъзе ислоҳотро дар амал татбиқ намуд, вале вазъияти сиёсии ибтидои асри XX ба ӯ барои тағйиротҳои ҷиддӣ имкон надод.

– Баъди ғалабаи инқилоби буржуазӣ -демократӣ дар Россия моҳи феврали соли 1917 аморати Бухоро дар амал ба истиқлолият ноил шуда буд. Аммо, табаддулоти болшевикон моҳи октябр дар Россия мустақилии сиёсии амoратро боз зери хавф гузошт.

– Дар натиҷаи воқеаи Колесов дар соли 1918 кори ҳарбӣ дар Бухоро каму беш ривоҷ ёфт, аммо натиҷаи он то ба охир амалӣ нашуда лашкари амир ба фишори аскарони сурх тоб оварда натавонист.

– Дар арафаи ҳуҷуми армияи сурх ба аморат вазъи сиёсӣ, дар тамоми дунё ҳам хеле мураккаб буд ва давлати Бухоро аз хориҷа низ мадад гирифта натавонист. Чунки дар Туркия ҳам вазъи сиёсӣ тезу тунд гашт, Англия ба наздикӣ аз Ҷанги I ҷаҳон баромада бо Афғонистон ҷанги навбатиро оғоз карда (ҷанги III англису афғон), соли 1919 ба мағлубият дучор гардид;

– Маблағи беҳисоби дар хазинаи аморат ба тарзи оқилона сарф карда нашуд. Охируламр тирамоҳи соли 1920 сохти монархияи истибдодӣ бо роҳи табаддулоти болшевикон вожгун шуда, аморати Бухоро барҳам дода шуд.

# БОБИ II. ТАШКИЛИ ЛАШКАР ВА ХИДМАТИ ҲАРБӢ ДАР АМОРАТИ БУХОРО: ҲОЛАТ ВА ИДОРАИ ОН

## 2.1.Ташкили лашкари муназзам ва таъминоти он

Омӯзиши ҷараёни ташкили лашкари Бухоро дар давраи мавриди таҳқиқ, қонун ва қоидаҳои аскария, синну соли сарбозон, сару либоси низомиён, таълим ва машғулияти ҳарбӣ, тақсими ҳудудӣ ва ҷойгиршавии онҳо, вазъи лашкар дар давраи протекторат, ислоҳотҳои ҳарбӣ барои танзими артиши ҷавобгӯ ба талаботи замон муҳим ва мубрам мебошад.

Дар солҳои аввали ба сари қудрат омадани сулолаи манғитиён аморат ба артиши муназзам соҳиб набуд. Теъдоди хеле ками ҳарбиён дар аморат ба ҳифзи амир ва аъёни ӯ ва таъмини осоиштагӣ дар шаҳрҳо машғул буданд.

Дар вақти ҷанг ва юришҳо бо амри амир аз ҳисоби аҳолӣ лашкар ташкил дода, ба амалиётҳои ҳарбӣ ҷалб карда мешуд. Дар аморати Бухоро то аввали асри XIX лашкар тибқи қоида ва русуми лашкардории даврони темуриён тартиб дода шуда, ҳеҷ тағйиротеро аз сар нагузаронида буд.[1]

Дар давраи ҳукуматдории амир Шоҳмурод артиш аз ду қанот иборат буд. Дар қаноти рост дастаҳои аз қабилаҳои манғит, кенегас, кероит, дурмон, қӯнғирот, қиёт, қирғиз, хитой, қипчоқ, ӯтаж(ч)и, туркман, арлот, қалмоқ, уйғур, муғул, қорӣ, ҳофиз ва ӯғлон ташкилшуда ҷойгир мешуданд.

Дар қаноти чап дастаҳои ҳарбии қабоили қатоғон, сарой, ябу/ябғу, баҳрин, ҷалоир, қанғли, минг, юз, қирқ, паймон, қарлуқ, беркут, қӯрчӣ, арғун, оғлон, қаллиқ, фулодчӣ, олчин, моҷар, чинбой, бадойил, ас, чибирғин, қилгий, тимай, масид, тар, боғлон, илоҷи, тугут ва шогирдпеша ҷойгир буданд[2].

Гуфтан ба маврид аст, ки аз тоҷикон дастаи алоҳидаи ҳарбӣ вуҷуд надошт. Мардуми тоҷик бештар ба ҳайси қозии аскар, муфтии рикоб, дар корҳои молиявӣ бештар ҷалб мешуданд.

---

[1] Арендаренко Г. Бухарские войска в 1880 г. // Туркестанский сборник. - 297 том. - С. 129.
[2]Ханыков Н. Описание Бухаского ханства. - С. 181 и след.; Воҳидов Ш. Бухоро давлатининг бошқарув тизими (манғитлар даври). - С.27-28.

Лашкар дар аморати Бухоро дар замони амир Шоҳмурод аз рӯи қавму қабоил (низоми трайбалистӣ) ташкил мегардид. Дастаи ҳарбии соф аз тоҷикон иборат набуд. Дар хонигарии Хӯқанд Олимхон (1800–1810) ба мақсади баромадан аз тобеияти ашрофи ҳарбии феодалӣ дастаи махсуси низомӣ ташкил намуда буд, ки комилан аз тоҷикони кӯҳистон – дарвозиҳо, қаротегиниҳо ва шуғнониҳо иборат буд.[1]

Таъкид намудан ба маврид аст, ки вақти ба сарбозӣ қабул кардан навкар аз рӯи мансубияти қавмӣ ба дастаи қабилаи худ ба хизмат ҷалб карда мешуд. Чунин тақсимоти қавмии танзими артиш дар он замон дар хонигариҳои Хева ва Хӯқанд ҳам ҷорӣ буд. Масалан, дар хонигарии Хева, тибқи маълумоти Баёнӣ, вақти ҳаракатҳои ҳарбии Муҳаммад Аминхон (солҳои 1848-1849) баъди бо амри ӯ рӯйхати навкаронро тартиб додан лашкари хонигарӣ чунин намуд доштааст: Паҳлавон ота, Элтузархон, Муҳаммад Раҳимхон ва дигарон туғи (парчами) асосиро бардошта, туғи қӯнғиротҳоро Қутлимуродбӣ саркарда бо 600 навкари қӯнғиротҳо, туғи қароқалпоқҳоро Тӯра ва Солеҳ оталиқ-саркардаҳо бо 2 ҳазор навкар, туғи ёвмутонро Аҳматуллоҳ ясовулбошӣ-саркарда бо 2 ҳазор савора, туғи йимралиёнро бо 2 ҳазор савора Худоёр-саркарда, туғи чавдиронро Муҳаммад Муродбӣ бо ҳазор савора, туғи сакирҳоро Эрниёз маҳрам-саркарда бо 6 ҳазор саворагон, туғи туячиёнро Оллошбӣ ӯғли Оллоёрбек-саркарда бо 650 нафар сарбоз, туғи манғитро Бекманбӣ-саркарда бо 300 савора, туғи қипчоқонро Хоҷа Ниёзбӣ бо 300 савора, ва дигарон[2]. Умуман дар ин рӯйхат номи 25 гурӯҳи қавмӣ бо туғбардоронашон (парчамбардор) нишон дода шудааст. Пас, маълум мешавад, ки то аввали асри XIX дар хонигариҳои Осиёи Миёна сохтори артиш мувофиқи анъанаҳои қавмӣ ва қабилавӣ будааст.

Дар давраи ҳукуматдории сулолаи манғитиён амир Ҳайдар (1800-1826) кӯшиш кардааст, ки лашкари мунтазам ташкил кунад[3]. Барои ҳамин давраи танзими лашкари мунтазамро ба ин солҳо мансуб донистан равост. Аммо на

[1] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. - Душанбе, – Дониш, 2008. - С. 581.
[2] Баёний. Шажараи Хоразмшоҳий, вараҚи 334.
[3] Андреев М. С., Чехович О.Д. Арк Бухары. - Душанбе, 1972. - С. 136.

ҳама муаррихон ба ин фикр муттафиқанд. Муаррих Б.Исмоилова ташаккули танзими лашкар ва умури аскарии аморати Бухороро ба ду давр тақсим намудааст: давраи аввал аз ибтидои асри XIX то солҳои 30-ми асри XIX-ро дар бар гирифта, давраи дуввуми он ба замони ҳукмронии амир Насруллоҳ (1827–1860) рост омада, соли 1837 ба итмом расидааст[1].

Ба гумони ғолиб, барои ташкили артиши мунтазами Бухоро миссияи соли 1826 аз Россия ба аморат омадаи Негри ва аскарони русу казакҳои онҳоро ҳамроҳикарда таъсир расонидаанд. Дар асл дар давраи ҳукуматдории амир Ҳайдар ба ташкили армияи мунтазам то ба охир муваффақ нашуда буданд. Чунки задухӯрди байни меросхӯрон барои тоҷу тахт, мунозишаҳои дохилӣ, зиддияти ҳокимони маҳаллии марказгурез ба амалӣ шудани ин мақсадҳо роҳ намедод.

Амир Ҳайдар мехост артиши доимии худро дар Қаршӣ ташкил кунад, зеро дар ин ҷо ягона гарнизони ҳарбии ҷанговар мавҷуд буд. Дар лашкари ташкилкардаи ӯ зобит ва афсарон ба мақоми саркардагӣ соҳиб буда, аз хазина маош мегирифтанд. Моҳонаи ҳарбиён қисман бо пул, қисман ба тарзи натура дода мешуд. Понсадбошӣ ба сифати нишона парчами худро дошт. Дар ҳузури мингбошӣ аз байрақи понсадбошӣ бузургтар парчам буда, онро туғ мегуфтанд. Чунин парчамро дастаи ҳазорнафара мегирифт. Фармондеҳи ин дастаи ҳазорнафара ҳуқуқи зиёд дошт, масалан аз назди дарвозаи арк метавонист савора гузарад. Зобитон ва сарбозон аз назди арк пиёда бояд мегузаштанд[2].

Артиллерияи амир аз чанд тӯпи дар Эрон рехташуда иборат буда, фақат се ё чаҳор тоаш лафет (поя, такяи оҳанӣ) дошт. Лашкар асосан аз вакилони аҳолии маҳаллӣ иборат буда, онҳо тайёрӣ ва тартиби ҳарбӣ надоштанд. Қисми зиёди лашкар дар Қаршӣ буда, барои ҳимоя аз кенегасони Шаҳрисабз истифода мешуд. Шаҳри Қаршӣ бо девор иҳота шуда, дар дарун қӯрғон (қалъа) дошт. Дар вилоят бошад, даҳҳо чунин қӯрғонҳо буданд. Гурдшоб, Каркӣ, Шеробод ва боз чанд қӯрғонҳо бо девори аз лою хок бардошташуда

---

[1]Исмаилова Б. Асари номбаршуда. - С.36.
[2]Ханыков Н. Описание Бухаского ханства. - С. 184.

иҳота шуда, дар дарун – кӯҳандиз (цитадель, қалъа) –доштанд. Ҳангоми ҳаракатҳои ҳарбӣ аҳолӣ барои ҳимоя ба қӯрғон (қалъа) паноҳ бурда, гарнизони чунин қалъаҳо аз 10 то 200 нафар аскар доштанд.

Амир Ҳайдар ба Бухоро омада ба Ҳакимбӣ бо амри ҳимояи бекаму кости истеҳком ва қалъаҳо, баланд бардоштани деворҳои атрофи он то ба ҳафт метр, дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз ҷиддан дидани чораҳои пешгирии хавф, сохтани хонаҳои муҳофизатӣ дар бурҷҳои қалъа мактубҳо навишта ирсол кардааст[1].

Қисмҳои ҳарбии вилояти Қаршӣ чунин ташкил шуда буданд: қавми сарой аз 500 нафар **100 нафарро** (400 нафар барои корҳои қарачирикӣ (мудофиавӣ), ҷамоаи аймоқ 300 нафар, қавми араб 20 нафар, қӯшчиён – 50, қатағон – 6, арлот – 10, яғду – 20, дӯрмон – 4, панҷобиён – 20, қарлуқҳо – 15, қабилаи хитой танҳо барои шогирдпешагӣ – 13 нафар, сайробиён – 12 нафарро бояд ба хизмати доимӣ медоданд[2].

Амир Ҳайдар дар як мактуби худ ба Муҳаммад Ҳакимбӣ “шогирдпешагони хуб ва қобилиятнокро ба навкарӣ гузаронед, аммо шумораи онҳо аз 500 нафар зиёд нашаванд, шогирдпешагони беқобилиятро ба хонаҳояшон фиристед” гӯён навиштааст.

Шогирдпешагон асосан хизмати дохили гарнизон ва истеҳкомҳоро иҷро мекарданд. Қарачирикон бошанд, асосан ба амалиётҳои ҳарбӣ ҷалб карда мешуданд, ки баъзан боиси норозигии онҳо мешуд.

Дар хонигарии Хӯқанд ҳам дар вақти ҳаракатҳои ҳарбӣ қисмҳои ёрдамчии- «қарақазон» ва «қарачирик» сафарбар карда мешуд. Ин хизмат дар замони ҳукуматдории Шералихон (1842-1844) ба як тартиби муайян оварда шуда, боз ба қисми ёрдамчии номунтазам – «қилқуйруқ» асос гузошта шуд. Дар артиши хон қисми «шогирдпешаҳо» мавҷуд буда, ба он аз дигар

---

[1]Переводы текстов из писем эмира Хайдара. Абдураимов М. Вопросы феодального землевладения и феодальной ренты в письмах эмира Хайдара: Опыт краткого исследования источника. - Ташкент, 1961. - С. 97; Ханыков Н. Описание Бухаского ханства. - С. 246.
[2]Исмаилова Б. Асари номбаршуда.–- С. 44.

қисм ва дастаҳо вакилони ҷавони солими боиқтидор, аз оилаҳои давлатманд интихоб шуда, ба онҳо санъати ҷангӣ ва идораи лашкар таълим дода мешуд[1].

Дар дастаҳои ҳарбии аморати Бухоро шумораи аскарон як хел набуда, чи тавре ки дар нисбати артиши дар Қаршӣ буда ишора гардид, ҳар кадом қавму қабила аз рӯи имконият, нуфус ва таъсири худ, дар қаламрави худ ва аморат теъдоди сафарбаронашро муайян мекард. Бар замми ин, дар сафҳои лашкари амир асирон, ғуломони табааи дигар давлатҳо хизмат мекарданд.

Дар давраи ҳукуматдории амир Насруллоҳ (1827-1860) лашкари аморат чунин намуд дошт:

Гурӯҳи 80 нафара аз асирони ҳарбӣ иборат буд. Инчунин, қисми ҳарбии 700 нафара ба 7 дастаи саднафарӣ тақсим шудаанд ва ҳар дастаро юзбошӣ роҳбарӣ мекард. Ду дастаи 50 нафараро панҷоҳбошӣ сардорӣ мекард. Инчунин, дастаи даҳнафара зери фармони даҳбошӣ қарор доштанд. Даҳбошиён ёрдамчии юзбошиён ва ҳарбиён маҳсуб мешуданд[2].

Таъкид намудан ҷоиз аст, ки амир Насруллоҳ аз амирони манғит аввалин шуда дар таркиби сарбозони пиёда қисми доими ҳарбии тӯпчиёнро ташкил намудааст[3].

Амир бар замми тӯпчиёни дар артиш буда, дар назди дарвоза Ӯғлон ва Талипоч барои тӯпчиён сарбозхона – казарма барпо намуда буд.[4]

Дар таркиби дастаи тӯпчиёни амир Насруллоҳ дастаи мусиқичиёни иборат аз 14 нафар нағорачӣ ва 14 найнавоз мавҷуд буда, дар ҳар дастаи саднафара ду нағорачӣ ба намунаи туркӣ, 4 сурнайчӣ, 6 карнайчӣ фаъолият мекарданд[5].

Таркиби асосии артишро сарбозон ташкил карда, адади онҳо солҳои 1868–1873 мувофиқи шартномаи Бухоро - Россия бояд аз 12 ҳазор зиёд намешуд.

---

[1]Турсунов Б. Хӯқанд хонлигида ҳарби иш ва қўшин: ҳолати, бошқаруви, анъаналари. (XIX асрнинг 70 – йилларигача. Тарих фан. ном. дисс. – Ташкент, 2006. - С.141.

[2]Троицкая А. Л Военное дело в Бухаре в первой половине XIX века. – Душанбе, 1953. - С. 213.

[3]Шукриллаев Ю.А. Бухоро амирлигида қўшин ва ҳарбий иш (1756 – 1920 йиллар).- С. 56

[4] Ханыков Н. Описание Бухарского ханства. – СПб., 1843. – С. 71, 231-232, 235; Залесов Н. Очерк дипломатических отношений России с Бухары с 1836 по 1843 г. // Военный сборник, 1826. - Т. 27. - С. 22.

[5] Троицкая А.Л. Асари номбаршуда. - С. 213.

Соли 1876 ба Бухоро мутобиқи илтимоси амир Музаффар зери роҳбарии К.В. Церпицкий[1] як гурӯҳ зобитони рус ва унтер-офитсерон фиристода мешаванд.

Дар даврони ҳукмронии амир Музаффархон сарбозон ба ду гурӯҳ тақсим мешуданд:

**1. Сарбозони шанбегӣ** –ин гурӯҳ рӯзҳои шанбе, якшанбе ва душанбе дар машғулиятҳои ҳарбии сарбозон иштирок мекарданд.

**2. Сарбозони сешанбегӣ** – ин гурӯҳ рӯзҳои сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе дар машғулиятҳои ҳарбии сарбозон иштирок мекарданд.

Аз 12 ҳазор сарбоз 6 ҳазор нафар «сешанбегӣ», 6 ҳазори боқӣ «шанбегӣ» ном доштанд. Ҳар ҳазор нафар ба дастаҳои ҳарбӣ тақсим шуда ба онҳо саркардагон таъин шуда буданд.

Ҳар як даста дар навбати худ ба 5 «байдоқ»[2] тақсим шуда ҳар як байдоқ аз 200 сарбоз иборат буд. Байдоқҳо ба 2 сада (ба онҳо юзбошӣ саркарда буд), 4 гурӯҳи 50 нафарӣ (онҳоро панҷоҳбошӣ идора мекард), ин гурӯҳ ба даҳа (зери фармони даҳбошӣ ) ва даҳа ба гурӯҳи 5 нафараи номаш “барра”тақсим мешуд[3].

Дар охири садаи XIX ҳукумати Россия барои аз нав сохтани лашкари Бухоро таваҷҷӯҳ зоҳир менамуд.

Соли 1895 амир Саййид Абдулаҳадхонислоҳот гузаронида, шумораи аскаронро аз 11 400 то ба 10 000 нафар кам кард. Он аз 12 баталён (8200 нафар сарбоз, 52 зобит ва 12 фармондеҳи баталён), 2 эскадраи кавалерӣ (600

---

[1] Церпицкий Константин Викентьевич (1849-1906), генерал-лейтенант (1900). Гимназия ҳарбии 2-ми Санкт-Петербург, омӯзишгоҳи Павлов (1867)-ро хатм намудааст. Дар маъракаҳои ҳарбии солҳои 1873, 1875-1876, 1878 ва 1880 дар забти Осиёи Миёна, походи зидди Хитой дар соли 1900 ҷанги рус ва япон дар солҳои 1904-1905 иштирок намуда буд.

[2]Дар асл ин калима аз калимаи тоҷикии «пиёда» ба забони арабӣ ворид шудааст. Баъди забти Мовароуннаҳр арабҳо онро ба истилоҳи «байдақ» ва «байзақ» истифода кардаанд. Ин истилоҳ бори аввал дар асари Ҷамол Қаршӣ «Мулҳақот би-с-Суроҳ» истифода шудааст. Нигаред: История Казахстана в персидских источниках: Жамал ал-Карши. Мулхакат би-с-Сурах». (Прибавление к словарью “ас-Сурах”). - Том I. - Алматы: Дайк-Пресс, 2005. - С. 32.

[3]Бойгонии Осорхонаи давлатии таърихи маданияти Ӯзбекистон дар шаҳри Самарқанд, парвандаи 814, вараҳи 4.

сарбоз, 5 зобит ва 2 фармондеҳи эскадра), 2 дастаи тӯпчиёни қалъа (бо 300 нафар тӯпчӣ) иборат буд[1].

Қоидаи қабул ба сафи артиш дар тамоми давраи ҳукуматдории ин сулола ба таври анъанавӣ боқӣ монда буд. Дар аввали асри XX, аниқтараш дар миёни солҳои 1905-1920 дар натиҷаи ташкили қисмҳои ҳарбии усули нав ин анъана каме тағйир ёфт.

Қоидаи қабул ва сафарбар кардан ба сарбозӣ чунин ҷараён дошт: ба сафи сарбозон аввалан, ҷинояткорон, дузду қароқчӣ, гурезагон, фарзандони аз болои онҳо падару модарашон шикоят карда ҷалб мешуданд.

Дар як номаи мансабдори ҳарбии Бухоро чунин навишта шудааст: - «Ҳазор бор тасаддуқи сари азизи ҳазратам шавам! Ғуломи нодон ва ризоталабашон Абдулҷалили аз гузари Қирғизоим будаpo, яъне маҳбуси ба зиндони олӣ маҳкумшударо бо ҳамроҳии Моҳончӣ ба вилояти Балҷувон ба ҳузури Абдушукур мирохур ба хизмати сарбозӣ фиристодам»[2].

Дар бойгонии марказии давлатии Ӯзбекистон, дар фонди "Канцелярияи қӯшбегии амир" (фонди И-126), садҳо ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти марбут ба қабул ва сафарбарӣ ба сафи лашкари амир мавҷуд аст.

Дар яке аз чунин ҳуҷҷатҳо навиштаанд, ки: «Тасаддуқи сари мубораки ҳазрати Сайидам шавам, ки дар давраи Ҳазрати амири ғуфроннишон ясовули афғон Носирхон, ба зиндони олӣ маҳкум буд. Тибқи фармони олӣ ба Чорҷӯй омада, ба сафи сарбозон даромадааст. Ҳар соле ӯ 50 манн[3] ғалла гирифта аз хурсандӣ дар ҳаққи ҷаноби олӣ дуо мекунад. Кӯчи ӯ дар Бухорои шариф мондааст. Ғуломи мазкурашон, ҳазрати ҷаноби олиам қаровулбегиро бениҳоят дуо карда, арзи бандагӣ менамояд, ки ғуломи давлатхонаи олиям. Ғуломашон "ба Бухорои шариф рафта, дар сафи навкаронашон хизмат карда, бо аҳли аёлаш якҷоя зоти олиро дуо мекунем", - гӯён умед мекунад.

---

[1] Тухаметов Т.Г. Русско-бухарские отношения в конце XIX-начале XX в. - Ташкент, 1966. - С.53; Ишанов А.И. Бухарская Народная Советская республика. - Ташкент, 1969. - С. 55.

[2]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1527, вараќи 1. Аризаҳо ба чунин мазмун дар фонди ин бойгонӣ зери рӯйхати 1, парвандаҳои 1528, 1529, 1530, 1531 ба чашм мерасанд - С.Б.

[3]Дар ин давр 1 мани Бухоро аз 16 кг. баробар буд.

Ман як ғуломи оҷизу нотавон аз ин сабаб «марҳамат ва ризоияти олӣ чӣ тариқа мешавад"- гӯён арзадошт намудаам»[1].

Ин маълумот баёнгари он аст, ки як қисми сарбозон аз ҳисоби маҳбусон ташкил мешудаанд. Барои муайян кардани таркиби сарбозон овардани маводи боз як ҳуҷҷати дигар арзише муҳим дорад: - «Қурбони сари мубораки Ҳазратам шавам. Ғуломашон Имомназарбек Эшоноғобошӣ аз Пардаликам. Якғуломи қаровулбегиашон аз заъфи пирӣ аз ӯҳдаи хизмат набаромада истодааст. Марҳамати олиро дареғ надошта умедворам, ки Мулло Бобо ном фарзандамро ба ҷои ӯ насб месозед. Бо иҷозати олӣ валади ӯро ба сафи навкарияи мирзобошиён дохил менамоям»[2] .

Тибқи эътирофи маъхазҳо ҳини қабул ба сарбозӣ се нафар шахс ба ӯ кафил мешуданд, дар ҳолати гурехтани аскар аз артиш худи ин кафил(он) ба хизмати ҳарбӣ ҷалб мешуданд:

«Сарбозони қӯшуни ғуломашон Мирбӣ парвоначӣ ва ғуломашон Тӯпчӣ, яъне сарбозони дар Бухорои шариф дар хизматбудаи онҳо 30 нафарро ташкил мекунад. Аз онҳо 8 нафар сарбоз фирор кардааст. Инро ба юзбошӣ маълум сохтем. Агар фирориёнро пайдо карда натавонанд, фармудем, ки аз хешу ақрабои онҳо кафилшудагонро ба даст гиранд. Онҳоро ба сафи қӯшун медарорем. Соли 1326 ҳиҷрӣ, (1908-09)»[3].

Чи тавре, ки дар боло зикр шуда буд, вақти қабули сарбоз ба ӯ се нафар кафил мешуданд ва дар назди қозӣ ба тариқи расмӣ санад тартиб дода, ба он мӯҳр мезаданд. Ба ҷои сарбози фирорӣ кафилонро ба хизмат даъват кардан бо чунин мақсадҳо амалӣ мегардид:

– тартиби таркиби артишро таҳти интизом нигоҳ доштан;

– сафи аскарони гурехта ва бедаракшудагонро пур кардан;

– Бинобар ин, рӯҳияи ватанпарварӣ дар мамлакат паст буд, хизмати ҳарбӣ шараф дониста намешуд, балки онро аз ҷониби давлат маҷбурият

---

[1]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1527, вараҳи 2.
[2] БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1625, вараҳи 7.
[3] БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1629, вараҳи 9.

медонистанд. Хизмати ҳарбӣ хеле сангин, даромади он ночиз буда, имкони ташкили зиндагии осудаҳолона барои хизмати ҳарбӣ вуҷуд надошт .

Дар маводи бойгонии девони қӯшбегии амир (ф. И-126 БМД ҶӮз.) ҳодисаҳои қабул ба сарбозӣ тибқи илтимоси падару модарон ҳам дида шуданд. Бо ин мазмун аризаҳои зиёде ба даст омадаанд, аз ҷумла, дар яке аз мавод омадааст: «Ғуломи ризоҷӯи камтарин аз камтаринҳои Ҷаноби олӣ Кенҷабек қаровулбегии юзбошӣ ба умеди қабул арз кардааст. Тасаддуқ шавам, ғуломашон Маҳтобой ном ба дасти ин ғуломашон номаи худро ба дасти ин расонида ба ҳазратам Ҷаноби олӣ арз намудааст, ки Муртазо ном фарзандашро саришта карда натавонистааст. Бо марҳаматашон ба ӯ либоси ҳарбӣ пӯшонида, аслиҳа дода, ба сафи қӯшуни олӣ дарорам...[1]. Маълумотҳое ба даст омадааанд, ки мӯҳтавои онҳо аз ҳисоби мардуми паноҳҷуста ва ба Бухоро муҳоҷиршуда иборат будааст, ки сафи лашкари олиро пур мекарданд. Чунончи: «арзадошти ғуломони ризоталабашон Абдулҳамидбек ва Миpқулибек аз ҷаноби ҳазрати олӣ: Ин ду ғуломашон аз ватан ҷудо шудаанд. Бо ҳазор азият то остонаи ҷанобашон ба умеди расидан ба муродашон омадаанд. Ғуломпарваро! Бо умед ғуломони мазкурашонро барои ба қатори қӯшунашон даровардан рухсат мепурсам»[2].

Бар замми ин аз ҳисоби ихтиёриён ҳам сафи лашкар пур мешудааст. Барои мисол, ин аризаро меорем: “Умедгоҳо! Оллоҳназар мирзобошӣ дар қӯшуни камина навкар буд, вафот ёфт. Фарзанди ӯ Эшонқулибек хизматкори садоқатманд буда, орзу дорад, ки дар қӯшуни вазоратпаноҳ хизмат намояд. Умедвори иродатмандии ҳазратам ҳастам, то ки Эшонқулии мазкурро ба сафи хизматкоронам дарорам...сана 1314/1896-97[3]

Ба ҳар ҳол бояд тазаккур дод, ки бо чунин мазмун дар бойгонӣ ариза ва дархостҳо хеле каманд. Агар ин тавр иддаои ихтиёриён зиёд мебуд фирор ва саркашӣ аз хизмат дар сафи лашкар камтар ба чашм мерасид.

Маълумоти ахборотчиёни сокини вилояти Бухоро, ки бо маълумотҳои бойгонӣ наздиканд, фикру мулоҳизаи моро тақвият ва исбот мекунанд.

[1] БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1526, варақи 22.
[2] БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1527, варақи 29.
[3] БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1525, варақи 1.

Сокини яке аз туманҳои Бухоро сарбози амир Очил валади Зариф соли 1910 дар вақти пахши исён ҳалок мешавад. Ҳамсари ӯ Маъсума бо ду фарзандаш бева мемонад. Амалдорони амир барои таъзия омада ба зани собиқ сарбоз 9 таноб замин ва як хизматкор ваъда медиҳанд. Ба ивази ин писарони Маъсума мувофиқи анъанаи ҷорӣ бояд як умр дар сафи лашкари амир хизмат мекарданд. Маъсума ба ин шарт розӣ намешавад ва аз замину хизматкор даст кашида, фарзандонашро аз химати ҳарбии абадӣ озод мекунад[1].

Омӯзиши таркиби лашкари амир нишон дод, ки то вақти сарнагун кардани ҳукумати аморат дар сафи лашкар ғуломон хизмат мекардаанд. Маълум аст, ки дар Бухоро дастаи сарбозони ғуломони зархарид мавҷуд буда, онҳо то охири умр бояд дар сафи артиш маҷбуран хизмат мекарданд. Ниҳоят, соли 1886 мувофиқи фармони амир Абдулаҳад[2] ин зархаридон ҳам дар баробари дигар ғуломони аморат ҳуқуқ пайдо карданд, ки васиқаи озодӣ бигиранд. Аммо асноди бойгонӣ нишон медиҳад, ки сарбозони ғулом дар аксар ҳолат хати озодиашонро бо сабабҳои мухталиф гирифта натавониста, ба амир дар ин бора борҳо муроҷиат кардаанд.[3] Ғуломон дар дастаи даҳанафара (даҳа) алоҳида хизмат мекарданд. Гарчи сарбозони озод аз нимаи дуввуми асри XIX сар карда ба артиши доимӣ ҷалб шуда бошанд ҳам, дар мавриди ҳаёти осоишта, бо умури ободонии шаҳр, тоза кардани кӯчаҳо, ҳатто ба корҳои деҳқонӣ ҳам машғул мешуданд. Ин сарбозон фақат дар вақти машқҳои ҳарбӣ ва ҷанг бо либоси ҳарбӣ ва аслиҳа таъмин карда мешуданд.

Дар замони осоишта то давраи ҳукмронии амир Музаффархон ин сарбозон силоҳи худро ҳамроҳ ба манзилашон мебурданд. Дар замони ин амир намуди либосҳои низомӣ ҳам тағйир ёфт. Сарбозони Бухоро ба сар кулоҳи дарози сиёҳи конусӣ (чун кулоҳи қаландарон), аз мӯйи бузи сафед шим, дар зимистон мундири ҳарбӣ (кулӯча) дар бар мекарданд. Шим ва мундир дар ду сол як маротиба иваз мешуд. Пойафзолро ҳар як сарбоз бояд

[1]Маълумоти сокини шаҳри Бухоро марҳум Шерали Очилов ба профессор Ш.Воҳидов.
[2]Мувофиқи шартномаҳои байни Бухоро ва Россия аз солҳои 1868-1873 дар муддати 10 сол бояд ғуломдори дар аморат пурра барҳам дода мешуд. Аммо, ин тадбир то ба охир ба сомон нарасида монда буд - С.Б.
[3] БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 2107, вараќи 1.

худаш мегирифт. Дар давраи амир Абдулаҳадхон ба ҳарбиён дар ду сол як бор як ҷӯра мӯза медоданд[1]. Мундири ҳарбӣ («кулӯча» ё «пӯшок») ва сарпӯш бошад, «қӯлончин» номида мешуд. Дар погони сарбозон рақами дастаи ҳарбӣ навишта шуда буд.

Баъди вафоти амир Музаффархон амир Абдулаҳадхон теъдоди сарбозонро ба 2000 нафар кам намуд. Сарбозони шанбегӣ 4 даста (4000 нафар), сарбозони сешанбегӣ ҳам то ҳамин адад кам карда шуданд. Дар ин давра як гурӯҳи дигари сарбозон аз ҳисоби сарбозони шанбегӣ тартиб дода шуданд. Аз 4000 нафар сарбозони шанбегӣ 2000 нафарро бо туфанги панҷтира мусаллаҳ сохта, онҳоро «сарбозони думболапур» меномидагӣ шуданд[2] (аз сабаби аз ақиби мил тир ҷойгир шуданаш онҳоро чунин ном бурда буданд. Дар ин давра тӯпчиёни аз тӯпҳо "думболапур" оташ меандохтаро ҳам "тӯпчиёни думболапур" мегуфтанд).

Сарбозони аз мулкҳои зери тасарруфи генерал–губернатории Туркистонбуда (асосан аз Хӯқанд, Ҷиззах ва Самарқанд) мувофиқи муоҳидаи байни аморат ва Россия бояд озод карда мешуданд. Дар замони ҳукуматдории амир Абдулаҳадхон қариб тамоми сарбозон аз ҳисоби асирони рус озод шуда буданд. Ғайр аз ин, амир Абдулаҳадхон тез-тез сарбозони касалмандро аз сафи артиш ҷавоб медод. Дар маълумотҳои бойгонӣ перомуни ин масъала далелҳои зиёд нигоҳдорӣ мешаванд:

"Иннайтов (Игнатов)- элчи тӯраи (дар матн чунин аст) дар Бухорои шариф буда, ба ин ғуломашон нома навишта маълум карда, ки аз табааи Самарқанд Абераой – завҷаи Турсунхоҷа Пӯлоди Самарқандӣ ба ҳукумати Самарқанд аризадошт навишта чунин гуфтааст: "Ҷӯрабой ва Мир Ориф ном ду нафар писарони ман 10 сол боз дар Бухоро сарбоз шуда хизмат мекунанд. Ҳозир ман пир шудаам. Илоҷи онҷо рафта омадан надорам. Абераой ба ҳукумати Самарқанд арз карда, илтимос намуда, ки ду писарашро ба Самарқанд фиристонанд. Мазкурон ҳозир дар садаи муборизатпаноҳ Мирзобой тӯқсабо, дар қӯшуни Мухторхоҷа қаровулбегии юзбошӣ

[1]Бойгонии Осорхонаи давлатии таърихи маданияти Ӯзбекистон дар шаҳри Самарқанд, парвандаи 814. – С. 2.
[2]Ҳамон ҷо.

сарбозанд. Биноан алайҳ ба илтимоси ҳокими Самарқанд аз Ҷанобашон Ҷӯрабой ва Мир Орифро барои фуқарои Самарқанд буданашон аз сарбозӣ озод намуданашонро илтимос карда мепурсам. Санаи 1877”[1].

Ҳуҷҷатҳо бо чунин мазмун аз Фарғона, Ҷиззах, Ӯротеппа ва Хуҷанд, яъне аз вилоятҳои зери тасарруфи империяи Россия буда хеле зиёданд.

Дар боло зикр шуда буд, ки аз давраи амир Абдулаҳадхон сарбозони солхӯрда ва касалмандро аз хизмати сарбозӣ озод мекарданд. Дар ин бора ҳуҷҷати зеринро пайдо кардем: «Фозилбек ғуломашон маълум менамояд, ки: Ёқуббек дар вилояти Келиф дар хизмат аст. Ӯ ба дарди фалаҷ мубтало шуда, ба хизмат нолоиқ ва хоб аст. Ӯро аз хизмат озод карданатонро мепурсем»[2].

Дар як ҳуҷҷати соли 1883 дар бораи 450 нафар сарбози аз ғуломӣ озод кардашуда ва аз ин сарбозон 297 нафарашон хоҳиши аз сари нав идомаи хизмати сарбозӣ карданашон баён шудааст[3]. Пур кардани сафи сарбозони аз хизмат озодшуда бисёр масъалаҳоро пайдо карда буд. Соли 1887 юзбошиён дар бораи адади сарбозони лашкарҳои худ ахбор дода қайд кардаанд, ки дар садаи Абдулҳаким юзбошӣ ҳамагӣ 189 нафар (ба ҷои 200 нафар), дар садаи Муҳаммад Азим 190 нафар, садаи Шариф юзбошӣ 175 нафар, се садаи дар Ҷорчӯй буда 555 нафар, садаи Остонқул юзбошӣ 189 нафар буда, аз шумораи дигар сарбозони садаҳои пурра набуда хабар додаанд[4]. Пас дида мешавад, ки баъзе даҳаҳо аз сарбозон комилан таъмин набудаанд.

Сарбозони аморат аз 28 бекигарӣ ташкил ёфта, хизмати махсуси худро иҷро карда мерафтанд. Чунин сарбозон гурӯҳи «илғор» ном дошта, ба таври зерин тақсим шуда буданд:

Дар бекигарии Чорҷӯй 100 думболапур, 10 нафар тӯпчӣ (бо 2 тӯпи кӯҳна), муддати хизмат 6 моҳ.

Дар Шаҳрисабз 800 сарбози сешанбегӣ, 10 нафар тӯпчӣ (бо 3 тӯпи кӯҳна). Ин гурӯҳи ҳарбӣ дар бекигарии Китоб ҳам назорати худро ҷорӣ карда як сол хизмат мекарданд.

---

[1]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1484, вароқи 1-2.
[2]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1625, вароқи 3.
[3] БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1625, вароқи 1.
[4] БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1529, вароқи 1.

Дар Каркӣ 100 думболапур, 10 нафар тӯпчӣ (бо 2 тӯп), 6 моҳ хизмат мекарданд.

Дар Кармина 200 думболапур, 10 нафар тӯпчӣ (бо 2 тӯп). Муддати хизмат ду сол сол.

Дар Дарвоз - 200 сарбози сешанбегӣ, 10 нафар тӯпчӣ (бо 2 тӯп). муддати хизмат як солу 2 моҳ.

Дар Балҷувон - 600 сарбози сешанбегӣ, 10 нафар тӯпчӣ (бо 4 тӯп). Муддати хизмат 2 сол ва ҳоказо[1].

Дар муддати мазкур сарбозони қисми «илғор» ба Элнавкарони ин ҳудуд ёрдам медоданд.

Вақти ба охир расидани муддати таъиншуда қисми илғор ба дигар ҳудуд кӯчонида мешуд[2].

Дар давраи ҳукуматдории сулолаи манғитиён ғайр аз сарбозони лашкари аморат то соли 1920 боз чанд гурӯҳҳои ҳарбии нав ташкил карда шуда буд. Муаррих Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ дар миёни солҳои 1917-1920 таркиби лашкари аморатро чунин тавсиф намудааст: «Низоми аскарияи Бухоро аз ҳафт фавҷ (гурӯҳ) иборат буд: 1. Тӯпчиён. 2. Казакҳои савора. 3. Шефский. 4. Терский. 5. Араббачагон. 6. Фавҷи туркман. 7. Сарбозон[3].

Казакҳои савора «қазонски» номида шуда боз дар лашкари амир гурӯҳҳои "ғуломбачагон", "шербачагон", "элнавкарон"ҳам буданд. Маълум мегардад, ки аз ин гурӯҳҳои низомии сарбозон ғуломбачагон, элнавкарон ва тӯпчиён хеле пештар ташкил шуда, дастаҳои низомии дигар дар иртибот ба вазъи сиёсӣ ва ҳарбии аввали асри XX танзим шуда будаанд. Доир ба ин гурӯҳҳо алоҳида фикр рондан мумкин аст.

**Ғуломбачагон.** Ин гурӯҳи низомӣ дар давраи ҳукмронии ҳама сулолаҳои дар Бухоро ҳукмронда мавҷуд буда, вазифаи асосии онҳо ҳифзи Арки дар чаҳор гектар ҷойгиршуда иборат буд.[4]

---

[1]Бойгонии Осорхонаи давлатии таърихи маданияти Ӯзбекистон дар шаҳри Самарқанд, парвандаи 814, вароқи 7-8.
[2]Шукриллаев Ю.А. Бухоро амирлигида қўшин ва ҳарбий иш (1756 - 1920 йиллар). - С.123.
[3]Муҳаммад Сайид Балҷувони. Таърихи нофеӣ. - С.56.
[4]Бойгонии Осорхонаи давлатии тарихи маданияти Ӯзбекистон дар шаҳри Самарқанд, парвандаи 814, вароқи 11.

Дар давраи амир Насруллоҳ аввал гурӯҳи «ғуломбачагон»-и аз 100 нафар иборатбуда ташкил мешавад. Онҳо аз ҳисоби ғуломони зархарид ташкил шуда, чунин ном гирифта буданд. Ғуломбачагон даставвал бо оилаҳои худ дар дохили арк ҳам хизмат ва ҳам зиндагӣ мекарданд. Баъдан шумораи онҳо аз ҳисоби ихтиёриён то ба 200 нафар афзуд. Ихтиёриён баъди хизмат ба манзилҳои худ мерафтанд. Ғуломбачагон ҳам ҳини хизмат ба 2 гурӯҳ тақсим шуда, ҳафтае 3 рӯз ба хизмати посбонии Арк машғул мешуданд. Як гурӯҳи онҳо чун сарбозони шанбегӣ ва сешанбегӣ рӯзҳои шанбе, якшанбе ва душанбе, гурӯҳи дуввум бошад, рӯзҳои сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе адои хизмат мекарданд. Рӯзи ҷумъа рӯзи истироҳат буда, вазифаи ҳифзи Арк ба зиммаи ғуломбачагон меафтид. Миёни ғуломбачагони арк хизмат чунин тақсим шуда буд:

Дар давраи ҳукмронии амир Насруллоҳ аз 100 нафар ғуломон 50 нафар 3 рӯзӣ посбонӣ карда, 20 нафари дигар дар беруни арк ахбори махфиро ба амир расонида, 10 нафари боқимонда дар обхона, регхона, канахона барин зиндонҳои амир хизмати посбониро адо мекарданд[1].

Ғуломбачагон (100-200 нафар, баъдан 50 нафар) ғайр аз садбошӣ (юзбошӣ) ба мансабдори ҳарбӣ «тӯпчибошии дарвоза», ки ба муҳофизати беруни арк масъул буд, итоат мекарданд[2].

Дертар ба ин хизмат ихтиёриён ҳам ҷалб карда шуда, дар давраи ҳукмронии амир Музаффархон теъдоди онҳо 200 нафарро ташкил мекард[3]. Ғуломбачагон ҳам бо аъзои оилаашон дар дохили арк зиндагӣ мекарданд. Сохтори ҳарбии ин гурӯҳ ҳамчун сарбозон аз ду дастаи саднафарӣ (зери фармони юзбошӣ), чаҳор қисми 50 нафарӣ (зери фармони панҷоҳбошӣ ), 8 гурӯҳи 25 нафарӣ ва 16 дастаи 12-13 нафарӣ (зери фармони даҳбошӣ ) ташкил ёфта буданд.[4]

Дар давраи ҳукуматдории амир Абдулаҳадхон шумораи ғуломбачагон ба 50 нафар ихтисор шуд, зеро агар аз як тараф шумораи оилаҳои онҳо

---

[1]Андреев М.С. Чехович О.Д. Арк Бухары. – Душанбе, 1972. - С. 68.
[2] Шукриллаев Ю.А. Бухоро амирлигида қўшин ва ҳарбий иш (1756 - 1920 йиллар). - С. 135.
[3]Андреев М.С., Чехович О.Д. Арк Бухары. - С. 137.
[4]Бойгонии Музеи давлатии таърихи маданияти Ӯзбекистон дар шаҳри Самарқанд, парвандаи 814, вараќи 12.

афзуда, дигар ба онҳо эҳтиёҷе намонда бошад, аз тарафи дигар, аморат ба протекторати Россия табдил ёфта, дарбори амир аз берун аз тарафи 200 нафар сарбозони думболапур муҳофизат мешуд.

Сад нафар ғуломбаччагони аз тарафи амир Абдулаҳадхон ихтисоршуда, ба сафи сарбозон илова шуда буданд. Дар ин бора маводи зерини бойгонӣ хабар медиҳад: «Ғуломашон Абдусамадбек бӯғчабардор марҳамати зоти олиро расонид, ки "Шоҳмурод ғуломбача агар кӯч дошта бошад, бо кӯчи худ ба Қарокӯл фиристода шавад. Ӯ дар Қарокӯл бо сарбозони қӯшун хизмат кунад" гуфтааст. Амри олиро қабул кардам»[1].

Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки фуқарои вилоятҳои зери тасарруфи генерал-губернатори Туркистон даромада, сарбозони бемор ва ғуломбачагони солхӯрда ихтисор ё аз хизмат озод карда мешуданд. Умуман, қисми ҳарбии ғуломбачагон то соли 1920, то вақти сарнагун кардани ҳукумати амир аз тарафи аскарони сурх мавҷуд буда, ин масъала доир ба муносибатҳои ғуломдорӣ (каму беш) равшанӣ меандозад.

**Элнавкарон**. Аз замони ташкил шудани хонигарии Бухоро (1533-1539) доир ба гурӯҳи элнавкарон дар манбаъҳо маълумот дида мешавад. Гурӯҳи низомии элнавкарон дар 28 бекигарии аморати Бухоро мавҷуд буда, вазифаи асоси онҳо муҳофизат ва таъмини осоиштагӣ дар вилоятҳои худашон буд.

Ҳар як бекигарӣ элнавкарони худро дошта, қисми асосии онҳо дар ҳафт амлокдории бекигарии Бухоро: Бухоро, Хоҷаи ҷаҳон, Вобкент, Пирмаст, Хоҷа Ориф, Рометан, Зарметан) ҷойгир буданд. Элнавкарони бекигарии Бухоро аз 150 нафар иборат буда, аз рӯи мансубияти қавмӣ ба 9 даста тақсим шуда, чунин ном доштанд: 1. Манғит 2. хитой 3. қирғиз 4. қипчоқ 5. ушруқ 6. араб 7. найман 8. бургут 9. сарой.

Элнавкарон хизматчиёни доимии ҳарбӣ ба ҳисоб нарафта, дастаи 150 нафарии онҳо бо навбат 6 моҳа (шаш моҳ 75 нафар ва шаш моҳи дигар боқимонда) ба хизмати қаровулӣ ва ҳаммолӣ ҷалб мешуданд. Дар дигар вақт 75 каси бекор дар манзилҳои худ буданд. Элнавкарон асосан бо силоҳи

---

[1]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1526, варақи 6.

маҳаллӣ мусаллаҳ буда, сару либоси махсуси ҳарбӣ намегирифтанд. Онҳо асосан шохмилтиқ, ханҷар, шамшер ва дигар аслиҳаи оддӣ доштанд.

Элнавкарони шароити моддии хуб дошта, ба хизмат бо аспҳои худ ҳозир мешуданд. Аз ҳамин лиҳоз, ин гурӯҳи ҳарбиро на қисми пиёда ва на савора номидан мумкин нест. Ин ҳарбиёни бо аспони худ ба хизмат меомадаро «аспони бетамға» ё «элнавкарони аспи бе тамға» меномиданд[1].

Аз давраи ҳукуматдории амир Ҳайдар ба элнавкарон ҳар сол як маротиба 50 танга «сарупопулӣ» доданро оғоз карданд. Мансабдорони ин гурӯҳи ҳарбӣ боз мулки “танҳо” ва осиёбҳо доштанд. Дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ аризадошти навкарон бо дархости замин ба ивази хизмат ва бо нишон додани номи аризадиҳандагон дида мешавад:

«Ғуломашон Ҳусайнбекбӣ бо марҳамати муборакномаи олӣ бо дигар 14 нафар ғуломон ба сафи “элнавкария”даромада буд. Онҳо дар ҳаққи Шумо дуои бениҳоят менамоянд. Нуруллоҳхоҷа Хайём, Тӯрахоҷа Хайём, Ёрмуҳаммад Хайём, Абдусаттор Хайём, Ҳоҷи Шодибек Мирзобоши Хайём, Ниёзчеҳрабой Паҳлавон, Улуғбердӣ Ҷаҳонбой, Турдӣ Баҳром оғо, Қорабек оқсақол, Бекмуродбек Ҳисорқул, Қаландар ясавул, Фозил ясавул ва Рӯзимуродбек ғуломонашон аз ӯрдахонаи олӣ расидани заминро умедворанд. Бо иҷозати олиашон аз давлати ҳазратам барояшон заминҳоро хат карда диҳам... сана 1294/1877-78.[2]

Аз миёни элнавкарони вораста низ ба дигар даста ва гурӯҳҳои низомӣ сарбозони лоиқ қабул карда шуда, онҳо ба амал ва мансабҳои баланди ҳарбӣ расида буданд. Фаъолияти элнавкарон дар аморат то соли 1920 нишон медиҳад, ки давлати амир ба хизмати (арзони) ин гурӯҳи низомии маҳаллӣ мӯҳтоҷ будааст.

**Тӯпчиён**. Дар аморати Бухоро дар таркиби лашкари пиёда аз ҳисоби сарбозон амир Насруллоҳ (1827-1860) гурӯҳи алоҳидаи тӯпчиёнро ташкил намуда буд[3]. Гарчанд ин қазия дар манбаъҳо чунин эътироф шавад ҳам, дар мавриди ҷанг ва юришҳои ҳарбӣ тӯпчиён миёни гурӯҳҳои низомии аморат ба

---

[1]Шукриллаев Ю.А. Бухоро амирлигида қӯшин ва ҳарбий иш (1756 - 1920 йиллар). - С. 135.
[2]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1625, вараҳи 10.
[3] Троицкая А. Л. Асари номбаршуда. - С. 211.

таври мухталиф тақсим ва ҷойгир карда мешуданд. Таъкид кардан лозим, аст, ки аз даврони амир Насруллоҳ сар карда, то соли 1920 шумораи тӯпчиён нисбат ба шумораи тӯпҳо кам шудааст, ки ин аз афзудани дараҷаи техникӣ ва ҳарбии артеллерия далолат медиҳад.

Дар аморат тӯп (замбарак ва ҷазоил)-ҳо асосан аз тӯпҳои сохти англисӣ ва туркӣ иборат буда, тавассути Россия ва Афғонистон ба Бухоро оварда шуда буданд. Солҳои 1850-1880 тӯпҳои аморат дар бекигариҳо ба таври зерин тақсим шуда буд:

Дар бекигарии Бухоро 90 нафар тӯпчӣ, 30 тӯп;

Дар бекигарии Чорҷӯй 10 нафар тӯпчӣ, 2 тӯп (тӯпи вазнин);

Дар бекигарии Шаҳрисабз 10 тӯпчӣ, 3 тӯп;

Дар бекигарии Каркӣ 10 тӯпчӣ, 2 тӯп (тӯпи вазнин);

Дар Кармина 10 тӯпчӣ, 2 тӯп (тӯпи вазнин);

Дар бекигарии Балҷувон 10 тӯпчӣ, 3 тӯп[1] ва ҳоказо.

Чуноне ки қаблан таъкид карда будем, дар Бухоро шумораи тӯпчиён аз 100 то 250 нафарро ташкил медод. Тӯпчиён дар лашкари аморат ҳарбиёни бонуфус ҳисоб мешуданд, аммо дар амал иҷрои вазифаи онҳо хеле мушкил буд. Интиқоли ин тӯпҳои вазнин ва истифода аз онҳо дар шароити ҷанг хеле вазнин буд. Барои ҳамин маоши онҳо нисбати дигар хизматчиёни ҳарбӣ зиёдтар буд. Шояд ҳамин мушкилӣ сабаб шуда бошад, ки дар аморат мансаби олии ҳарбӣ ҳам тӯпчибошӣ маҳсуб мешуд. Аз охири даврони ҳукуматдории амир Музаффархон то замони Олимхон ҳокими Қаршӣ Акрамбек, дар солҳои ҳукуматдории амир Олимхон бошад миршаббошӣ Абдусатторбек дар мансаби тӯпчибошӣ фаъолият нишон дода буданд[2].

Тӯпчиён рӯзи шанбеи ҳар ҳафта машқи ҳарбии ҷанговар мегузарониданд. Дар бекигарии Бухоро ҷойи баргузории он майдони дар беруни дарвозаи Самарқанд буда ҳисоб шуда, ин машқҳоро «машқи пахта-парронӣ » меномиданд. Вақти машқи «пахта-паррон» тӯпҳоро бо пахта, снаряди бе тир мепарронианд (яъне баъди порох ба ҷои гулӯла пахта ё пӯсти

---

[1]Бойгонии осорхонаи давлатии таърихи маданияти Ӯзбекистон дар шаҳри Самарқанд, парвандаи № 814, вараqи 9.
[2]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 12, парвандаи 1505, вараqи 5.

ҷавро мерехтанд)[1]. Дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ перомуни машқҳои тӯпчиён дар дигар ҳудудҳои аморат маълумот пайдо нашуд. Аз сабаби бо тӯпҳои кӯҳна ва аз ҷиҳати техникӣ носоз мусаллаҳ будани тӯпчиёни аморат ҳодисаҳои вақти оташандозӣ ҳалок шудани худи тӯпчиён ҳам мушоҳида шуда буд. Соли 1918 вақти воқеаи Колесов дар бекигарии Бухоро Раҳматиллоқул, ки дар сафи тӯпчиёни амлоки Вобкент хизмат мекард, дар вақти ҷанг ҳалок мешавад. Тибқи гуфтаи ҳамсари ӯ вақти оташзанӣ тӯп таркида тӯпчиёнро ҳалок намуда будааст[2].

Гурӯҳи тӯпчиёни Бухороро ба 2 гурӯҳ тақсим кардан мумкин: 1. тӯпчиёни қалъа. 2. тӯпчиёни сайёри ҷангӣ. Тӯпчиёни қалъа асосан бо тӯпҳои хеле вазнин мусаллаҳ буда, тӯпчиёни сайёр бештар бо тӯпҳои сабуки навъи ҷазоил ва замбарак, баъдтар бо тӯпҳои англисӣ, русӣ ва туркӣ мусаллаҳ шуда буданд. Ҳукмдорони Бухоро чӣ миқдор бо тӯпу тӯпчиёни худ болида бошанд ҳам, натавонистанд пеши роҳи истилои Бухоро аз тарафи аскарони сурхро бигиранд.

**Терский.** Солҳои 60-уми асри XIX гурезаи армияи рус Усмон, ки ба миллати тотор мансуб буд, ба аморат омада, ба тартиб додани артиши нав шурӯъ намуд. Дар ин бора амир Музаффархон ба ӯ хайрихоҳӣ изҳор намуд. Дар натиҷа Усмон дар Бухоро фаъолияти худро зимни тартиб додани артиш дар асоси устави ҳарбии армияи рус оғоз карда, услуби ҷанг ва дигар қоидаҳои аврупоӣ ҷорӣ намудан гирифт[3]. Аммо, соли 1868 баъди мағлубияти аморати Бухоро дар муҳорибаи назди Зирабулоқ аз империяи Россия тамоми айбро ба дӯши Усмон бор карда, ӯро ба саркашии саркардаҳо Тӯхтамишбек ва Ҳоҷии турк айбдор дониста, соли 1868 қатл намуданд.

Ҳарбиёни рус, аз ҷумла Г. Арендаренко ба Усмон баҳои мусбат дода навишта буд: «Барои армияи амир хеле умури ба аҳамияти бузург моликро ба амал татбиқ карда буд, лекин амалдорони ба манманӣ додашуда, инро

---

[1]Нигаред: Чориев З. Тарих атамаларининг қисқача изоҳли луғати. Тўлдирилган иккинчи нашри. – Тошканд, 2002. - С.183.

[2]Аз ахбороти сокини Вобкент Ҳалима Жумаева ба Ш.Воҳидов.

[3] Логофет Д. Н. Бухарское ханство под Русским протекторатом. – Т. 1. - СПб., 1911. - С. 252; Шукриллаев Ю.А. Бухоро амирлигида қўшин ва ҳарбий иш (1756 – 1920 йиллар). - С. 124-130.

нафаҳмиданд[1]. Гарчанд ба омӯзиши техникаи ҳарбии замонавӣ ва донишҳои ҳарбӣ дар он замон камтар таваҷҷӯҳ дода шуда бошад ҳам, ворисони амир Музаффархон дар ин масъала каму беш ба таври мусбат муносибат карданд, аммо хеле дер шуда буд. Тамоми ислоҳот ва навовариҳои ҳарбии замони протекторати Россия бар аморат зери назорат ва таъсири маъмурони рус гузаронида шуда буд. Чӣ ҳоҷат барои баён, ки ду ҳукмрони охирини аморати Бухоро амир Абдулаҳадхон ва Олимхон дар хизмати ҳарбии империяи Россия буда, рутбаи ҳарбии генералиро доштанд.

Солҳои 70-уми асри XIX авзои ҳарбӣ-сиёсӣ дар Бухорои Шарқӣ хеле мураккаб гашт. Махсусан, инро дар мисоли бекигарии Ҳисор дидан мумкин аст, ки дар он ошӯбҳои халқӣ зиёд сар зада, зиддият ба ҳукумати марказӣ авҷ гирифта буд. Дар натиҷа, маъмурияти рус хуб дарк намуд, ки барои таъмини осоиштагӣ дар аморат ба ин давлат мадади ҳарбӣ расонидан зарур аст. Аз соли 1881 сар карда инженерони ҳарбии рус, конструктор ва зобитони баталони 12-уми Туркистон зери фармони полковник Церницкий ба фаъолият оғоз намуданд[2]. Амир Абдулаҳадхон генерал-адъютанти императори рус маҳсуб шуда, дар рӯйхати полкҳои дар Россия будаи казакҳои Терский ва полки 5-уми Шефскии казакҳои Оренбург қайд шуда буд[3].

Казакҳои Терский дар аввал лашкари пиёда маҳсуб шуда, баъдтар як қисми онҳо ба аскарони савора табдил дода шуда буданд.

Сару либоси ҳарбии казакҳои Терский ба либоси казакҳои рус монанд буда, тарзи зиндагонии онҳо аз сарбозон дида каме беҳтар буд. Ба онҳо ҳар сол 4 маҷмӯа либоси ҳарбӣ, моҳе 35 танга маош, ҳар сол дар айёми идҳои мусулмонон 20 танга “худоипулӣ ” дода мешуд. Либоси онҳо мувофиқи унвони ҳарбии казакон сафед, сиёҳ, сурх ва зарди баланд буда буд.

Гурӯҳи мазкур дар Кармина, дар наздики қароргоҳи амир ҷойгир буд. Дар вақти сафарҳои дарозмуддати амир Абдулаҳадхон ба Россия дастаи Терский дар шаҳри Бухоро, дар сарбозхонаи гузари Тахти Чорбоғ ҷойгир

[1] Арендаренко Г. Бухарские войска в 1880 г. // Туркестанский сборник. - С. 130.
[2] Логофет Д. Н. Асари номбаршуда. - С. 252.
[3]Ҳамон ҷо. - С. 254.

шуда буданд[1]. Дар охирҳои мавҷудияти аморат шумораи казакҳои Терский ва дастаи нав ташкилшудаи «Шефский» аз 10 ҳазор зиёд шуда, барои онҳо дар қароргоҳи Ситораи Моҳи Хоса казармаҳо (сарбозхона)-и ҳарбӣ барпо шуда буд.[2]

Абдурауфи Фитрат дар асарҳои худ ёдовар мешавад, ки дастаи Терский бо ҷаҳолат ва зулми худ ба мардум ҳамто надошт. Доир ба ҳолати сарбозхонаҳои ин даста ҳам сарчашмаҳо маълумоти хуб намедиҳанд. Сарбозони ин даста бо кӯрпа ва бистар худашонро бояд таъмин мекарданд.

**Казакҳои савора.** Баъди ду соли сипарӣ шудан аз ташкили фавҷи Терский (соли 1908) амир Абдулаҳадхон тақлидан ба дастаи казакҳои Кавказ ба қисми ҳарбии казакҳои савора асос гузошт. Аввал шумораи ин дастаро 600 нафар ташкил карда, ба 3 байдоқ тақсим намуд, ки онро як саркарда идора мекард. Онҳо ҳам асосан дар Кармина муддати 6 моҳ хизмат мекарданд ва дар шаҳри Бухоро 3 казарма ба онҳо тааллуқ дошт. Онҳо дар гузарҳои Ҳавзи Мир Дӯстум, Мазори Чашмаи Аюб ва Кофиробод ҷойгир буданд.

Баъдтар онҳо дар казармаҳои Ситораи Моҳи - Хоса (Махоса) ҷой гирифтанд. Ҷамоаи казакҳои савора аз тарафи мардуми маҳаллӣ ба номи «кавонский», баъзан «казакони Кубан»[3], «саворагони Кавказ»[4] ёдовар мешуданд. Дар таркиби казакҳои савора иборат аз 35 нафар "болобомчиён" (дастаи мусиқичиён) мавҷуд буданд. Казакҳои савора ҳам чун гурӯҳи Терский рӯзҳои шанбе, якшанбе, душанбе дар машқҳои ҳарбии ҷангӣ ширкат варзида, ҷои машқи онҳо «Хоки пойи Бухоро» ном майдони беруни дарвозаи Ҳазрати Имоми шаҳр буд. Аввалҳо дар таркиби ин гурӯҳ дастаи тӯпчиён набуд[5].

Сарулибоси «Саворагони Кавказ» аз матои рангбаранги шоҳӣ ва матоъҳои нафиси шоҳимонанд иборат буда, бештар ба артистҳои сирк

---

[1]Бойгонии осорхонаи давлатии таърихи маданияти Ӯзбекистон дар шаҳри Самарқанд, парвандаи № 814, вараќи 9.
[2]Фитрат. Давраи ҳукмронии Амир Олимхон. - Душанбе, 1991. - С. 37.
[3]Муҳаммад Сайид Балҷувони. Таърихи нофеӣ. - С. 56.
[4]Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). - Душанбе: СИЭМТ, 2009. – С. 205-206.
[5]Муфассал нигаред: Шукриллаев Ю.А. Бухоро амирлигида қўшин ва ҳарбий иш (1756- 1920 йиллар). - С. 60-82.

монанд буданд. Саворагони Кавказ ботамом дар казармаҳо ҷойгир буда, казармаҳои онҳо дар ҷойҳои ба амир наздик барпо мешуданд. Онҳо бо ихтиёри худ наметавонистанд сарбозхонаро тарк намоянд ё ба беруни он раванд. Синну соли сарбозони дастаи саворагони Кавказро ҷавонони аз 15 то 18 сола ташкил карда, баробари ба синни 18 даромадан онҳо ба сафи сарбозони пиёда якумрӣ дохил мешуданд[1]. Миқдори маош, имтиёзот ва тарзи зиндагии онҳо бо гурӯҳи Терский як хел буд. Аспони ин саворагон «аспҳои тамғадор» ҳисоб шуда, ҳини ҳозир шудан бо аспи шахсӣ ба ин савора барои аспаш ҳам ба миқдори муайян пул, хӯрока дода мешуд. Ба ин гурӯҳи казакҳои Кубан (Кавказ), ки аз се байдоқ иборат буд, аввал Ҳошим чеҳра оғо ва Мулло Назруллоҳ Мирзобошӣ, баъдтар Муҳаммадалӣ чеҳра оғо роҳбарӣ намудаанд[2].

Мувофиқи маводҳои бойгонӣ таркиби гурӯҳро то соли 1918 асосан мардуми маҳаллӣ ташкил дода буданд.[3] Аммо аз соли 1918 сар карда, дар таркиби лашкари амир намояндагони мардуми ба сохти шӯравӣ мухолифи дигар ҳудудҳои Россияи шӯравӣ низ шомил шуда буданд. Бар замми ин, дар сафи лашкари амир мо аҳолии рус, англис ва шаҳрвандони дигар мамоликро дида метавонем.

**Шефский.** Амир Абдулаҳадхон соли 1904 ин фавҷи низомиро ташкил дода буд. Ба ин гурӯҳ ҷавонони 18-20 сола ҷалб карда шуда, шумораи онҳо дар аввал 40-50 нафар, дар солҳои ҳукмронии амир Олимхон бошад, теъдоди онҳо ба 600, солҳои 1918-1920 якҷоя бо казакҳои Терский ба 10 ҳазор нафар расонида шуда буд.

Гурӯҳҳои ҳарбии ба услуби нав ташкилшуда асосан дар рикоби амир, дар маросимҳои қабул зери садои мусиқичиён саф ороста хизмат мекарданд. Онҳо ба амалиётҳои ҳарбӣ ҳам ҷалб шуда буданд. Тибқи навиштаи Фитрат гурӯҳи ҳарбии шефский дар замони Олимхон аз ҳисоби фарзандони ба падару модари худ итоат намекарда ташкил шуда, ин гурӯҳ «Дастаи гул»,

---

[1]Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). - Душанбе: СИЭМТ, 2009. – С. 205-206.
[2]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1514, вараќи 2.
[3]БМД ҶӮз. Ф. И-126. Дар парвандаи 1514 рӯйхати амалдорони ҳарби ва аскарони мансуб ба гуруҳи казакони савори оварда шудааст.

роҳбари он бошад «Ҳамдами гулбоз» ном гирифта буд[1]. Сарбози гурӯҳи Шефский дар сар кулоҳи аз пӯсти қароқӯлии сафед дӯхташуда, дар қисми болои он се хати сурх дошта мепӯшид. Либосаш бо либоси сарбозони Терский монанд буд.

Аз соли 1917 вазъи сиёсии дунё хеле тағйир ёфт. Махсусан, дар Туркистон барпо шудани сохти шӯравӣ барои ҳукумати амир хеле хавфнок буд. Воқеаи соли 1918, ки ба номи “воқеаи Колесов”машҳур аст, ба ин мисоли равшан шуда метавонад. Аз рӯйкарди ба вуқӯъ омада, амир Олимхон сабақе бардошта ба соҳаи ҳарбӣ каму беш эътибор доданӣ шуд.

Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ дар “Таърихи нофеӣ” ин даврро ба тарзи зерин тасвир намудааст: «Амир зоҳиран бо давлати Россия муносабати дӯстона дошта бошад ҳам, дар асл аз он хавф дошт. Чунки Россия муқобили Бухоро баромада, баъзе мулкҳои онро зери тасарруфи худ дароварда буд. Дар давраи Амир Олимхон ин муқовимат ва муқобилият хеле ошкоро шуда, хавфу хатар тақвият ёфта буд. Аз ин сабаб, ба омодагии ҷангӣ ва тайёрии аскарон эътибор дода шуд. Маоши ҳарбиён чанд баробар афзуд. Амир бо англисҳо, тифлисиҳо, афғонҳо ва хоразмиён бо мақсади иттиҳод ва дӯстӣ музокирот мебурд»[2].

Солҳои 1917-1920 барои ташкили гурӯҳҳои ҳарбӣ омилҳои фавқуззикр сабаб шуда буданд. Соли 1917 амир Олимхон аз ҳисоби қавми араб гурӯҳи саворагони ҳарбии 600 нафараро бо номи «Араббачагон» ташкил намуд[3]. Ҷамоаи араббачагон ба 3 байдоқ тақсим шуда,як байдоқ (200 нафар) барои муҳофизаи Ситораи Моҳи Хоса, қисмҳои дигар дар роҳи Когон ҷойгир буданд. Дар ин давра маоши ҳарбиён афзуда ба араббачагон ҳам 60 танга моҳона маош таъин мешавад. Дар таркиби онҳо иборат аз 25-30 нафар “болобомчиён” ҳам фаъолият нишон медоданд. Онҳо ба се гурӯҳ тақсим шуда хизмати ҳарбиро ба ҷо меоварданд ва дар вақти машғулият надоштан дар манзилҳои худ мебуданд.

---

[1]Фитрат. Асари номбаршуда. - С.37.
[2]Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ. Асари номбаршуда. - С.57.
[3]Бойгонии Осорхонаи давлатии таърихи маданияти Ӯзбекистон дар шаҳри Самарқанд, парвандаи 814, вароқи 1.

Амир Олимхон ба ин ҷамоа боварии комил зоҳир менамуд. Масалан, охирҳои соли 1918 ба 50 нафар араббачагон вазифаи ба чӯли Ашхобод рафта аз он ҷо пулемёт ва туфангҳои сохти англисиро гирифта овардан бор карда шуд ва онҳо вазифаи худро ба хубӣ иҷро карданд[1].

Соли 1918 аз ҷавонони 17-20 сола як гурӯҳ ташкил карда, онро ба чаҳор байдоқ тақсим карда буданд. Як қисми онро дар роҳи тумани Вобкент дар мавзеи Кашкашон, як қисми онро дар Чор Бакр, дуи дигарро дар Ситораи Моҳи Хоса ҷойгир карданд.

Солҳои 1918-20 лашкари аморат ҳатто ба раъияти Австрия, ки дар рафти Ҷанги I ҷаҳон онҳоро армияи империяи Россия асир гирифта буд, маош дода, бо нерӯи онҳо (дар назди дарвозаи Имом Абу Ҳафси Кабири Бухороӣ, дар даруни қалъа) корхонаи истеҳсоли тӯп ва тирро ба роҳ монданд. Дар гузари Кофиробод ҳам аз нерӯи асирони мазкур барои сохтани тиру дору, таъмири милтиқ, тӯп ва тир рехтан истифода мекарданд[2].

**Шербачагон**. Баъд аз воқеаи Колесов кори амир аз гирд овардани аскар иборат шуд. Дар ин рӯзҳои моҷарои Колесов аскарони ҷамъовардаи амир аз ду қисм иборат буда, дастаи аввали онро ихтиёриёни афғон, гурӯҳи дуввум дастаи аз маҳбусони зиндонӣ, ва дузду муҷримони гуногун ташкилкардаи Иброҳимча саркарда иборат буд. Ин маҳбусони ҳазорнафараи сарулибоси ҳарбӣ пӯшидаро «Шербачагон» номиданд[3].

Чи тавре, ки дар боло зикр шуд, дар шароити бад шудани муносибати аморат бо ҳукумати шӯравӣ, амир Олимхон барои мадади ҳарбӣ ба кишварҳои хориҷӣ расул фиристода буд. Бо ин мақсад Домулло Қутбиддин судур ва Тӯрахоҷа нақиб ба Афғонистон рафта бо 6 фил ва дусад аскари ихтиёрии афғон бозгашта буданд[4].

Аммо боз 10 ҳазор нафар аскари ба амир ба тариқи ёрдам фиристода мешуда дар натиҷаи вазъи сиёсӣ ва ҳарбии ба вуҷуд омада (зиддияти давлати

[1]Муҳаммад Саййид Балҷувонӣ. Асари номбаршуда. - С. 57.
[2]Дар ҳамон ҷо. - С. 58.
[3]Фитрат. Асари номбаршуда. - С.38
[4]Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ. Асари номбаршуда. С. 58 – 59.

Афғонистон бо Англия ва сар задани ҷанги навбатии англису афғон ) ба Бухоро нарасид.

Садриддин Айнӣ навиштааст, ки аксари ихтиёриёни афғон аз фирориёни аз Афғонистон гурехта ва дайду иборат буданд. Як қисми онҳо дар ҷангҳо ширкат варзида, аз амир ҳурмат ва эҳтиром дида буданд. Бо шунидани ин овозаи ҳурмат ва неъмати давлати амир дигар афғонҳо ҳам гирд омада ба лашкари афғонҳо пайвастан гирифтанд.

Дастаи ихтиёриёни афғон мустақил буда, сардоронаш ҳам аз афғонҳо буд. Рафта-рафта ҳаракатҳои худсаронаи онҳо аз ҳадди эътидол гузашт. Онҳо ба ҳавлиҳои маъқул ва боғҳои мақбулшуда дохил шуда ҷой мегирифтанд. Одами рост омадаро "ҷадид" гӯён зарбу лат мекарданд ва ба ҳукумати амир месупориданд. Ҳар чизи мехостаашонро ҳам аз ҳукумат талабида мегирифтанд. Ба фарзандони мардум таҷовуз карда зулм оғоз карданд. Як вақт муносибати миёни афғонҳо ва шербачагон вайрон шуд. Афғонҳо исён бардоштанд ва амир аз афғонҳо ҳаросида, тарафи онҳоро гирифт ва дастаи Шербачагонро ба Кармина фиристод. Аз ин афғонҳо боз ҳам рӯҳ гирифта ба таҷовуз гузаштанд ва ба ҳар каси ба онҳо зиддият нишон медода бо аслиҳаи дар даст доштаашон таҳдид кардан гирифтанд.

Дар натиҷаи ин ситам мақтулон ҳам пайдо шуданд. Чунончи, як нафар аз одамони Ҳоҷӣ Раҳмати чойфурӯш зада кушта шуд. Оқибат афғонҳо ба ҷони халқи Бухоро расиданд. Аз дасти афғонҳо ба дод омада мардум шикоятро сар карданд. Ҳукумати Бухоро илоҷи ин масъаларо наёфта, аслиҳаи ба дасти афғонҳо додаи худро бозпас гирифта наметавонист.

Моҳи сентябри соли 1918 ҳукумати Бухоро бо Резиденти дар Коган будаи Ҷумҳурии Туркистон муносибати «дӯстона» дошт. Амир аз дастаи ихтиёриёни афғон ба Резидент шикоят карда, дар мавриди баровардани лашкари афғон аз Бухоро ва бесилоҳ кардани онҳо дар Коган аз ӯ хохиш кард. Оқибат афғонҳои мусаллаҳ аз Бухоро ба Коган гусел карда шуданд. Вакили шӯроҳо онҳоро дар Когонб бесилоҳ сохта, аслиҳаҳои онҳоро ба

ҳукумати Бухоро супорид. Ҳамин тавр, афғонҳо ба Афғонистон фиристода шуда, масъалаи ихтиёриёни афғон ҳал шуд[1].

Гуфтан мумкин аст, ки сабаби фиристода нашудани 10 ҳазор аскари афғонӣ бо мақсади мадад ба Бухоро ҳамин воқеа мебошад.

Садриддин Айнӣ дар асарҳои худ оиди масъалаҳои ҳарбии аморат ҳеҷ як фикри мусбат изҳор накардааст. Дар бораи шербачагон ҳам ӯ менигорад, ки: «Дар гурӯҳи шербачагон duздони машҳур ҷамъ шуда буданд. Барои аъзо шудан ба ин даста дуздии зиёд содир карда, корнамоиҳо нишон дода, бо далел ва шоҳидҳо онро исбот намудан лозим буд. Касе чӣ қадар дуздӣ карда бошад, баробари он мартаба меёфт. На танҳо дуздони Бухоро балки дуздони машҳури Самарқанд ҳам дар ҳукумат дараҷаҳои олӣ ёфтанд.

Чи тавре, ки дар дохили Бухоро шербачагон бо силохи амирдода хунхӯрӣ ва ғаддорӣ мекарданд, ба Кармина кӯчида, корҳои пешинаи худро боз давом доданд. Ҳатто дар Кармина дастаи мунтазам шуда, баромада роҳзанӣ мекарданд»[2].

**Болоибомчиён**. Амир Насруллоҳ зери мураббигии асирони ҳарбии рус Исмоил ва Трофим ном сарбозон аз ҳисоби сарбозони пиёдагурӯҳи мусиқичиёни ҳарбӣ – болои бомчиён (болоибомчиён)-ро ташкил карда буд[3].

Дастаи дар аввали болоибомчиён дар қисмҳои ҳарбии 700 нафара аз 14 нағорачӣ, 14 найчӣ (флейтист), 2 дуҳулчӣ (навъе аз нағораи бузурги ҳарбӣ, ки бо номи нағораи туркӣ маълум буд), 4 сурнайчӣ ва 6 карнайчӣ иборат буд[4].

Болоибомчиён дар аввал барои бардоштани рӯҳияи ҷанговарон дар вақти машқҳои ҳарбӣ, субҳ барои бедор кардан ва ҳангоми иҷрои ҷазои қатл фаъолият нишон медоданд. Баъдҳо, хусусан дар замони ҳукуматдории амир Абдулаҳадхон ва Олимхон эътибор ба ин гурӯҳ зиёд шуда, доираи хизмати онҳо ҳам васеъ мешавад. Дар ин давра ба онҳо сарулибоси ҳарбӣ дода шуда,

---

[1]Айний С. Бухоро инкилоби тарихи учун материаллар. Асарлар. ҷилди 1. - Ташкент, 1963. – С. 342 – 343.
[2]Айний С. Бухоро инкилоби тарихи учун материаллар. - С. 342 - 343.
[3]Троицкая А.Л. Асари номбаршуда. - С. 213.
[4]Бойгонии Осорхонаи давлатии тарихи маданияти Ӯзбекистон дар шаҳри Самарқанд, парвандаи 814, вараќи 6. Боз нигаред: Шукриллаев Ю.А. Бухоро амирлигида кӯшин ва ҳарбий иш. - С. 78.

бар замми асбобҳои мусиқии туркӣ ва маҳаллӣ асбобҳои мусиқии русӣ ҳам истифода мекарданд.

Аз охири асри XIX доираи вазифаи болоибомчиён васеъ гашта, онҳо дар таркиби аксар чун гурӯҳҳои низомӣ ташкил ёфтанд. Онҳо дар мавриди машқҳои ҳарбӣ, қабули меҳмонони хориҷӣ ё ташрифи ашхоси шинохта адои хизмат мекарданд. Солҳои 1873-1920 таркиби болоибомчиён то дараҷае тағйир ёфта, дар қисмҳои мухталиф шумораи онҳо ҳам ҳар хел буд.

Масалан, дар бекигарии Бухоро дар сафи сарбозони иборат аз 64 кас чаҳор гурӯҳи болоибомчиён мавҷуд буда, дар ҳар як гурӯҳ 4 нағорачӣ, 4 сурнайчӣ, 2 духулчӣ (нағораи калон) як нафар ясовул ва як сардор, яъне – 16 нафар мебуданд. Роҳбари болоибомчиёнро «Мудчур» (дирижер) ном карда буданд.[1]

Дар сафарҳо дар рикоби амир Абдулаҳадхон доимо 20 нафар болоибомчиён ҳам будаанд. “Мудчур” унвони ҳарбии юзбошӣ дошт.

Ғайр аз ин, дар дастаи Терский 50 нафар, дар дастаи казакони Кубан - 35, дар дастаи Шефский – 40, дар дастаи араббачагон 25-30, фавҷи туркман 34 нафар болобомчиён адои хизмат мекарданд. Дар бораи дар таркиби ғуломбачагон, шербачагон ва элнавкария будан ё набудани болоимобчиён дар манбаъҳо маълумот наомадааст.

Дар давраи ҳукуматдории Абдулаҳадхон сарбозон то синни 60-солагӣ, болоибомчиён то синни 30-35-солагӣ хизмат карданашон лозим буд. Болоибомчиён баъди 35-солагӣ дар сафи сарбозон хизмати ҳарбиро давом медоданд.

Ба сарулибоси болоибомчиён (махсусан дар шаҳри Бухоро) эътибори ҷудогона дода, соле се бор ба онҳо либоси мавсимӣ дода мешуд[2]. Дар аввали асри XX бошад, ба онҳо шамшери дарози русӣ, ханҷар, туфангчаи намунаи соли 1877-и русӣ (бе тир) медодагӣ шуданд. Болоибомчиён (дастаи мусиқичиёни ҳарби)-и аморат аз мусиқичиёни ҳарбии рус дар маҳорати иҷро ва малакаи оҳанг ақиб намемонданд, аммо ба фикри ман, онҳо барои артише,

[1]Бойгонии Осорхонаи давлатии тарихи маданияти Ӯзбекистон дар шаҳри Самарқанд, парвандаи 814, вараҷи 6.
[2]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1603, вараҷи 8.

ки аз замона ақиб монда, ҳолати ҷанговаронааш хеле қафомонда буд, анъанаҳои қадимии асрҳои миёнаро дар худ инъикос карда буд, дарди сари зиёдатӣ маҳсуб мешуданд.

Маълумот дар бораи сарулибоси ҳарбии лашкари Бухоро, дар давраи мавриди омӯзиш, хеле кам мебошад ва онҳо ба таври парокандагӣ ҷамъоварӣ шуданд. Дар натиҷаи пажӯиш як тасаввуроте доир ба либоси низомиён пайдо гардид.

Баъди тобеияти аморат ба Россия лашкариёни Бухоро бештар намунаи либоси ҳарбиёни русро ба бар мекарданд. Ин либос аз мундири сурх (дар артиллерия сиёҳ) бо погонҳои сурх, шалворҳои сафед, кулоҳи сиёҳи пашмин иборат буд. Дар аввали садаи XX онро ба мундири сиёҳ ва сюртук, шалворҳои сиёҳи идона ва сурхи ҳаррӯза иваз карда буданд.

Тобистон бошад, гимнастеркаи сафед ва кители тугмаҳои қалъагӣ ва мисин дошта мепӯшиданд. Кулоҳи онҳо телпакҳои аз пӯсти гӯсфанд дӯхташудаи камбар, пойафзол бошад, аз мӯзаҳои сохти рус ва Бухоро иборат буд.

Погонҳо ва петлитсаи либос сурхранг буд. Умуман, маълум мешавад, ки дар сарулибоси лашкариёни Бухоро як низом набудааст ва дар бештарин ҳолат зобитон ва амалдорони олии лашкар дар интихоби сарулибос хеле эҷодкорона рафтор мекарданд.

Хосатан, дар байни онҳо мӯзаҳои равғанзадаи хром, лампасаҳо ва погонҳои тиллоии рус хеле густариш ёфта буд.

Садриддин Айнӣ намуди зоҳирии як нафар сардори пиёдагонро чунин тасвир мекунад: «Дар тани ӯ мундири сиёҳ аз моҳути маҳин ва шаровар бо лампасаҳои сурх, дар китф погонҳои тиллоӣ, дар сар телпак аз пӯсти савсор, дар пой мӯзаи равғанӣ. Дар тарафи синаи чап нишони “Бухорои шариф” овезон.

Зобитони хурдтар чунин намуд доштанд: “Юзбошии ҷавон, тахминан бистсола, дар бар либоси якрангаи кабуд, шалвор низ бо ин ранг бо

лампасаҳои борик, мӯзаи равғанзада, кулоҳ аз пӯсти қарокӯлии олӣ, пагонҳои тиллоидор”[1].

Як иштирокчии воқеаҳои Бухоро ба ёд меорад, ки: “Ман сарбозони амирро хеле зиёд дидаам. Онҳо хитоиёни давраи охирин богдихан (император)ро ба хотир меоварданд: беинтизом, ҷангнодида, ба як тезӣ аз ҳар ҷо ҷамъоварда. Дар миёни онҳо ҷинояткорони авфшуда низ зиёданд. Бо шалворҳои васеи сурх ва курткаҳои пурҷило, мусаллаҳ бо берданкаҳои куҳна, ки аз он истифода карда ҳам наметавонанд, ва ягона мақсадро дар ғорат медиданд. Аз инҳо ҳам “хубтар” генералҳои Бухороанд. Тақлидан ба европоиҳо ин “генарал”-ҳо дар погонҳои русии аз кӯҳнафурӯшони рус харидаашон ҷилва менамоянд.

Ман нафареро дидам бо шалворҳои сурхи пурҷило бо лампасҳои васеи тиллоӣ, дар тан мундири шоҳии кабуд бо як даста зарбофиҳо аз пеш ва ақиб. Дар як китфи ӯ эполетаи бойи генералӣ бо вензели Александри II, дар китфи дигараш эполеткаи корнет бе бахмал овезон буд»[2].

Пагонҳои гуногуни русӣ, тугмаҳои ҳархела дар мундирҳо хоси сарулибоси лашкариёни бухорӣ буданд. Ин нишон медиҳад, ки погонҳо дар лашкари Бухоро рамзи фарққунанда набуда, балки вазифаи ороиш ва зебу зиннатиро иҷро мекарданд.

Ба назар мерасад, ки сарулибоси сарбозони қаторӣ низ чунин будааст.

Матбуоти рус навишта буд: «Намуди одатии сарбози бухороӣ, ки як халтаро мемонад ва дар танаш халъати кабуд намоён аст, бо туфанги пилтагиаш як намуди хандаовар дорад[3]. Чунин манзараро як нафар сайёҳ соли 1913 дида, навишта буд: «Тамоми 14 нафар сарбоз болопӯши кабуд ва шалворҳои ранги сурхи баланддошта пӯшида буданд ва дар сар кулоҳе доштанд монанд ба кулоҳи аскарони француз»[4].

---

[1] Генис В.Л. Указ. соч. - С. 169 – 135; Искандаров Б.И. Указ. соч. - С. 108 – 136; Айни С. Воспоминания. Бухара / Пер. А. Розенфельд. - М.-Л., 1960. - С. 319, 321.
[2] Фаусек. Над Бухарой // Война в песках. - М.: ОГИЗ, 1935. - С. 290-291
[3] «Страна песка и солнца» // «Нива». - №9. - 1911.
[4] Гартевельд В.Н. «Среди сыпучих песков и отрубленных голов. Путевые очерки Туркестана (1913)». М., 1914. - С. 100-102.

Саворони казак сарулибоси алоҳида доштанд. Онҳо кулоҳи черкесӣ, папаха, бешмет, шалворҳои лампасадор ва қамчӣ-нагайка, ки беибо ба сар мезаданд, доштанд[1]. Дастаҳои казак аз ҳамдигар бо ранги либосҳо фарқ мекарданд. Дастаи "кубан", "терск" ва "турк" аз ҳам бо либосашон фарқ карда, на дастаи ҳарбӣ, балки дастаи сиркчиёнро мемонданд[2].

Нависанда ва сайёҳи рус Крестовский соли 1887 як дастаи муҳофизатиро дида навишта буд: «Дар паси мусиқачиён як издиҳоми офитсерҳои савора меистод, бо чакманҳои расмӣ ва бо нишону рамзҳои мухталиф дар сари сина.

Китфи ҳамаро эполетҳои рехтаи намунаи русӣ бо нишони офитсери штаб зеб медод. Ранги мундирҳо низ хеле гуногун буд: баъзеҳо сиёҳ, дигарон кабуди баланд, аз они яке ранги фирузавӣ дорад, аз они дигараш рангаш нахӯдӣ ва хокистарранг; қуллаи телпакҳои баланди пашмини онҳо низ ба ин рангҳо мувофиқ буд. Ӯ нафареро дидааст, ки бо кафтани зардаш ва позументи нуқрагӣ командири казакҳоро мемонд[3].

Дастаи "терскӣ" номи батареяи саворaи кӯҳӣ буд. Сарулибоси ҳарбии онҳо чун казакҳои Терск аз черкескаи сиёҳ, папахаи сиёҳ, дастаҳои саднафарӣ аз бешмети кабуди равшан, дар батарея бошад, бешмети сиёҳ бо овезаҳои сурх.

Сарулибоси аламдор (парчамбардор)-ро ҳамзамони ӯ чунин тасвир менамояд: "Одатан онҳо халъатҳои абрешимии гуногун ё матои нимабрешимӣ мепӯшиданд. Аз боло камарбанди васеи бо нуқра ва тилло оро дода шуда, бо бляхаи сиёҳ (мувофиқ ба унвон ва дараҷа). Дар пойи онҳо мӯзаҳои хеле соқбаланд, дар пошнааш сари гулмехе баромада буд. Сари аламдоронро саллаҳои сафеди на он қадар бузург оро медод. Шоф ва шамшер на бар камар, балки ба миёнбанди чармини навъи Ғузорӣ овехта мешуд. Чунин миёнбанд одатан аз зери камарбанди маъмулӣ баста мешуд"[4].

---

[1] Штейн А.Л. Второй антракт: повесть о том, как возникают сюжеты. - М., 1976. - С. 34.
[2] Айни С. Воспоминания. Бухара. - С. 297. В других переводах «турецкий» отряд назывался «тюркским».
[3] 142 Крестовский В.В. Указ. соч. - С. 111.
[4] Семенов А.А. К прошлому Бухары / Приложение к: С. Айни. Воспоминания. Бухара. / Пер. А. Розенфельд. - М.-Л., 1960. - С. 984-985.

Ин сарулибос то соли 1920 тағйир наёфта буд. Як нафар ҷосуси шӯравӣ хабар дода буд, ки дар Бухоро: “баъзе қисмҳои ҳарбӣ сарулибоси якхела ва низоми хуб доранд, ки аз ҳам бо дӯхти кулоҳ ва ранги петлитсаҳо фарқ мекунанд. Дар погонҳои дигар қисмҳо бошад, якрангӣ ба назар мерасад” [1].

Ба назар мерасад, ки ин якрангӣ навиштаҷоте буд, ки бо ранги зард рақами баталёнро бо ҳарфи “Б” сабт карда буданд (масалан, 3 б. баталёни саввум).

Ҳангоми аз сари нав ташкил кардани гурӯҳҳои кубан ва терский аз ҳисоби гурӯҳи кавказиён, сарулибоси пешинаи казакӣ боқӣ монда буд. Лашкар тамоман пойафзоли бухориро истифода мекард, яъне мӯзаҳои соқ ва пошнабаланд роиҷ буд.

Горди амир низ сарулибоси алоҳида дошт. Полки турк мундири сурх бо ороиши сафед, шалвори сафед, фески сурх бо кистҳои сиёҳ дошт. Гурӯҳи Шефский мундири якгиребонаи сурх, шалвори сафед, папахаҳои пастбари сиёҳи қарокӯлӣ; дастаи араббачагон папахаи сиёҳи текинӣ, шинели зайтунии рангаш тиратар бо петлитсаҳои сурх, нақши ситора ва моҳи нопурра[2]..

Шояд як қисми сарулибоси ҳарбӣ дӯхти англисӣ ва русӣ, ё ки тибқи фармоиши махсус шуда бошад. Азбаски, тамоми сафарбаршудагонро бо сарулибос таъмин кардан намешуд, аксарият бо сару либоси миллӣ ва маҳаллӣ хизмат мекарданд.

Дар бораи шербачагон ё галаботурони амир, ки ӯро ҳимоя мекарданд, маълумоти аҷоибе мондааст: “Вақте ки ин тӯда наздик шуд,- менависад Куц. И.Ф. ман бо дурбин гвардияи Олимхонро дидам. Сарбозони махсуси интихобшуда хеле баландқомат буда, аз издиҳом бо хилъатҳои кабуди хати рах-рахи сиёҳдошта, телпакҳои сиёҳи пӯсти гӯсфанд фарқ доштанд. Ин саворагон чун ҳангоми парад чорхез зада меомаданд. Пеш-пеш як нафар паҳлавони сафедриши халъати сурхи порчапӯш ҷавлон зада меомад. Дар дасти ӯ шамшер ҷилвагар буд. Дигар афсарон низ чунин зебо метофтанд.

[1] Вооруженные силы Бухарского ханства. - Ташкент, 1920. - С. 6 (описание формы).
[2] Вооруженные силы Бухарского ханства. - Ташкент, 1920. - С. 6 (описание формы).

Саллаҳои гуногунранги онҳо, халъатҳои пурнури хеле зебо оро дода шуда буда, дар миёни сарбозони оддӣ хеле бой менамуданд”[1].

Политсия/миршаби Бухоро низ сарлибоси русӣ – шинели сиёҳ бо миёнбанд, петлитсаи сиёҳ бо канти сурх, револьер бо ресмони сурх, бляха дар сар бо нишон додани минтақаи миршабӣ таъмин шуда буданд. Аз полисҳои рус онҳо бо ин фарқ мекарданд, ки дар пой мӯзаи бухорӣ, ба ҷойи фуражка дар сар папахаи конусшакл доштанд.

Контрразведка соли 1919 хабар дода буд, ки: “Дар қисмати кӯҳнаи шаҳр боз як ташкилоти ҳарбии политсия мавҷуд аст, ки адади он ба 60 расида, баъди ҳодисаҳои Бухоро ташкил шудааст. То ин воқеаҳо теъдоди он ба 150 нафар мерасид. Политсия бо наган, булдог, қисман бо браунинг, шамшерҳои оҳании сохти Бухоро мусаллаҳ буда, синну соли онҳо аз 19 то 50 мебошад. 50 дар сади онҳо савора буда, боқимонда пиёдаанд. Камархалтаҳо(подсумка)-и онҳо қисман сохти Россия буда, накрестникҳояш истеҳсоли Афғонистон аст. Барои ҳар як нафар 10-20 тир медиҳанд”[2].

Дар бораи сарулибоси хориҷиёни лашкари Бухоро алоҳида сухан гуфтан равост. Аҷоиб ин аст, ки русҳои дар дарбори амир буда либоси маҳаллиро мепӯшиданд. Княз А.Н.Искандер ёддошт мекунад: “Ҷаноби олӣ амир худаш изҳор кард, ки отряди мо либоси туркманиро дар бар намояд. Ин либос аз халъати ҷигарранги аз пашми шутур бофташуда (ба черкаска монанд), папахаи хеле бузурги аз пӯсти гӯсфанд буда иборат аст. ”

Моҳи июни соли 1919 осиповчиён барои тирборон кардани пароходи шӯравӣ ғайр аз ордени Ситораи Бухоро боз “халъати зарбофти абрешимӣ ва саллаи маҳини ҳиндӣ аз амир гирифта буданд”[3]. Намуди зоҳирии яке аз мушовирони руси амирро чунин баён мекунанд: “Мӯзаи соқбаланди банддор...бо саллаи сап-сафед ва халъати зарбофти аз матои порча дӯхта шуда ҳеч мувофиқат намекард. Ӯ ба забони ӯзбекӣ ва тоҷикӣ ҷавоб надод. Сардори шӯъбаи сиёсӣ дар зери халъат френчи англисиро бо киссаҳои

---

[1] Куц И.Ф. Годы в седле. - М., Воениздат, 1964. - С. 120, 122.
[2] Иностранная военная интервенция и гражданская война в Средней Азии и Казахстане. - С. 498.
[3] Искандер А.И. Небесный поход // Первопоходник. № 27-28. Октябрь-Декабрь 1975 г.; № 30. Апрель 1976 г.

дамидааш дида, бо забони фасеҳи англисӣ ба ӯ муроҷиат кард. Худи ҳамон лаҳза ҳақорати дастабиринҷӣ ба забони русӣ аз даҳони ӯ бо як устогӣ берун баромад. Дар симои ин мушовир подполковники аз Самарқанд гурехтаи армияи Россия намоён гашт”[1].

Низомиёни афғон низ дар ин давра сарулибоси ҳарбии худ – мундири сохти англисии рангаш хокӣ, гиребони танг, 6-7 тугмадор, ду кисаи болопӯшдор, пойтоба ва мӯза, дар сар кулоҳи сиёҳи мудаввар аз пӯсти гӯсфанд, ё рангаш хокиро мепӯшиданд. Афсарон дар кулоҳи худ кокардаи гербаш нуқрагини нақши гумбази масҷид, ду парчами ба якдигар такязада, хӯшаи гандум ва дар мобайн сурати Қуръон доштанд[2].

Маълум аст, ки соли 1920 дар Бухоро 600 нафар афғон бо сарулибоси ҳарбӣ ва 8 500 нафар бо либоси мардуми оддӣ буданд. Дар асл бошад, шумораи онҳо хеле зиёд будааст[3].

Ҳамин тариқ, доир ба ташкили лашкари аморат, тартибу таркиби он ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

- аз давраи инқирози салтанати Темуриён ва пош хӯрдани давлати онҳо то аввали асри XIX ҳолати аскария ва танзими лашкар дар қаламрави аморат дар ҳолати рукуд буд. Дар ин муддати мадид кори ҳарбӣ дар ағлабе аз мамлакатҳо ба дараҷаи санъати ҳарбӣ бардошта шуда буд.

- то миёнаи асри XIX дар кори лашкари Бухоро баъзе тағйиротҳо ба вуқӯъ пайваста бошад ҳам, аммо онҳо назаррас набуданд.

- Аз солҳои 60-уми асри XIX дар кори ҳарбӣ баъзе қонуну қоидаҳои аврупоӣ (русӣ) ҷорӣ шуда, тартиби дохилӣ ва интизоми артиш як дараҷа ба тартиб оварда шуда бошад ҳам, сохти мавҷудаи деспоти ба ин навигариҳо монеъ шуд (фаъолияти Усмон ва Баротбек, тақдири онҳо ба ин хулоса мисол шуда метавонад).

- Амирони охирини Бухоро, Абдулаҳадхон ва Олимхон дар аввали асри XX хостанд, ки дар кори лашкар бархе тағйироти мусбатро амалӣ

[1] Штейн А.Л. Второй антракт: Повесть о том, как возникают сюжеты. - М., 1976. - С. 39
[2] Равич Н.А. Молодость века. - М., 1960. - С. 263; Edwin Herbert. Risings and rebellions 1919-39: Interwar colonial campaigns in Africa, Asia and the Americas. Nottingham, UK: Foundry Books, 2007. p.12-88.
[3] Искандаров Б.И. Бухара (1917-1920). - Душанбе, 1970. - С. 101-102.

кунанд, аммо ин тағйиротҳо шаклӣ буда, ба мазмуни лашкар, яъне рӯйкарди ҷанговарии сарбозон таъсир накарда буд. Хусусан, лашкари аморат дар охири асри XIX дар саф кашидан, машқҳои ҳарбӣ, дар саф қадам задан, сарулибос пӯшидан ба дараҷае тағйир ёфта, бар замми ин оиннома ва низоми ҳарбии империяи Россия қабул шуда бошад ҳам, аз қонун ва қоидаҳои пешқадам сарфи назар карда мешуд. Чунончи, дар таъини синну соли сарбозӣ, муддати хизмат, қабул ба сафи артиш, ҷазои тан расонидан ба сарбозон қоидаҳои собиқ ва анъанаҳои асримиёнагӣ боқӣ монда буд;

- Вазифаи муҳофизат ва посбонии қароргоҳи асосии амир – Арки Бухоро ба ғуломбачагон (яъне ғуломон) супорида шуда, амир ба садоқати онҳо бовар дошт. Ва ҳол он, ки айнан ин ғуломон дар ҳимояи ватани бегона хеле бепарво буданд;

- Солҳои 1917-1920 дар низоми лашкардорӣ каме таваҷҷуҳ шуд. Дар давраи мазкур вазъи сиёсӣ аморати Бухороро ба сӯи истиқлол ҳидоят намуда бошад ҳам, дар таъмини мустақилияти он, иртифои кори ҳарбӣ, пеш бурдани кори лашкар дар зиддият бо сиёсати истилогаронаи ҳукумати шӯравӣ, хиёнати ҷавонбухороиён ва ҳизби коммунистии Бухоро ба саҳлангорӣ овард. Ҳимояи аморат вазифаи умдатарини амир ва ҳукумати ӯ буд, аммо барои иҷрои ин вазифаҳо муддат хеле каму сабабҳои зиёд монеи иҷрои ин вазифа ва маҷбуриятҳо буданд.

- Дар давраи вассалии аморати Бухоро сарҳади он асосан аз тарафи лашкари рус муҳофизат мегашт. Барои ташкили артиши мувофиқ ба талаби замон ва такмили он барои амир на эҳтиёҷ буду на хоҳиш, бар замми ин тавқи вассалӣ ба ин роҳ намедод.

- Аз лашкари нави ташкилшуда худи амир ҳам дар ҳарос афтид. Баъзан барои идораи онҳо амир аз ҳукумати шӯравӣ ҳам мадад хоста буд (зиддияти байни шербачагон ва дастаи ҳарбии афғонҳо ба ин мисоли равшан аст). Ин ҳолатҳо боиси тез шудани ҷараёни инқирозӣ дар аморат мегашт.

## 2.2. Анъана ва навовариҳо дар таъминоти асбобу аслиҳаи ҷангӣ дар лашкари аморат

Аз таърих маълум аст, ки салоҳият ва қувваи ҳарбии ҳар як давлат ба дараҷаи тараққиёти иқтисодии он мамлакат, ақлу тафаккури саркардагони он, ҳисси ватанпарварӣ, ғояҳои ба мудофиа ё ҳуҷум таҳрик медода ва ғ. вобастагии қавӣ дорад. Аммо дар асрҳои XVIII-XIX вазъи сиёсии Осиё Миёна аз задухӯрдҳои байниҳамдигарии давлатҳои минтақа иборат буда, ин ҳолат онҳоро ба гирдоби рукуд ва инқироз мекашид. Бар замми ин, дар миёнаи асри XIX омилҳои сиёсӣ ва ҳарбии ба муносибатҳои байналхалқӣ марбут боиси тезутунд шудани вазъият дар Осиёи Миёна гашт. Дар давраи аввали истиқрори ҳукумати сулолаи манғитиён дар Бухоро ва баъди устувор шудани протекторати Россия бар аморат, дар соҳаи таъминот бо аслиҳа, ҳолати ҷангии омодагии лашкари Бухоро, таъминоти модии он тағйироти чашмрасе ба даст наомада буд.

Бар замми ин, аз вазъи сиёсӣ, ҳарбӣ ва иқтисодии аморати Бухоро ва дигар давлатҳои Осиёи Миёна аз қарни XVII сар карда империяи Россия тавассути савдогарон, сафирон, ҷосусу сайёҳони мухталиф, инчунин ба воситаи тоҷирони бухороӣ, қӯқандӣ ва хоразмӣ хабардор шуда меистод. Зеро ин минтақа, чи тавре, ки маълум аст аз давраи ҳукмронии Петри I дар маркази сиёсати хориҷии Россия қарор гирифта буд. Ҳадафи империяи Россия дар Шарқ ва Осиё, айнан ба воситаи Осиё Миёна бояд ба ҳаёт татбиқ мешуд. Мақсади охирини Россия, албатта ба мустамлика табдил додани ин кишвар буд. Россияро ба ин амалиёт на фақат вазъи дохилӣ, балки авзои байналхалқӣ ҳам маҷбур мекард (манбаи ашёи хом, бозор барои фурӯхти моли саноатии Россия ва ғ.).

Дар татбиқи ин орзӯ ва умедҳо Россия бештар ба ҳолати ҳарбӣ, омодагии ҷангии лашкари давлатҳои Осиёи Миёна, тактика ва стратегияи он, захираҳо барои амалиёти ҷангӣ ва ғ. диққат дода, маълумотҳои муҳимро ба ҳар роҳу усул ҷамъ менамуд.

Дар давраи ҳукуматдории амир Ҳайдар Е. Мейендорф, ки дар ҳайати сафорати рус ба Бухоро омада буд, дар асари «Саёҳат аз Оренбург то Бухоро» дар бораи қувваҳои ҳарбии аморат маълумот оварда менависад: “Сипоҳиён бо пилтамилтиқ, найзаҳои дароз ва бо шамшерҳои камоншакли ба сохти эронӣ монанд мусаллаҳанд. Баъзеи онҳо ҷибаҳои кӯтоҳ дар бар кардаанд, ба сар бошад аз оҳан ва пӯсти моли шохдори калон кулоҳ мепӯшанд. Артиллерия аз 20 замбараки сохти Эрон иборат буда, танҳо се ё чаҳор тоаш поя – лофет дораду халос. Лофети ин тӯпҳо ба се чарх пайваста бошад ҳам, интиқоли онҳо хеле мушкил буд”.[1]

Аслиҳаи аскарони аморати Бухороро ба ду навъ тақсим кардан мумкин аст: 1. Силоҳи сард (бурранда). Силоҳи сард ин шамшер (камоншакли онро “шоф” мегӯянд), тиру камон, найза, ханҷар, табарзин (ойболта), гурзи шашпар, корд ва ғ. Ин навъҳои силоҳи сард дар давраи ҳукмронии сулолаи манғитиён ҳам ҳеҷ тағйир наёфта буд ва дар ин бора пешравие ҳам ба зуҳур наомад[2].

Навъи асосии ин гурӯҳи силлоҳ шамшер (шоф) буда, аз қадим ҳатто шакли худро дигар накарда, аз асрҳои IX-XII бо ҳамин ном шинохта мешуд.

Тибқи маълумоти манбаъҳо сарбозон ва амалдорони ҳарбӣ аз шамшерҳои «чинӣ», «русӣ», «румӣ», «фарангӣ», «сулаймонӣ», «ҳиндӣ», «димишқӣ» ва дигар шамшерҳои сохти гуногун истифода мекарданд.[3] Ғайр аз ин, дар аморат аз аслиҳаи сарду оташбори навъи «фарангӣ», «афғонӣ» ва «эронӣ» истифода мебурданд.

Ҷанги шамшерзанӣ дар аморат то соли 1920 роиҷ буд. Ва ҳол он, ки шамшер дар муҳорибаҳои майдони ҷангии Европа ва дигар мамолики тараққикарда баъди ривоҷи силоҳи оташбор хеле кам истифода мешуд. Шамшер дар аморат аз тарафи устоҳои махсус сохта шуда, аз 1 кг. то 5 кг вазн дошт. Баъзе амалдорон шамшерҳои худро ба заргарон дода, онро зарбкорӣ ва мунаққаш мекарданд. Дар даста ва теғи шамшерҳои то замони мо расида бештар оятҳои Қуръонӣ, дуоҳо, номи устоҳо, номи шахсони ба

[1] Мейендроф Е. К. Путешествие из Оренбурга в Бухару. - С. 140.
[2] Ахбори оҳангари машҳури Бухорой усто Шокир ба муаллиф тобистони соли 2019.
[3] Шариф Муҳаммад Мансур Муборакшоҳ. Адаб ал ҳарб ва-ш-шуҷоат. - Душанбе, 1997. - С. 161.

онҳо ин силоҳ ҳадяшуда кандакорӣ шудаанд. Намунаи зиёди шамшерҳои дар аморат маъмулбуда, дар осорхонаҳои ҷаҳон маҳфуз аст.

Гарчанд дар ибтидо тамоми сарбозони лашкари Бухоро соҳиби шамшер буданд, рафта-рафта аз охири асри XIX ва аввали асри XX дастаҳои навташкили «Шефский», «Терский» ва казакҳои «Кубан» бо ханҷар ва шамшерҳои намунаи русӣ ва сохти Россия мусаллаҳ шуда буданд.

Аслиҳаи анъанавии аскарони аморат шамшер ва ханҷар буда, аз охири асри XIX ба пилта милтиқҳои дар Бухоро истеҳсол мешуда боз насби ханҷар (штык нож) расм шудан гирифт.

Баъзе силоҳҳои сарде, ки аз қадимулайём дар вақти ҷанг ва муҳорибаҳо истифода мешуданд, чун гурзи табарзин (ойболта) ва ғ., дар даврони ҳукуматдории манғитиён аз тарафи амалдорони низомӣ чун рамзи ҳарбӣ истифода мешуд.

Дар давраи вассалии аморати Бухоро бар империяи Россия сохтани «асои сафарӣ» ва «асои ҷиҳодӣ» ном аслиҳаи сард расм шуда буд. Ин силоҳ чун асо ва шамшер хизмат мекард. Шамшер ба даруни ғилофи асомонанд гирифта шуда, танҳо ҳини зарурӣ ва махфиёна зарба задан истифода мешуд. Даста ва ғилофи ин асо-шамшерро бо сангҳои гаронбаҳо зиннат дода, бо нақшу нигор оро медоданд[1]. Чунин аслиҳа намунаи санъати силоҳсозӣ маҳсуб мешуд.

2. Силоҳи оташбор. Силоҳи оташбор (гарм) дар аморат аз давраи кашфи порох (борут) мавриди истифода қарор гирифт. Ин силоҳҳо аз туфангҳои мухталиф, тапонча ва тӯпҳои гуногун иборат буданд. Дар ибтидо ин силоҳҳо аз милтиқи чақмоқӣ ва пилтамилтиқҳо иборат буда, дар замони салтанати манғитиён хеле кӯҳна шуда буданд. Дар арафа ва ҷараёни истилои Осиёи Миёна аз тарафи Россия тавассути Афғонистон ва Қошғар милтиқҳои сохти англисӣ, эрони, туркӣ ва русӣ ба аморат ворид шуданд. Ин ҷараён дар солҳои 1917-1918 хеле авҷ гирифта буд.

---

[1]Дар масҷиди Пойи Остонаи шаҳри Бухоро ва коллекцияи шахсии оҳангари машҳури бухорои Шокир Камолов намунаҳои ин яроқу аслиҳа нигаҳдорӣ мешавад - С. Б.

Дар давраи тобеияти аморат ба империяи Россия дар лашкари амир милтиқҳои гуногунро дидан мумкин буд. Сарбозони сешанбегӣ бо пилтамилтиқҳои оддӣ, сарбозони шанбегӣ бошанд, дар охири давраи амир Музаффархон бо милтиқҳои русии навъи «Бердан-3», (сохти соли 1862) мусаллаҳ шуданд. Як гурӯҳи дигарро “сарбозони думболапур” мегуфтанд, чунки ба милтиқҳои дар даст будаи онҳо аз “думбол” тир ҷой карда мешуд.

Дар давраи аввали баъди тобеият ба Россия сарбозони бо милтиқ мусаллаҳ аз сабаби набудани казарма бо силоҳҳо ба манзилҳои худ мерафтанд. Дар охири асри XIX аз сабаби кӯҳнагии милтиқҳо онҳо дар машқ ҳам аз кор баромада мешикастанд. Таъмири милтиқ ва дигар аслиҳа бар зиммаи худи сарбозон буд[1].

Милтиқҳои сарбозон то ба дараҷае кӯҳна буданд, ки дар ҳар як даста 2-3 сарбоз аз субҳ то шом ба таъмири онҳо машғул мешуданд. Ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар ин бора маводи зиёде медиҳанд. Чунончи:

“Арзадошти Абдулло Қаҳҳорбек тӯқсабо: Дар ҳар як сада (дастаи саднафарӣ)-и сарбозон 2-3 нафар устои милтиқ ҳаст. Дар қӯшуни ин ғуломи ризоҷӯи Шумо 1 нафар милтиқсоз ҳаст. Барои соз кардани милтиқҳои шикаста ва аз кор баромада як устои милтиқсоз камӣ мекунад, санаи 1311/1893-1894[2].

Низ: “Дар қӯшуни ғуломонатон як милтиқсоз буд. Аз рӯи ӯ хизмат ба вилояти Шаҳрисабз фиристода шуда буд. Ҳоло ғуломони қӯшун бе усто мондаанд. Ғуломашон аз устоҳои давлатхона як нафар милтиқсозро бароямон раво доранд, гӯён умед мекунем. Сана 1311/1893-1894[3].

Дар давраи амир Абдулаҳадхон ба сарбозон барои бо силоҳ ба манзилашон рафтан рухсат намедоданд.

Дар давраи афзудани сарбозони фирорӣ, дар ҳолати гурехтани онҳо бо силоҳ сардори ҳарбии онҳо ҳам ба ҷазо кашида мешуд. Дар ин ҳолат сарбозон ба даҳбошӣ, даҳбошӣ ба юзбошӣ, юзбошӣ ба саркарда, саркада ба тӯпбошӣ, ва тӯпбошӣ ба қӯшбегӣ ба зудӣ хабар медоданд. Дар навбати худ

---

[1] Айнӣ С. Дохунда. - С. 191-192.
[2] БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1637, вараќи 3.
[3] БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1637, вараќи 2.

мирзохонаи қӯшбегӣ ба зудӣ тавассути шогирдпешагони савора ба тамоми қозиён, бекҳо ва қаровулхонаҳои музофоти Бухоро барои дастгирии гурезагон бо нишондоди нишонаҳои хос хат мефиристоданд[1].

Дар мавриди вафот ёфтани сарбоз силоҳ ва ҳатто сарулибоси ҳарбии ӯ бозгирифта шуда, ба тӯпбошчӣ супорида мешуд. Чунончи, дар арзадошти зер мехонем: "Дар қӯшуни Мирobод мирохур аслиҳаи сарбозони фавтида ҳаст. Аслиҳаҳои зеринро ба Акрамбӣ инок-тӯпбошӣ супоридем. Рӯйхати милтиқҳо: Муҳаммад Шариф қоровулбеги юзбошӣ - 50 дона, Муҳаммад қаровулбеги юзбошӣ - 44 дона, садаи Ҳабибулоҳ қаровул - 39 дона... Ҳамагӣ 186 дона милтиқ.[2]

Бояд гуфт, ки дар арафаи истилои империяи Россия барои савдогарони Осиёи Миёна харидуфурӯши филиз ва содироти он аз Россия чун ашёи хом манъ шуда буд. Дар аморат бошад, барои умури ҳарбӣ филиз хеле муҳим, вале нокифоя буд. Аз ин хотир, тоҷирони Бухоро ва умуман савдогарони хонигариҳо аз Россия филизро на чун ашёи хом, балки дар шакли ашёи филизӣ, бештар дар шакли дег ва дигар моли дар таркибаш филизи зиёддошта меоварданд ва аз тарафи ҳукумати маҳаллӣ ҳавасманд низ мешуданд. (Масалан, аз андози боҷ озод мешуданд). Дар бештари ҳолат бо роҳи қочоқ ҳам аслиҳа ба қаламрави аморат ворид мешуд[3]. Ин ҳолат дар аввали асри XX бештар афзуда, ҳукумат воридоти аслиҳаро аксаран дастгирӣ менамуд.

Амалдорони ҳарбии рус ба агенти сиёсии императории Россия дар Когон номаи махфӣ ирсол намуда навишта буданд:

«Тибқи маълумоти разведка дар бекигарии Карки аморат тавассути Термиз ва Марв туркманҳо ба миқдори зиёд аслиҳаи англисӣ оварда ба савдои он машғуланд.

Аслиҳаи аз Афғонистон овардашудаи системааш Пибоди-Мартини милаш 4.3 см.-ро туркманҳо 50-75 рублӣ харида, дар Каркӣ бо нархи 75-100

---

[1]Айнӣ С. Асари номбаршуда.–- С.193.
[2] БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати1, парвандаи 1634, варақи 1.
[3]Мувофиқи шартномаҳои байни Россия ва Бухоро аз солҳои 1868, 1873 воридоти аслиҳа ба Бухоро аз хориҷи кишвар мамнӯъ буд - Б.С.

рубл мефурӯшанд. Маълум аст, ки ба савдои ин милтиқҳои аз Мазори Шариф ва Маймана меоварда Ҳабибуллохон фармони махфӣ додааст. 11 феврали соли 1906”[1].

Барои мубориза ва пешгирии чунин рӯйкард ҳукумати рус садҳо қарор ва рапортҳоро қабул карда буд, ки онҳо дар бойгонӣ маҳфузанд. Бо вуҷуди ин, маъмурони рус барои пешгирии чунин савдо оҷизӣ мекашиданд. Дар ин бора санадҳои зерин гувоҳӣ медиҳанд:

“Мувофиқи маводи ба даст омада дар гузарҳои Лаби ҳавзи Мир Дӯстум, Қазонхона, Қорӣ Тӯхтаи шаҳри Бухоро бо роҳи контрабанда микдори зиёди милтиқ ва револьверҳо оварда шуда нигоҳдорӣ мешавад. 4-ноябри соли 1911”[2].

Дар манбаъҳои бойгонӣ оид ба савдои аслиҳаи русӣ аз тарафи савдогарони бухороӣ ва дастгир шудани онҳо аз ҷониби маъмурони Россия маълумоти зиёдеро пайдо кардан мумкин аст. Ғайр аз ин, баъзе шаҳрвандони Россия ҳам барои манфиат гирифтан ба тиҷорати аслиҳа машғул мешуданд. Масалан, корманди агенти сиёсии Россия И. Решетов 6-уми феврали соли 1911 ба қӯшбегии амир нома фиристода барои дастгир кардани табаагони Россия Кожуховский, Абаржи Вакулов, Ветохин, ки ба савдои махфии аслиҳа дар қаламрави аморат машғул буданд, мадад пурсидааст.[3]

Воридот ва савдои аслиҳа дар аморат баъди соли 1917 хеле рушд мекунад. Шоҳиди ин воқеаҳо Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ хабар медиҳад, ки: «Аз дастаи аскарони низомии ҷамоаи араб 50 нафар ба чӯли Ашхобод рафта, аз давлати Англис пулемёт ва милтиқҳои англисӣ гирифта омаданд. Тӯрақулбойи Пӯст бо шутурони пӯсти гӯсфанд (қарокӯлӣ ) боршуда ба Англия фиристода шуд. Аз барқарор шудани дӯстӣ миёни Бухоро ва Англия эълон карданд»[4].

Чи тавре ки зикр шуда буд, баъди соли 1917 барои таъмини озодӣ ва истиқлоли аморат, барои муқовимат бар зидди таҷовузи ҳукумати шӯравӣ

---

[1] БМД ҶӮз. Ф. 3, рӯйхати 1, парвандаи 272, вараqи 1.
[2] БМД ҶӮз.. Ф. 3, рӯйхати 2, парвандаи 171, вараqи 187.
[3] БМД ҶӮз. Ф. 3, рӯйхати 2, парвандаи 171, вараqи 10.
[4] Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ. Таърихи нофеи. - С. 58.

чандин чораву тадбирҳо андешида шуданд. Аз ин ба баъд револверҳои навъи «Смитт» ва «Вессон»-и сохти англисӣ дар аморат бештар интишор мешуданд.[1]

Ғайр аз тариқи қочоқ ворид гардидани аслиҳа доираҳои ҳукмрони Россия ба аморат бо роҳи расмӣ ҳам аслиҳаро ба ҳадди муайян доданашон лозим буд.

Сабабҳои бо аслиҳа таъмин намудани аморат аз тарафи Россия инҳо буданд:

- Низоъҳои дохилии аморат, саркашии бекҳо аз итоат ба ҳукумати марказӣ. Чунончи: исёни Абдумалик Тӯра ва ҳаракатҳои халқӣ дар солҳои 1868-1871 дар Шаҳрисабз ва Китоб, ҳаракатҳои халқии солҳои 1870-74 дар Балҷувон, соли 1871 дар Қаршӣ ва Ғузор, соли 1885 дар Кӯлоб, соли 1885-86 дар Шеробод, соли 1886 дар Ҳисор ва Деҳинав, соли 1899 дар Келиф, воқеаҳои соли 1910 дар шаҳри Бухоро, ки ба манфиатҳои империяи Россия созгор намеомаданд.

- муҳофизати сарҳадҳои кӯҳии аморат, махсусан дафъи таҷовузҳои дохилӣ дар Ҳисор, Каркӣ ва Марв;

- Империяи Россия, ки захираҳои зиёди табиӣ ва модии амoратро ба яғмо мебурд, барои таъмини итоати аморат лашкари замонавӣ ташкил карда, онро мебоист бо аслиҳаи нави замонавӣ таъмин намояд. Бар замми ин, Россия ба амир Абдулаҳадхон ва Олимхон, ки генерал-адъютанти император буданд, садоқати худро ҳам бояд изҳор мекард.

Бо вуҷуди ин, аслиҳаи ба аморат фиристода аслиҳаи замонавӣ набуданд, зеро мӯҳлати истифодаи аксари ин силоҳҳо гузашта буд. Дар маъхазҳо дар мавриди миқдори фиристода шудани силоҳҳо сабт гардидааст. Чунончи, 25 январи соли 1887 ба аморати Бухоро чун рамзи «дӯстӣ» 1000 дона милтиқи навъи «Бердан-8», намунаи соли 1864 бо тиру тирдон фиристода шуда буд[2].

---

[1] БМД ҶӮз. Ф. 3, рӯйхати 2, парвандаи 976, вараќи 36.
[2] БМД ҶӮз. Ф. 3, рӯйхати 2, парвандаи 15, вараќи 5.

12 апрели соли 1904 2 то тӯпи калибраш 2,5 дм, 1 то тӯпи лофетноки намунаи соли 1883, 2 қуттӣ тиру борут[1], 17 ноябри соли 1902 60 дона милтиқи навъи «Драгун»-и намунаи соли 1891[2], 10 декабри соли 1903 2 то тӯпи кӯҳӣ ва сад мил милтиқи «Бердан-8»[3], 25 феврали соли 1887 300 милтиқ, 300 найза, 300 тирдон, 3600 дона тир, 300 то равғандон, 3000 то сумба, 300 то сӯзанак дода шуда буд[4].

Чунин ёрдам ва мададҳоро ба аморат Россия то соли 1914 идома дод. Дар солҳои ҷанги якуми ҷаҳон бошад, аморати Бухоро ҳам аз рӯи имконияти худ ба Россия мадад расонида буд[5].

Чунонки қаблан таъкид кардем, дар аморати Бухоро доираи бонуфуси ҳарбиён, тӯпчиён буда, дар мавриди ҷанг ба онҳо сахт такя мекарданд.

Доир ба вақти пайдо шудани тӯп дар Бухоро маълумоти равшан дар даст надорем. Вале маълум аст, намояндаи машҳури шайбониён Абдуллохони II (1533-1598) дар муҳориба ва лашкаркашиҳои худ аз тӯп истифода кардааст[6].

Дар давраи ҳукуматдории Шоҳмурод (1785-1800) дар Бухоро бештар истифода шудан аз тӯпҳо мушоҳида мегардад. Амир Шоҳмурод дар муҳорибаҳои зидди шоҳ Аббоси эронӣ аз тӯпҳо истифода намудааст ва дар ин бора манбаъҳои Эрон ва ёддошти аскарони рус маълумот медиҳанд[7].

Чи тавре ки зикр шуда буд, амир Насруллоҳ дар соҳаи ҳарбӣ ҳам ба баъзе ислоҳот даст зада, аммо онҳоро то охир ба субут расонида натавониста буд. Ӯ дар муддати салтанати 34-солаи худ бештар бар зидди ҳукмдорони марказгурез ва худсар мубориза бурда, ҳукумати муттамарказро дифоъ карданӣ буд. Барои ин мақсад ӯ тамоми қудрати ҳарбиро сарф мекард. Иқдоми ӯро сардори округи ҳарбии Зарафшон Г. А. Арендаренко, ки салоҳияти қувваҳои ҳарбии мардуми Туркистонро хуб омӯхта буд, ба таври

---

[1] БМД ҶӮз. Ф. 2, рӯйхати 1, парвандаи 181, вараҷи 15.
[2] БМД ҶӮз. Ф. 2, рӯйхати 1, парвандаи 111, вараҷи 4.
[3] БМД ҶӮз. Ф. 2, рӯйхати 1, парвандаи 181, вараҷи 1.
[4] БМД ҶӮз. Ф. 3, рӯйхати 12, парвандаи 15, вараҷи 29.
[5] Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ. Асари номбаршуда. - С. 42. Мувофиқи маълумоти ин муаллиф амир ба Россия 500 мил милтиқи панҷтира, 1500 аспи сара ва миқдори зиёди пул фиристодааст.
[6] Ҳофиз Таниш Бухоро. Шарафномаи шоҳӣ (Абдуллонома) / Форс тожик тилидан таржима Б.Аҳмедов. ч-1. – Тошкент: Қомуслар бош таҳририяти, 2001.
[7] Арендаренко Г. Бухарские войска в 1880 г. - С. 131.

мусбат баҳо дода, навиштааст: "Дар давраи ҳукмронии Насруллоҳ тӯпҳои ҷангӣ ба дараҷаи назаррас хуб буда, ба хизмати ҳарбӣ афғонҳои аз низоми ҳарбии англисӣ камубеш хабардор ҷалб шуда буданд. Саворагони бо тӯпи вазнини фальконет мусаллаҳ ташкил дода шуда бо ёрдами тӯпҳо ба қалъаҳо ҳуҷум кардан расм шуда буд".[1]

Мувофиқи ахбори манбаъҳо амир Насруллоҳ аз афғонҳо гурӯҳи ҳарбӣ ташкил дода, дар таркиби артиш аз ҳисоби сарбозони пиёда ба дастаи низомии тӯпчиён ҳам асос гузошта буд.[2]

Дар давраи амир Насруллоҳ ва баъд аз он ҳам тӯпчибошӣ дар артиш фармондеҳи олӣ маҳсуб мешуд. Сабаби ин шояд он бошад, ки нисбати ҷанговарони савора ва пиёда истифодаи техникаи нав тӯпчиёнро шинохта ва машҳур карда буд. Абдусамад тӯпчибошии эронӣ чи тавре, ки муаррих Мулло Олим Махдум дар асараш «Таърихи Туркистон» менависад, шахси олим ва бозаковат будааст. Ӯ барои истифодаи тӯп ва тӯпхона дар шароити ҷанг хеле пешрав буда, имконияти артеллерияро хеле хуб дарк карда буд. Ӯ тӯпҳо ва аспони тӯпкашро ба гурӯҳҳо ва рақамҳо ҷудо карда буд. То замони ӯ тӯпҳоро буққаҳо аз ҷое ба ҷое мекашиданд. Абдусамад тӯпчибошӣ саранҷом ба хиёнат айбдор шуда, дар Шаҳрисабз аз ҷониби амир Насруллоҳ ба қатл расонида шуда буд[3].

Дар аморати Бухоро тӯпҳои дар аввал истифодашуда тӯпҳои «Даҳанпур» (онҳо аз тарафи даҳан бо борут ва тир пур карда мешуданд) номида мешуд. Ин навъ тӯпҳо ҳини мудофиаи қалъа ва истеҳкомҳо истифода шуда, дар амалиётҳои ҷангии сайёр истифода аз онҳо хеле мушкил буд. Баъдтар ҳаҷми онҳоро хурдтар карда, дар амалиётҳои ҷангӣ (ҳуҷум) истифода мекарданд. Тӯпи даҳанпур хеле вазнин буда, бо усули рехтагарӣ сохта мешуд ва ҳар яки онро ба болои ароба гузошта бо зӯрӣ аз ду то шаш асп (пештар бо буқа ва шутурон) кашида ба ҷои зарурӣ интиқол медоданд[4].

---

[1] Арендаренко Г. Досуги в Туркестане. 1874-1889. - СПб. - С. 543.
[2]Троицкая А. Л. Военное дело в Бухаре в первой половине XIX века. - С. 211
[3] Ӯзбекистоннинг янги тарихи. Биринчи китоб. Туркистон чор Россияси мустамлакачилиги даврида. - С. 94.
[4]Бойгонии осорхонаи давлатии таърихи маданияти Ӯзбекистон дар шаҳри Самарқанд, парвандаи № 814, вараqи 15.

Сохтани тӯпҳо бо усули рехтагарӣ аз мису биринҷӣ аз тарафи ҳунармандони тӯпрез ба амал оварда мешуд ва он ҳам як дараҷаи пешрафти истеҳсоли ҳунармандиро нишон медод.

Силоҳи оташбор ва коркарди борут (порох) аз тарафи устоҳои ҷудогона ба амал оварда мешуд. Устои силоҳсоз дар ҷанг асбоби худсохтаашро оташ зада, дурустии онро бояд исбот мекард. Барои ҳамин ҳам тӯпчиён дар бархе аз ҳолат на ба ҳайси аскар, балки чун устои ягон сех (корхона) ба забон гирифта мешуданд.

Ҳар як тӯп калибр (қутр)-и худро дошта, тири якеи он ба дигараш мувофиқ намеомад. Барои ҳар як тӯп ба тарзи алоҳида тир (ядро, снаряд, гулӯла) тайёр мекарданд. Дар аввал қутри тӯпи даҳанпурро бо ибораҳои “тӯпи даҳанпури себ барин” ё “калла барин” муайян карда, гулӯлаҳои ба себ ё калла монандро аз тарафи даҳон пур мекарданд. Тӯпи даҳанпур қулф (затвор) надошт ва аз он устоҳои тӯп умуман хабар надоштанд. Устоҳои тӯпрез тӯпҳоро ба таври худ, бе ҳисобу китоби техникӣ месохтанд. Барои ҳамин ҳам ин тӯпҳо ҳини оташзанӣ баъзан таркида, ба ду қисм ҷудо мешуданд, снаряд ба нишон нарасида ба чапу рост мепарид, ё то масофаи дилхоҳ намерасид, аз ҳисоби нам кашидан намепарронид, дар обу ҳавои номусоид умуман истифода карданаш мушкил буд. Баъзан худи тӯпи даҳанпур ба маводи тарканда табдил меёфт ва нохушиҳои зиёд меовард. Баъзан даруни мили тӯп бо борути зиёд пур шуда аз болои он ба миқдори зиёд хасу хошок, латта ва баъдан гулӯла меандохтанд, ки дар натиҷа тир дар мили тӯп дармонда метаркид ва атрофиёнро ба ҳалокат мерасонид. Ядро, гулӯлаи тӯп аз чӯян, биринҷӣ ва мис тайёр карда шуда доирашакл ва вазнаш аз 2 то 8 кг. буд. Дар аввал ин ядроҳо чун снаряд набуд, яъне тамоман аз як ҷинси фулуз сохта шуда буд. Бинобар ин, ба даруни ядро боз борут рехта, бо фитил (пилтаи)-и махсус аз оташи даруни ствол оташ мегирифт ва баъди ба нишон расидан метаркид. Истеҳсоли чунин тири тӯп дар аморат ба роҳ монда шуда буд.

Корхонаи тӯпрезӣ ва тири тӯпрезиро “Қӯрхона” меномиданд ва чунин корхонаҳо дар Бухоро, Кармина, Самарқанд (то соли 1868) фаъолият

доштанд. Дар хонгарии Хӯқанд бошад, чунин устохонаҳоро “Тӯбхона”, «Корхонаи тӯбхона» мегуфтанд ва дар он ҷо «Ҷалоир», «Шохмали», «Язали» ном тӯпҳоро мерехтанд.[1]

Аробаҳои тӯпҳои “даҳанпур”-ро то майдони ҷанг аспҳо кашида ядрои онҳоро “сарбозони ҷаримачӣ” меоварданд. Дар чунин рӯйкард ҳар як сарбоз аз 2 то 5 дона (бо назардошти вазни он) гулӯлаи тӯпро то ҷойи зарурӣ мекашонид[2].

Маводи барои ядро зарур, яъне борут ҳам аз аввали асри XIX дар худи аморат истеҳсол мешуд. Дар замони амир Абдулаҳадхон шумораи устоҳои борутчӣ хеле афзуда буд. Дар ин бора ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ҳам маълумот медиҳанд:

- Арзадошти Қамар Баракабий: - Тибқи фармоиши олӣ аз “шуур”-и тайёр гирифтем ва каме боз гузоштем. Аз он доруи хуб (порох) тайёр мекунем[3];

“Гуфта буданд, ки дар қӯрхона олтингӯгирд ҳаст. Ҳамин олтингӯгирдро гирифта “шуур” сохта ба устоҳо дода «доруи хуб (порох) тайёр кун»,-гӯён таъин намудам. Оламланоҳо! Мувофиқи фармони олӣ ба шуурпазона одам фиристодам ва ба тезӣ “шуур тайёр намоед” гуфтам. Аз шуури онҳо ва олтингӯгирди боқимонда ба устоҳои дуредгар дода, боз дору тайёр намудам[4].

Ин санадҳо сана надоранд, аммо тахмин меравад, ки онҳо ба солҳои 1885-1890 мансубият доранд.

Тӯпи даҳанпур боз як камбудии техникӣ дошт. Ствол (мил)-и тӯп аз дарун ҳар хел хатҳои барҷаста дошт, суфта набуд. Инро ба инобат гирифта ядроро каме хурдтар мерехтанд. Дар натиҷа тамоми қувваи борут ва гази тарканда аз атрофи ядро, ки сахт ба мил ҷафс набуд зада мебаромад ва тири

---

[1]Турсунов Б. Хӯқанд хонлигида ҳарби иш ва қўшин: ҳолати, бошқаруви, анъаналари. (XIX асрнинг 70 – йилларигача.) Тарих фан. ном. дисс... – Ташкент, 2006. - С.134.
[2]Шукриллаев Ю.А. Бухоро амирлигида қўшин ва ҳарбий иш. Тарих фанлари номзоди илмий даражасини олиш учун ёзилган диссертация. - Тошкент, 2006. - С.142.
[3]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1636, варақи 2.
[4]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1636, варақи 32; Боз нигаред: Понкратов Г. Приготовление пороха бухарцами // Артиллерийский журнал. – 1870. - № 6. - С. 12.

тӯп ба дур парида намерафт. Баъзан аз шиддати гармии маводи тарканда мили тӯп об шуда мерехт, ядро дар даруни он дармонда метаркид.

Барои бартараф кардани ин камбудиҳо дар замони амир Насруллоҳ ба тӯпҳои «Думболапур»* асос гузошта шуд. Ин навъ тӯпҳо дар нисбати тӯпҳои даҳанпур хеле қулайтар буданд.

Дере нагузашта тӯпчиёни аморат ба тӯпи дунболапур гузашта аз қуфл (затвор) истифода мекардагӣ шуданд. Аз таърихи тӯпсозӣ ва артеллерия маълум аст, ки қуфлҳо дар Европа хеле пеш, баробари снаряд, ки худи он аз гилзаи борутдор ва снаряд иборат буд, ихтироъ шуда истифодаи васеъ ёфта буд. Моҳияти қуфл аз он иборат буд, ки мили тӯп аз қафо бо мадади он кушода ва пӯшида мешуд. Он дар натиҷаи оташгирӣ охири стволро маҳкам мебаст ва гази ҳосилшударо барои партофтани снаряд равона месохт. Ин вазифаи асбоби дигар – обратор (пасдиҳанда) буд. Дар аморат, ки ба дараҷаи пешравии техникӣ нарасида буданд, барои сохтани чунин асбобҳо ускуна набуд. Тӯпҳоро ба қолабҳои махсуси тайёр мерехтанд. Тӯпи рехташуда аз хоку гил тоза карда шуда, ба он мил кофта мешуд. Сайқалдиҳии даруни мил ҳам хеле мушкил буд. Гулӯлаи тӯп доирашакл ба ҳаракат даромада дар натиҷаи муқовимати ҳаво ба масофаи дур намепарид.

Тӯпи “думболапур»-ро ду асп мекашид ва масофаи дурпаронии он ба 1,3-1,5 км мерасид. Дар армияи Россия тӯпҳои (затвор) қуфлдор дар миёнаи асри XIX ҷорӣ шуда, тираш то ба дурии 3 км мерасид. Ба тезӣ дар Россия тӯпҳои намунаи соли 1877 ва дар Франция тӯпи намунаи соли 1880 бо тамғаи «Банжа» истеҳсол шуда, дурпаронии онҳо то ба 6 км расида буданд.[1]

Дар давраи муқовимати амир Насруллоҳ бо давлати Хӯқанд ду навъ тӯп ғанимат гирифта шуда буд: 1. **Ҷаҳонгир** (тӯпи бузург). 2.**Шохдор** (тӯпи хурд).

Аз ба даст афтодани тӯпи Ҷаҳонгир амир Насруллоҳ хеле мағрур гашта– «бо чунин тӯп дар тамоми дунё ҳукмрониро барпо кардан мумкин»-гӯён

*Думболапур (аз думбол – охири мили тӯп дору ва гулӯлаи тӯп ҷойгир карда мешуд) дар нисбати тӯпҳои даҳанпур (ки аз даҳон – пеши милаш пур карда мешуд) каме аз лиҳози техники дар истифода ва муҳорибаҳо қулайтар буд. Барои ҳамин чунин тӯпҳоро боз “тӯпи ҷилав (лашкар)” ҳам меномиданд.

[1] Умирзоков Ш. У. Артиллерия тарихи. - С. 15.; Бухоро амирлигида қӯшин ва ҳарбий иш. Тарих фанлари номзоди илмий даражасини олиш учун ёзилган диссертация. - Тошкент, 2006. - С. 142.

овоза кард. Лекин ин тӯпҳои дар сафари зидди Хӯқанд ғанимат афтода хеле вазнин буда, 34 пуд (544 кг) вазн доштанд. Чунин тӯпи вазнинро 8 асп бо зӯрӣ кашида метавонист.[1]

Ба вазнинии ин тӯп нигоҳ накарда, аз ин тӯпҳо барои рахна задан ва афтонидани девори қалъа истифода бурданӣ шуда дар қӯрхонаҳои махсуси аморат ба сохтани он шурӯъ карданд. Онҳоро дар мавриди ҷанг бо чи роҳе набошад то майдони ҷанг кашида мебурданд. Танҳо ҳайбат ва овози он ба дили душманон ғулғула мерехт.

Тӯпи шохдор дар нисбати ҷаҳонгир каме хурдтар буда, сари мили онро ду шохи кӯтоҳи аждар оро медод (даҳони аждар ба шикофи мил рост меомад) ва дар миёни он “мушка” (нишонгир) ҷойгир буд. Онро то шаш асп кашида мебурд. Аз манбаъҳо маълум мегардад, ки ба амир Насруллоҳ тӯпчӣ ва конструкторони аз Эрон ва Афғонистон омада, тарҳи тӯпҳои аз пӯлод бударо пешкаш карда будаанд. Аммо ин таклифи онҳо дар он замон ва баъдан ҳам татбиқи худро пайдо накард. Зеро европоиён кайҳо аз чӯяну мис ва биринҷӣ, ки вазни зиёд доштанд, даст кашида ба истеҳсоли тӯпҳои пӯлодин гузашта буданд. Тӯпи аз пӯлоди хушсифат тайёршуда сабук, дар истифода қулай ва ҳам фишори дар мили он пайдо шуда баланд буда, снарядро ба дур меандохт.

Дар назди даромадгоҳи музеи кишваршиносии шаҳри Самарқанд 2 дона тӯп диққати бинандаро ба худ мекашад. Вазни яке аз он 800 кг (50 пуд) буда, дарозии мили (ствол) он 1635 см, андозаи қутраш 17 см, доираи мил 34 см, диаметри затвори тӯп 115 см. Тӯпи дуввум аз он бузургтар; вазнаш 1100 кг (қариби 69 пуд), дарозиаш 2,2 метр (дигар андозаҳояш бо тӯпи аввали монанд). Мувофиқи ахбори А. Сухарева ин тӯпҳо ба замони ба Бухоро лашкаркашии шоҳи Эрон Нодиршоҳ мувофиқат мекунад[2].

---

[1]Бойгонии Осорхонаи давлатии тарихи маданияти Ӯзбекистон дар шаҳри Самарқанд, парвандаи 814, вараqи 15.

[2]Мувофиқи ахбори Ю. Шукриллаев дар коллекцияи шахсии сокини Бухоро устои оҳангар Шокир Камолов як дона “тӯпи чаҳонгир” ҳаст, ки дар болои мили он «Амали усто Пирназар» навишта шудааст. Ин нишонгари он аст, ки дар замони мавриди таҳқиқ ҳоло ҳам тӯп ва дигар яроқу аслиҳа дар аморат машғулоти шахсони алоҳида будааст. Ҳол он, ки дар дигар мамолки ҳамсоя (Эрон ва Афғонистон) олоти ҳарбӣ ба таври саноатӣ дар корхонаҳои махсус истеҳсол мешуд. Масалан, дар Афғонистон чунин корхонаҳоро «Мошинхона», «Аслиҳахона» мегуфтанд - (С. Б.)

Аз таҳлили боби мазкур бармеояд, ки ташкили лашкари нави ба талаботи замон ҷавобгӯ дар аморат дар замони амир Насруллоҳ (солҳои 40 асри XIX) оғоз шуда бошад ҳам, то ба охир нарасид. Гарчанд дар замони ин ҳукмдори ҳукумати марказӣ камтар қудратманд шуда бошад ҳам ба идораи лашкар низоми куҳнаро истифода менамуд. Лашкар аз саворагон ва сарбозони пиёда иборат буда, артиллерия ба маънои томаш вуҷуд надошт. Ҳатто дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳи дар аморат дастаҳои тӯпчиёни амир тӯпҳои замонавӣ надоштанд.

Баъди таслим шудани амир Музаффар ва истиқрори протекторати Россия дар лашкари амир тартиботеро монанд ба устави армияи Россия ҷорӣ карданӣ шуданд. Ҳатто устави ҳарбии Россияро барои амир ба тоҷикӣ тарҷума ҳам карданд.

Амир Олимхон баъди ба сари тахт омадан дар идораи давлат ва танзими лашкар баъзе ислоҳотро ҷорӣ намуд. Аммо маводи бойгонӣ ва ёддошту маълумот собит месозанд, ки тамоми навовариҳо ба муқобилияти сахти амалдорон ва рӯҳониёни мутаассиби Бухоро дучор меомад.

Анъана ва навовариҳо дар таъминоти асбобу аслиҳаи ҷангии лашкари аморат маҳорат ва омодагии ҷангии лашкари Бухороро баланд набардошт. Чун таъмини ҳифозати аморатро аз душманони хориҷӣ Россияи подшоҳӣ ба зиммаи худ гирифта буд, ислоҳоти лашкар ки вазифаи он аз пахш кардани ҳаракати халқӣ дар дохили кишвар иборат гашта буд, то дараҷае татбиқи худро намеёфт. Аксари навовариҳо мазмуни декоративӣ (ороишӣ ё зоҳирӣ) касб намуданд. Ҷорӣ кардани сару либоси низомӣ, нишонаҳои рамзӣ, ташкили дастаҳои ҳарбии ба гордҳои савораи русӣ монанд, гирифтани унвону нишонҳои ҳарбии Россия аз тарафи амалдорони қисме аз ҳамин навовариҳо буданд.

Дар мавриди таъминоти лашкари аморати Бухоро бо аслиҳа, таҷҳизи он бо аслиҳаҳои замонавӣ баъзе тағйиротҳо ба чашм расанд ҳам, дар маҷмӯъ дар давраи ҳукуматдории сулолаи манғитиён аморат на танҳо аз Россия ва Европа, балки аз мамлакатҳои ниммустамликавии ҳамсоя чун Афғонистон ва Эрон хеле ақиб монда буд. Бинобар ин, мусаллаҳ ва муҷаҳҳаз кардани лашкари аморат бо аслиҳаи оташбори замонавӣ иҷро нашуда буд.

# БОБИ III. УНВОН, РУТБАҲОИ ҲАРБӢ ВА ТАЪМИНИ МОДДИИ САРБОЗОН

## 3. 1. Идораи лашкари аморат: вазифа, унвонҳо, дараҷаи ҳарбӣ ва уҳдадориҳои соҳибони он

Аз соли 1756 ҳукмронии расмии сулолаи манғит дар хонигарии Бухоро оғоз шуда буд. Дар давраи ҳукуматдории асосгузори ин хонадон Муҳаммад Раҳимбӣ ибни Ҳакимбӣ ва вориси ӯ Дониёлбӣ атолиқ додани унвонҳои ҳарбӣ ва мансаб тибқи анъанаҳои дар замони аштархониён мавҷудбуда давом меёфт.

Амир Шоҳмурод соли 1785 дар Бухоро бо номи амир (ул-мӯъминин) ба тахт бардошта шуд ва баъд аз ин дар натиҷаи тарвиҷи ҷараёнҳои сиёсӣ дар аморат ва барқарор шудани вазъи сиёсӣ дар сохтори давлатӣ, идораи мамлакат, дар ҷорӣ кардан ва амали унвон ва мансабҳои ҳарбӣ, вазифа ва маҷбуриятҳои соҳибони онҳо баъзе тағйиротҳо рух додан гирифт. Аммо дар иртибот ба омӯзиши ин масъалаҳо бояд таъкид намуд, ки:

- соҳибони унвон ва мансабҳои дарборӣ дар як вақт соҳиби унвон ва мансабҳои ҳарбӣ буданд (ё мансаби дарборӣ вазифа ва маҷбурияти низомӣ ҳам дошт);

- шахси бо унвони каме пасттар шинохташуда баъди ба унвон ва мансаби олитар сарафроз шудан номи унвон ё мансаби пешинаро ҳам бо худ нигоҳ медошт, ё баръакс (Муҳаммад Шариф додхоҳ атолиқ, мингбошӣ ва ҳ.);

- унвон ва мансабҳои дар аморат амал мекарда дар ҳар давру замон моҳияти дигар пайдо мекарданд;.

- унвон ва мансабҳои номи якхеладошта дар хонигариҳои Осиёи Миёна (Бухоро, Хева, Хӯқанд) ва мамолики ҳамсоя вазифа ва дараҷаи мухталиф доштанд.

Дар аморати Бухоро давлат аз тарафи амир идора мешуд. Ин унвон унвони олитарини дунявӣ дар аморат буд. Соли 1927 вакили хоси амир Олимхон дар анҷумани Лигаи миллатҳо дар Париж Ҳоҷӣ Юсуфбӣ ибни

Муқимбой нутқ карда чунин ахбор додааст: «...Амирони Бухоро тибқи шариат ва воҷиботи одат ҳукм меронданд. Уламо амирро халифаи пайғамбар ва ҳомии шариати ислом медонистанд. Шароити амир батамом мутобиқи шариат буд. Хонҳои Бухоро аз сулолаи манғити ӯзбекон буданд. Дар вақти ба тахт бардоштан ӯро ба намади сафед бардошта сайидон, хоҷа ва муллоён болои тахт мегузоштанд».[1]

Ин тартиби ба тахт нишастан аз давраи ба вуҷуд омадани хонигарии Бухоро мавҷуд буда, оини туркӣ-муғулӣ маҳсуб мешуд. Табақаи олии аристократияи Бухоро, ки аз сайидон (ашхоси худро ба авлоди пайғамбар нисбат медода), хоҷаҳо (шахсони худро аз авлоди чаҳор халифаи рошидин медониста), уламо (рӯҳониёни расмии ислом) ва яке аз қабилаи гегемон дар вақти ба тахт бардоштани ворис (ё номзади расмӣ) иштирок карда, ҳар кадоме яке аз гӯшаи намади сафеди чаҳоргӯшаро гирифта валиаҳдро ба тахт мешинониданд. Чунончи, амир Насруллоҳ аввал дар тахти сангини кабуд, “кӯктош”-и дар ҳавлии мадрасаи Бибихоним, ки дар Самарқанд аст, ба амирӣ бардошта шуда буд. Дар ҷараёни расмии ба тахтбарорӣ, аксаран дастаи ҳарбии худи шахси ба тахт даъвогар ширкат меварзид. Дар маросими ба тахт нишастани Насруллоҳ лашкари Қаршӣ, ки аз сарбозони ба амирзода содиқ ташкил шуда буд, иштироки фаъол доштанд.

Амирони Бухоро ҳокимияти худро ба воситаи артиши сершумори амалдорони дарборӣ, ҳарбӣ ва маҳаллӣ ҳамчунин, тавассути гурӯҳи бузурги уламо амалӣ мегардониданд.

Баҳори соли 1868 дар аморати Бухоро ғайр аз шаҳрисабзиён боз 12 баталёни аскарони пиёда, 150 тӯп, 20 – 30 садаи саворагон, ҳамагӣ 12 ҳазор аскари пиёда, 1500 нафар тӯпчиён, 3 ҳазор аскари савора мавҷуд буд[2]. Чи тавре ки қаблан зикр шуд, ин лашкар аз тарафи амир Насруллоҳ ташкил шуда, бо воситаи он ҳолати дохилии мамлакат ва сиёсати хориҷии худро пеш

---

[1]Олимхон. Таърихи ҳуналмилали Бухоро. - Душанбе, 1996. - С. 4; Воҳидов Ш. Хӯқанд хонлиги ва Бухоро амирлигидаги унвон ва мансаблар. - С. 23.

[2] Лыко М. Очеркъ военных действий 1886 года в Зарявшанской долине // Военный сборник. - 1887. - Апрель. - С. 34- 35.

мебурд. Дар сиёсати хориҷӣ бештар ин лашкар ҷангҳои ошкор ва муҳорибаҳои истилогарона мебурд.

Аморати Бухоро дар нисбати ду ҳамсояи худ Хева ва Хӯқанд каме пурқудрат маҳсуб шавад ҳам, лашкари он дар муқоиса бо артиши Россия ва давлатҳои Европа хеле ақибмонда, сарбозони ӯ бошанд, тамоман аз илми ҳарбӣ бехабар буданд. Дар давраи ҳукуматдории амир Насруллоҳ ба кори ташкил ва таълими лашкари амалкунанда Абдусамад ном эронӣ машғул буд. Ӯ баъди кадом як гуноҳҳои дар Эрон ва Ҳиндустон содир кардааш фирор намуда, дар аморати Бухоро паноҳ ёфта буд. Аз соли 1868 ба лашкари Бухоро гурезаи рус Усмон ва Хоҷа румии турк роҳбарӣ мекарданд. Ин ду саркарда лашкари аморатро ба расми русӣ, туркӣ ва афғонӣ даровarда идора карданӣ буданд. Дар бораи ин мансабдорони лашкари амир, ки дар амал як шуъбаи бузурги ҳарбӣ дар дасти онҳо буд, муаллифон баҳои гуногун додаанд. Масалан, полковник М. Лыко дар бораи Усмон навиштааст: “Ӯ аз сарбозони казакҳои Сибир буда, соли 1860 ба Хӯқанд фирор карда буд. Қабл аз ин ӯ муддати мадид дар ҳабс буда, ду бор аз артиш ронда шуда буд. Бо вуҷуди ин, ӯ доно ва ҷасур буд. Дар хонигарии Хӯқанд ба сарбозони Мулло Алиқулӣ сирри амалиётҳои ҷангиро омӯзонида буд. Сарбозони аз Усмон таълим гирифта, соли 1864 дар муҳорибаи назди Ойбулоқ хуб ҷангида буданд. Соли 1865 вақте ки генерал Черняев Тошкандро муҳосира мекард, Усмон баъди ҳалокати Алиқулӣ ба қисми бузурги лашкари Хӯқанд роҳбарӣ карда буд. Дар он вақт дар мавриди истилои хонигарӣ аз тарафи амир Музаффар Усмон асир афтида ба марг маҳкум шуда буд, лекин бар ивази таълими сарбозони Бухоро авф мегардад. Амир аввал ӯро ба 25 сарбоз сардор таъин карда, баъди гирифтани унвони бек ба ӯ се сарбози савора барои хизмати шахсиаш дод[1].

Муаллифони дигар менависанд, ки лашкари Бухороро баъзан ашхоси ҷоҳил ва номуносиб роҳбарӣ кардаанд. Шоҳруххони бадахлоқ, Абдусамади шубҳанок ё Усмони майзада фармондеҳони ҳарбии аморат буданд.[2] Шояд

[1]Лыко М. Очеркъ военных действий 1886 года в Зарявшанской долине. - С. 37
[2] Раджабов З. Ш. «О политическом трактате» Ахмада Дониша. - Душанбе: Дониш, 1976. - С. 93.

роҳбарии чунин сардорони ҳарбиро дида Л. Костенко навишта буд, ки "сарбозони Бухоро тирпаронӣ он тараф истад, ҳатто дар саф дуруст истода ҳаракат карданро намедонанд"[1].

Унвон ва мансабҳои ҳарбӣ, дарборӣ ва қозихона дар аморат хеле зиёд буда, бо дараҷа ва вазифаҳои мутафовит, маҷбурият, тартиби таъйин ва маъзул аз онҳо фарқ мекарданд. Дар аксар ҳолат ин унвон ва мансабҳо чунон бо ҳам омехта шуда буданд, кадоме ҳарбӣ ва кадоме шаҳрвандӣ, дарборӣ ё амали қозихона будани он номаълум буд. Лекин қаблан бояд тазаккур дод, ки ҳар кадом унвон ва мансаб, амал аз рӯи хешутаборӣ, наздикии қавмӣ ва қабилавӣ, садоқати шахсӣ ва ё бо роҳи ришвагирӣ дода мешуд. Дониш ва салоҳияти касбӣ, истеъдод, боло гузоштани манфиати давлатӣ ва мардум аз манфиати маҳаллӣ, қавмӣ ва қабилавию шахсӣ ҳеҷ ба инобат гирифта намешуд. Баръакс, амалдорон ва шахсони соҳиби чунин фазилат буда, аз ҳукумат дур карда шуда аз амал гирифта мешуданд (Аҳмади Дониш, Фитрат, Садриддин Айнӣ, Садри Зиё ва дигар муаллифони бухороӣ ва хориҷӣ намунаи чунин сиёсати амирони манғитро зикр кардаанд).

Дар дарбори амир чунин унвон ва мансабҳо мавҷуд буд:

**Удайчи/ҳудайчи** (араб. Дар асл "ҳидоячӣ") –бо дастури нақиб (арабӣ) дарборро бо мулозим ва хизматкорон таъмин намуда, дар Петербург ва генерал-губернатории Туркистон вазифаи сафоратро иҷро менамуд, ҳини ҷанг ва юришҳои ҳарбӣ сафи навкаронро ба тартиб меовард ва назорат мекард.

**Шиғовул** (туркӣ) **-** адъютанти шахсии *тӯқсабо* (туркӣ) ва эшикоғобошӣ (туркӣ) барин мансабдорон ҳисоб шуда, ба қабули меҳмонон ва сафирон масъул буд;

**Саломоға-** ба салом ва дурудҳо аз номи амир алейк мегирифт.

**Бӯйиноға-** ба таъзими ба қабул омадагон назорат мекард.

**Чеҳрашинос / чеҳраоға-** ашхоси ба қабул ва сӯҳбат даъватшударо шинохта ба боргоҳ меовард.

---

[1] Костенко Л.Ф. Путешествие в Бухару русской миссии в 1870 г. - С. 105.

**Мирзо, муншӣ** (араб.) - котиби шахсии тӯқсабо (дар маҳкамаҳо, девон ва дар назди мансабдорони олӣ мирзо ва муншӣ адои хизмат мекарданд);

**Мушриф** (араб.) –котиби дараҷаи II *тӯқсабо*;

**Амалдори меҳмонхона** (араб. форс.) –мансабдори қабулхонаи амир;

**Девонбегӣ** (араб.турк.) –даромаду баромад, ҳисоб – китоби аморат дар дасти ӯ буд;

**Мирохурбошӣ** (араб.форс.турк.) –амалдори аспхонаи амир;

**Миршаббошӣ** (араб.форс. турк.) –сардори хизмати полиси амир, шабона тартиби пойтахти амoратро назорат мекард (сардори миршабон);

**Юрчӣ** (турк.форс) –дар мавриди сайёҳати амир пеш-пеши ӯ мерафт (яке аз муҳофизони амир);

**Амалдор/омил**–оқсақол/мӯйсафед, муовини бек дар маҳаллҳо;

**Шогирдпеша** (форс.) –амалдори почта, амалдори хурди ҳар кадом маҳкама ва девон;

**Саркарда** (форс.) –сифати сардорони низомии Бухоро;

**Маҳрам/маҳрамбош** (араб) –хизматкори наздики амир;

**Фаррошбошӣ** (араб.турк.) – амалдори ошхона ва дарбори амир;

**Шарбатдор** (араб. форс.) – шахси ба нон ва шарбати амир масъул;

**Тилмоч** (турк.) - тарҷумон;

**Обтобачӣ** (форс.) – маҳрами амир дар мавриди таҳорат ва шустушӯй;

**Баковул** (муғул.турк.) - ошпаз;

**Шабгард** (форс.) – посбони шабона;

Хулосаи калом, шумораи умумии амалдорони дарбор ба 3000 мерасид.[1]

Дар девонхонаи қӯшбегӣ чунин унвон ва мансабҳо мавҷуд будааст:

**Қӯшбеги** (турк.) – вазири аъзам.

**Тилмоч -** тарҷумон.

**Мирзо**–корбар, котиб.

**Ясовулбошӣ** (турк.) – ёрдамчии қӯшбегӣ.

**Ясовулбошӣ -** ёрдамчи тӯқсабои дараҷадори II.

**Ясовулон**–амалдороне, ки ҳар хел вазифаҳоро иҷро мекарданд.

[1] Логофет Д. Н. Бухарское ханство под русским протекторатом. - Т. 1. - С. 234.

**Амалдори меҳмонхона** - масъули қабулхона ва меҳмонхонаи қӯшбегӣ.

**Девонбегӣ –** масъули девони қӯшбегӣ.

**Мирохурбошӣ –** сардори аспхонаи қӯшбегӣ.

**Фаррошбошӣ –** масъули ошхона.

**Тӯпчибошӣ** (турк.)- сарбори зиндон ва ҳабсхона.

**Аминоначӣ** (араб. форс.) – аз бозорҳо андоз мечинд.

**Маҳрам(он)–** хизматкорони шахсӣ.

**Навкар(он)** (форс.) **-** 500 нафар посбонон.

Бар замми ин, дар девони Девонбегӣ, ки ба молиёти аморат масъул буд, мирзобошӣ, шогирдпеша, амалдори меҳмонхона, закотчӣ, мирохурбошӣ, шарбатдор, маҳрамон, дастаи 300 нафараи навкарон ва дигар вакилони табақаи пасттар хизмат мекарданд.

Дар маҳкамаи динӣ ва қозихона қозикалон, мирзобошии ӯ, қозӣ, муфтиён, муллои азим (вакилони ҷустуҷӯи муҷримон), девонбегӣ, мирохурбошӣ, маҳрамҳо амалдорони пасттар (аламон ва хизматчиён) адои хизмат мекарданд. Дар вилоятҳо бек девони худро дошта, қозии вилоят, раис ва амлокдор бо даҳҳо маҳрам, ходим ва мирзоёни худ хизмат мекарданд, дар давраи амалиётҳои ҳарбӣ ба хизмати лашкар ҷалб карда мешуданд.

Агар бевосита перомуни унвон ва мансабҳои ҳарбӣ сухан равад, гуфтан мумкин аст, ки онҳо дар аввали асри XX каму беш ба тартиб омада дараҷабандӣ шуда буд. Ин унвон ва мансабҳо, ки аз дараҷаи паст ба боло меравад, чунин будааст:

1. Чеҳраоғасӣ. 2. Чибачӣ (ҷевачӣ) 3. Мирзобошӣ . 4. Қаровулбегӣ . 5. Мирохур. 6. Тӯқсабо. 7. Эшикоғобошӣ . 8. Би(й). 9. Додхоҳ. 10. Иноқ. 11. Парвоначӣ . 12. Қӯшбегӣ . 13. Атолиқ.

Агар ин мансабҳоро бо унвонҳои ҳарбии армияи рус қиёс намоем, онҳо чунин таносуб касб мекунанд:

1. Чеҳраоғобошӣ – унтер офицер.
2. Чибачӣ – фельдфебель.
3. Мирзобошӣ – подпоручик.
4. Қаровулбегӣ – поручик.

5. Мирохур – капитан.

6. Тӯқсабо – подполковник.

7. Эшикоғобошӣ – полковник.

8. Би – бригадир.

9. Додхоҳ – генерал-майор.

10. Инок – генерал лейтенант.

11. Парвоначӣ – (полный) генерал.

12. Қӯшбегӣ – канцлер (Вазири аъзам) [1]..

Дар давраи ҳукуматдории амир Олимхон артиши Бухороро тӯпчибошӣ бо унвони додхоҳ роҳбарӣ мекард. Дар конселярияи тӯпчибошӣ 10 мирзобошӣ ва ясовулбошӣ бо унвони би(й), ясовулони унвонҳои гуногундошта, мудири қӯрхона ва чанд нафар хизматчиён адои хизмат мекарданд.

Амали тӯпчибошӣ 2 хел буда, якеро - «тӯпчибошии аскар» дуюмиро - «тӯпчибошии дарвоза» (арк) меномиданд[2]. Тӯпчибошии дарвоза амнияти арки олиро таъмин менамуд.

Тӯпчибошии дарвоза дар ихтиёри худ 50 нафар ҳарбиён дошт, ки аз онҳо 20 нафар аз ҳолати шаҳр ва мардуми шаҳр ба тарзи махфӣ хабар гирифта, аз воқеа ва ҳодисаҳои содиршуда ба дарбори олӣ ҳар рӯз маълумот медоданд. Аз ҷосусони амир фарқи онҳо ин буд, ки онҳо душманони давлатро дар ҷои ҷиноят ба даст гирифта метавонистанд. 20 нафари дигари сарбозони тӯпчибошии дарвоза дар дохили арк адои хизмат мекарданд. 10 нафари дигар дар обхона ва канахона хизмат карда, тӯпҳоро муҳофизат мекарданд.

Соли 1887 нафаре, ки тӯпчибошии Бухороро дида буд, менависад: «(ӯ) марди лоғарандоми тахминан панҷоҳсола, бо симои форсӣ, дар сар телпаки хеле баланди пӯсти суғур ва дар тан сюртуки ранги бунафши тираи дӯхти

[1] Логофет Д. Н. Бухарское ханство под русским протекторатом. - Т. 1. – С. 239. Махдум ҳоҷӣ. Тарихи Туркистон. – Ташкент, 1915. - С. 27. “Унвонҳои ҳарбӣ ба унвонҳои русӣ хеле монанд буд: аламон (нафар) - сарбози қаторӣ; даҳ бошӣ - ефрейтор; чеҳраоғасӣ - фельдфебель (взвод); мирзобошӣ - подпоручик; юзбошӣ - поручик; ҷивачӣ - лейтенант; қаравул-бегӣ - штабс-капитан; мирохур - подполковник; тӯқсабо - полковник; додхоҳ - генерал-майор” навиштааст як муҳаққиқи рус. Нигаред: Заяц Николай. Бухарская Армия. 1917-1920. https://knigogid.ru/books/ 767403- buharskaya -armiya- 1917-1920/ toread/

[2] Андреев М.С, Чехович. Арк Бухары. - С. 68.

Эрон мебошад. Остин, сари сина ва домани либоси ӯ нуқрадӯзӣ буда, нақшҳояш барги савсанро дошт, дар ду тарафи сари синааш шаштогӣ ду қатор тугмаҳои майдаи мисӣ ҷой гирифта, дар китфонаш эполетаҳои аз нуқра бофташуда бо нишонаи штабс-офицерӣ, дар камарбанди нуқрагини ӯ шофи хеле қиматбаҳо дар ғилофи тиллоии бо фирӯза ва ақиқ оро додашуда дида мешуд»[1].

Дар мансаби тӯпчибошии аскар дар даврони амирони манғит Абдураҳимбек иноқ лашкарбошӣ, Абдусаттор иноқ, Мулло Муҳаммад, Алимадад, Мулло Маҳмуд, Мулло Холмурод, Шодибек иноқ, Акрам иноқ, Абдулқодир иноқ фаъолият нишон дода буданд. Аз онҳо машҳуртаринашон дар даврони амир Аҳадхон ҳокими Қаршӣ Акрамбек, дар замони амир Олимхон бошад миршаббошии собиқ Абдусатторбек буданд.

Аз охири асри XVIII то аввали асри XIX «даста»-и иборат аз сад нафараи гурӯҳи низомӣ ба хизмат шурӯъ намуданд. Дар нимаи дуввуми асри XIX дастаи аз 200 нафар иборатбудаи аскаронро дидан мумкин аст. «Сада»-ро юзбошӣ, «нимдаста»-ро, ки аз 50 нафар иборат буд, панҷоҳбошӣ, яъне элликбошӣ, «расад» (взвод)-и 25 нафариро, ки ба 2 даста (барра)-и 12-13 (10 нафара) тақсим мешуданд, даҳбошӣ (ӯнбоши) роҳбарӣ мекард. Ёрдамчии юзбошӣ қаровулбегӣ буд[2].

Омӯзиш ва таҳқиқи сохтори давлатӣ, унвон ва мансабҳои ҳарбӣ, вазифаҳои соҳибони он дар хонигариҳои Осиёи Миёна ҳоло ба таври комил омӯхта нашудааст. Дар ин бора бештар доир ба масъалаҳо ва мураккабиҳо сухан гуфтан маъқултар аст. Истилоҳ ва ибораҳои амал ва мансабҳо, унвонҳои ҳарбии дар амал буда, этимологияи онҳо ва дараҷаи онҳо дар нисбати ҳамдигар хеле номуайяниҳо дорад. Ин хулоса дар нисбати таърихи аморати Бухоро ҳам дуруст аст. Масалан: - додхоҳ «судя», «оталиқ» - мансабдори дараҷаи дувум ва баъд аз амир амалдори олӣ дар Бухоро ва

---

[1] Крестовский В.В. В гостях у эмира бухарского. – СПб., 1887. - С. 109-110.
[2]Троицкая А. Л. Военное дело… - С. 213.

«ҳокими шаҳр» ҳеч вақт набудааст, ё дар Осиёи Миёна «иноқ» ҳеҷ вақт номи пешвои қабилаи ӯзбекон набуд[1].

Дар зер ба унвон ва мансабҳои ҳарбӣ ба тартиби аз поин ба боло дар асоси маводи бойгонӣ ва сарчашмаҳои хаттӣ дар аморат маълумот дода мешавад:

**Чеҳраоғасӣ** (форс.турк.) –ин аввалин амалдори ҳарбист, ки аз тарафи амир бо ёрлиқ – (маншур) фармони махсус таъин шуда, вазифаи ӯ муҳтасибии миёни аврангдор ва ҷилавдор аст.

Ба амали чеҳраоғосӣ фарзандони оилаҳои бонуфуз интихоб мегардид. Ӯ дар назди амир вазифаи маҳрам ва ё адъютантиро иҷро мекард.

**Ҷибачӣ /ҷевачӣ** (турк.) –амал ва мансаби дарборӣ ҳам буда, сардори ҷибачиён/ҷавшангарон (силоҳсозон) буд.

**Қаровулбегӣ** –сардори қаровулон ва посбон, ҷондорони амир ва аҳли оилаи ӯ. Қаровулбегӣ дар мавриди осоиштагӣ ба амният ва бехавфии давлат шахси ҷавобгар ҳисоб шуда, дар вақти ҳаракатҳои ҳарбӣ амнияти лашкар, муҳофизати он, таъини посбонҳо дар атрофи қӯш (лагери ҳарбӣ)-ро таъмин менамуд.

**Мирохур** –соҳиби ин мансаб дар аввал ба саисхонаи амир, аспҳои ӯ нигоҳбонӣ карда, баъдтар роҳбари он гардид. Миробии тумани Коми Абӯ Муслим ҳам ба дӯши ин амалдор бор шуда буд. Дар вақти амалиётҳои ҳарбӣ мақоми ӯ хеле баланд мерафт. Мақоми ӯ ба унвони капитани артиши рус баробар меомад.

**Тӯқсабо –**фармондеҳи дастаи ҳарбии соҳиби туғ (ливо, парчам). Унвони тӯқсабо ба роҳбарони дастаи ҳарбии аз сарбозони қавми муайян ташкилшуда дода мешуд. Ҳокимӣ ва миробии тумани Харқонруд ҳам дар зиммаи ӯ буд. Дар мавриди ҳаракатҳои ҳарбӣ парчами (туғи) махсуси амирро бардошта мерафт.

**Дастурхончӣ -** амалдори ошхонаи амир ва дастурхони ӯ.

---

[1]Семёнов А.А. Бухарский трактат о чинах и званиях и об объязанностях их носителей в средне вековой Бухаре // Советское востоковедение. - Т. V. - 1948. - С. 137.

**Эшикоғобошӣ**–сардори посбонони дарвозаҳои дарбори олӣ. Табарзин аломати мансаби эшикоғобошӣ буд. Дар дарбор (арк) ба муҳофизати амир машғул шуда, ашхоси ба арзу дод омадаро бо назардошти масъала ва дархосташон назди амалдорон равона мекард. Танҳо шахсони бо хабарҳои фавқуллода омада мустақиман ба ҳузури амир медаромаданд. Дараҷаи мансаби ӯ ба унвони полковник баробар буд.

**Би(й)**–дар асл ин унвони пешвоёни қавм ва қабилаҳои туркзабон буд, ки шӯрои оқсақолон ба шахси интихобкардаашон медоданд. Дертар он амали дарбор маҳсуб шуда бошад ҳам, соҳибони он якҷоя бо додхоҳ дар вақти юришҳои ҳарбӣ ба мақоми баланд сазовор мешуданд. Дар ин ҳолатҳо онҳоро мири даста, амири навкария ё саркарда (вобаста ба шумораи лашкари роҳбарӣ мекардаашон) меномиданд.[1] Дар бойгонии МДҶӮз. рӯйхати бархе аз саркардагони артиши аморати Бухоро дар солҳои 1865-1918 оварда шудааст[2].

**Додхоҳ**–аз калимаи "дод" гирифта шудааст. Дар асри XIX соҳиби ин унвони ҳарбӣ то ба дараҷаи вазири ҳарб бардошта шуда, дар армия мансаби олӣ маҳсуб мешуд. Дорандаи ин унвон ба мансаби тӯпчибошии аскарӣ ноил мегашт. Ӯ фармондеҳи тӯпчиён ва роҳбари гарнизони Бухоро буд.[3] Аммо дар охири асри XIX аввали XX вазифаи вазири ҳарбиро бештар қӯшбегии поён иҷро мекард.

**Инок**–ин амал аз ду дараҷа: иноқи калон ва иноқи хурд иборат буда, иноқаи калон умаро, шогирдпеша ва дигар ашхоси ба сӯҳбати амир мушаррафшудагонро (ё нашуда) ифода мекард. Иноқи хурд бошад, сандуқчаи хурди мӯҳрдорро посбонӣ мекард. Ариза ва мактубҳои сафирон аввал ба дасти иноқи хурд мерасид.

**Парвоначӣ** (форс.) –ариза ва дархости умаро ва асилзодагонро ба ҳузури амир даровардa, аз он ҷо чун парвона тез-тез амру фармоиши амирро гирифта мебаромад. Роҳбарии ҷамоаи Арабхона ҳам бар зиммаи ӯ буд.

---

[1] Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ. Таърихи нофеӣ. - С. 25.

[2]Дар БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, дар ҳуҷҷатҳои 1505, 1624, 1561, 1564, 1604 ва дигар асноди ин бойгонӣ рӯйхати амалдорони ҳарбии Бухоро оварда шудааст.

[3] Ӯзбекистоннинг янги тарихи. Туркистон Чор Россияси мустамлакачилиги даврида. ҷилди -1. - Тошканд, 2000. - С. 46.

**Қушбегӣ** – вазири аъзами аморати Бухоро. Фармондеҳ, ки, корҳои маъмурии давлатӣ дар дасти ӯ буд. Аз сабаби як хел навиштан бештар бо амалдори қушбегӣ (қуш, яъне парранда, амалдори ба шикор, асбобу анҷоми шикорӣ, бозу сагони шикории ҳукмрон масъул) як хел дониста мешавад, ки ин хато аст[1].

Ба мансаби қӯшбегӣ шахси таҷрибадор, сиёсатмадор, аз кори давлатдорӣ хабардор, рӯйшинохта ва таъсираш дар миёни низомиён ва мардум зиёд таъин мешуд. Номзад аввал ба мансаби *девонбегӣ* мушарраф шуда, баъд ба мансаби *қӯшбегӣ* ноил шуда метавонист.

Агар ӯ ҳоким бошад, ӯро ба мансаби вазирӣ таъин мекарданд. «Қӯшбегӣ бар манфиати подшоҳ, аскар, аҳли вазифа ва фуқаро кор карданаш зарур буд. Дар акси ҳол ӯ аз мансаб маъзул мешуд. Мансаб ва ҳашамати қӯшбегии поён низ ҳамин тариқа буд. Дар сурати вазифаи хешро иҷро карда натавонистан қӯшбегии поёнро ба боло бароварда, болоро ба поён мефароварданд»[2]. Қӯшбегии поён ҳини юришҳои ҳарбӣ лашкарбошӣ таъин мешуд[3]. Дар ихтиёри қӯшбегӣ тилмочон (тарҷумонҳо), мирзо, ясовулбошӣ, ясовулон, миршаббошӣ, амалдорон, мирохурбошӣ, девонбегӣ, фаррошбошӣ, шогирдпеша, шабгард, иноқ, додхоҳ, навкарон ва соҳибони дигар мансаб ва амалҳо қарор доштанд.

Ҳуқуқ ва ваколати қӯшбегӣ аз дигар вазирон зиёдтар буд. Ҳуқуқи ҳабс кардан, ҷазо додан, қатл кардан (танҳо бо розигии амир), мусодираи моли гуноҳкорро низ қӯшбегӣ дар ихтиёр дошт. Иқтидори қӯшбегӣ ба ҳашамати подшоҳ наздик буд[4].

«Қушбегӣ шахси дуюми асосӣ дар маъмурияти аморат баъд аз амир буда, тамоми корҳои дохилии давлатро ва дар ҳолати набудани амир

---

[1]Абдураимов А.А. Кошбеги, а не куш беги (К истории установления власти кошбеги в Бухарском ханстве) // Общественные науки в Узбекистане. - 1974. - №11. - С. 54-60. Дар бораи «Қӯш ва қӯшбеги» нигаред: Радлов В.В. Опыт словаря тюркских наречий. – Т. II. – СПб., 1899. - С. 636, 1031 ва диг; Бартольд В.В. Церемониал при дворе узбекских ханов в XVII в. // Сочинения. Т. II. –Ч. 2. – М.: Наука, 1963. – С. 396; История таджикского народа. – Т. IV. - С. 314.

[2] Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ. Асари номбаршуда. - С. 27.

[3]Муҳаммад Шарифҷон ибн Абдушукур - Садри Зиё. Феҳристи китобхонаи хусусии Муҳаммад Шарифҷон Садри Зиё // Дастхати БДШ назди ИДШТ ба номи Абӯрайҳони Берунӣ, 2460. Вараќи 17.

[4]Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ. Асари номбаршуда. - С. 26.

мамлакатро идора мекард... вале ин маънои онро надорад, ки ки қушбегӣ мустақилияти комил дошт, баръакс, фаъолияти ӯ қотеъона аз ҷониби амир назорат ва маҳдуд карда мешуд»[1]

Дар аморат мансабҳои олӣ аз тӯқсабо сар мешуд ва соҳибони мансабҳои мазкур ҳокими вилоят шуда метавонистанд.

Ғайр аз мансабҳои зикршуда унвон ва мансабҳои ҳарбии миёна ва паст мавҷуд буд, ки онҳоро чунин тавсиф кардан мумкин аст:

**Тунқатор/тунқотир** (туркӣ)–соҳиби мансаби миёни мирзобошӣ ва ҷибачӣ(ҷевачӣ) буда, дар назди дарвозаи дарбор шабона (тун) аз ҷой наҷунбида ва нахобида (қотирмоқ) қаровулӣ ва посбонӣ мекард. Дар вақти юришҳои ҳарбӣ ғайр аз амир боз мансабдорони олӣ посбони "тунқатор" доштанд. Тунқатор дар хонигарии Хӯқанд мансабдори ҳарбии дараҷаи шашум ҳисоб мешуд.

**Қӯрчӣ** (турк.форс.) –амали ба дараҷаи чеҳраоғасӣ баробар буда, ба захираи аслиҳа, тиру дору(борут) ҷавобгар буд.

**Удайчӣ/ҳидоятчӣ** (дар ин бора дар боло маълумот додем).

Ёвар (алютант) ёрдамчӣ, ёвари саркардаҳои олӣ ҳам дар аморат ва хонигарии Хӯқанд адои хизмат мекарданд[2].

Чобуқчӣ, хазиначӣ, туфангчӣ (милтиқсоз) аз амалдорони зикршуда пасттар буданд. Ғайр аз инҳо боз чанд овул, йӯлчӣ, ҷосус, садоқчӣ, қилич-қӯрчиён ҳам амалдорони ҳарбӣ маҳсуб мешуданд. Дӯзандагони сарулибоси ҳарбӣ ва пойафзолдӯзон ҳам ба дараҷае миёни ҳарбиён обрӯ доштанд.

Кафшбардор, асобардор, кӯрпабардор, дасторбанд, тамокусоз, оташбардор, зинбардор, ҷилавдор, роиз (ромкунандаи асп), туғбегӣ, шукурчӣ, найзабардор, қӯшбегии ҷилав, машъалчӣ, тиркашбардор, доруғабошӣ, шотирбегӣ (пеш-пеши амир давида аз омадани ӯ хабар медод), чопқучӣ, мӯзабардор (на "мӯза пардоз")[3] ва боз даҳҳо амалдори дигар ҳам

---

[1] Абдулҳаким Розиқзода. Миршаб. –С. 132.
[2] Тоиб Муҳаммад Юнусҷон шиғовул. Таърихи Алиқули амирлашкар. - С. 23.
[3] Вильданова А. Б. Подлинник Бухарского трактата о чинах и завениях // Писменные памятники Востока. - С. 159-163.

дар соҳаи ҳарбӣ фаъолият мебурданд. Шахси нав ба хизмат ҷалб шударо навкар (нукар), маҳрам, ясовул, сарбоз, қаровул ёқора оломон мегуфтанд.

Тибқи маълумоти «Маҷмаъ-ул-арқом» мансаби олии динӣ, ки ба уламо дода мешуд, вазифаи қозигӣ буда, дараҷаи олии он унвони "шайх ул-ислом", дуввум қозиюлқуззот, сеюм қозӣ-аскар ва чаҳорум қозии вилоят. Қозӣ-аскар асосан дар артиш фаъолият бурда, нисбати низомиён ва амалдорони ҳарбӣ ҳукм мебаровард.

Мартабаи дуввуми ин дараҷаҳо амали муфтӣ буд. Дараҷаи олии он унвони аълам буда, соҳиби он ҳини юриш ва амалиёти ҳарбӣ фатвоҳо медод. Соли 1842 амир Насруллоҳ пеш аз юриши навбатӣ ба хонигарии Хӯқанд фатвои аълам ва муфтӣ-аскарро гирифта, тадбири худро амалӣ карда буд.[1] Ҳангоми рафтани қозӣ-аскар ва муфтии аскар ба ин ё он вилоят, ваколати соҳибони ин касб дар ин ҳудуд боздошта мешуд.[2].

Бояд гуфт, ки вазифаҳои хизматӣ, дараҷабандии унвонҳои ҳарбӣ ва вазифаи соҳибони он дар аморати Бухоро аз дигар хонигариҳо фарқ мекард. Хусусан, тафовути онро дар муқоиса бо мансабҳои хонигарии Хӯқанд равшан мушоҳида кардан мумкин аст:

**1. Амири лашкар ё мингбошӣ** –аз давраи истилои муғул мавҷуд буда (дар муғулҳо-тимчӣ ), роҳбари дастаи ҳарбии иборат аз ҳазор (минг) нафарро ифода мекунад. Ҳокими вилояте, ки ҳазор нафар сарбози савора дар мавриди зарурӣ дода метавонад, дар вақти сафарҳои ҳарбӣ лашкарро роҳбарӣ карда, унвони лашкарбошӣ (сарлашкарӣ)-ро мегирифт. Вазири ҳарбии хонигарӣ буд.

**2. Ботирбошӣ /баҳодурбошӣ -** саркардаи баҳодурон, дастаи ҳарбии иборат аз 500 нафар ва зиёд аз он. Дар вилоятҳо ботирбошӣ масъули умури ҳарбии вилоят ва саркардаи артиши вилоят буд.

**3. Қӯшбегӣ** –саркардаи қӯши ҳарбӣ, ки ба мансаби мингбошигӣ иддао мекард.

---

[1] Аваз Муҳаммад Аттор Хуканди. Таърихи ҷаҳоннамо. – Ҷ. 2. // Дастхати МДШ назди ИДШТ ба номи Абӯрайҳони Берунӣ, № 9455, 249 варақ.

[2] Семенов А. А. Бухарский трактат о чинах званиях и об объязанностях их носителей в средневуковой Бухаре // Советское востоковедение. - Т. V. - 1948. - С. 140.

**4. Волӣ (ноиб, муовин, ҷойнишин)** –ҷойнишини хон дар вилоят ва бекигарӣ. Лашкари вилоят ба ӯ итоат мекард.

**5. Қалъабон (кутвол)** –дар хонигарии Хӯқанд ҳокими қалъа ва истеҳкомҳои назди сарҳадӣ . Ба умури ҳарбӣ, маъмурӣ, хироҷ ва боҷ, муҳофизаи марз ҷавобгар буд. Ба вазифаи қалъабони мансабдорон аз додхоҳ то қӯшбегӣ таъин мешуданд. Лекин мувофиқи маълумоти муаллифони маҳаллӣ баъзан хон барои аз худ дур кардани бархе аз шахсони номақбулаш онҳоро ба қалъа ва истеҳкомҳои дурдаст ҳоким (кутвол) таъин карда мефиристод.

**6. Қӯрбошӣ (қурбошӣ)** – қӯрхона, яъне сардори корхонаи аслиҳасозӣ, тӯпрезӣ, ба хон ва мингбошӣ итоат мекард. Дар замони ҳукмронии Худоёрхон (1865-1875) қӯрбошӣ ба қӯрхона, милтиқхона, тӯпхона (корхонаи тӯпхона) роҳбарӣ карда, аз пайдо кардани ашёи хом то омода шудани маҳсулоти тайёр ва тақсими он мувофиқи амри хон ҷавобгар буд.

**7. Ёвар** –сардори дастаи посбонон ва ёрдамчии саркарда. Дастаи ӯ аз сад нафар аскар иборат буд. Ёвар дар бадали хизмати худ ба тарзи натуралӣ ё танҳо музд мегирифт. Ёварон дар ҳуҷҷатҳои девони хон чун ғаллагир (ғаллагиранда), ҷавгир ва сарупогир қайд шудаанд. Баъзан ба ёвар ягон ҷӯй ё анҳор дода мешуд ва онҳо аз ҳисоби ҳаққи миробона музди худро мегирифтанд. Дар бархе аз ҳуҷҷатҳо ёвар чун сардори дастаи тӯпчиён, ё чун сардори устохонаи силоҳсозон ёд мешавад[1].

**8. Тӯпчибошӣ** – сардори тӯпчиён.

**9. Тӯқсабо**– сардори дастаи ҳарбие, ки тӯғи (парчами) худро дорад.(Дар Бухоро амалдори дараҷаи VII).

**10. Понсадбошӣ** –сардори дастаи низомии 500 нафара.

**11. Юзбошӣ** –сардори дастаи саднафара.

**12. Панҷоҳбошӣ** - сардори дастаи панҷоҳнафара.

**13. Даҳбошӣ (ӯнбошӣ)** - сардори дастаи даҳнафара.

**14. Қаровулбегӣ** – сардори посбонон ва қаровулон.

[1]Набиев Р.Н. Из истории Кокандского ханства. - С. 173.

Ба қатори ҳарбиён аскар, сарбоз, нӯкар, сипоҳӣ, мерган, маҳрам (мулозим), ботур, ҷазоилчӣ, тӯпчӣ, занбарчӣ (ёрдамчии тӯпчӣ ва ҷазоилчӣ), қӯрчӣ, қаровул (посбон) ҳам маҳсуб мешуданд. Дар артиш боз нағорачӣ, сурнайчӣ, дафчӣ, духулчӣ, тӯғчӣ (парчамбардор) ҳам хизмат мекарданд.

Аз ин унвонҳо аз мингбошӣ то пансадбошӣ унвони олӣ буданд; аз юзбошӣ то қаровулбегӣ унвонҳои миёна, боқимонда унвонҳои дараҷаи паст маҳсуб мешуданд. Ҳарбиён аз элликбошӣ сар карда, барои худ мулозим мегирифтанд. Понсадбошиён ва аз онҳо боло боз ба хизматашон мирзо ва мунширо ҷалб мекарданд[1].

Амалдор бо ном (ва мансаб) машҳур мегашт. Масалан, чеҳраоғобошӣ ва мироббошӣ агар аз авлоди бек (бекзода) бошад аввал ба унвони тунқатор, баъд ҷибачӣ, (бекзода набошад баъди ду амал- тунқатор, баъдан то ба унвони ҷибачӣ), қаровулбегӣ, мирохур, тӯқсабо, эшикоғабошӣ, бий, парвоначӣ, додхоҳ, иноқи хурд, иноқи калон, девонбегӣ, қӯшбегӣ, аталиқ бардошта мешуд[2]. Ин маълумоти Муҳаммад Сайид Балҷувониро ахбори бойгонӣ ва арзадоштҳое,ки ба амир ирсол мегардид, тасдиқ мекунад:

“Ғуломонашон мирзобошиён, ки аз амали ҷибачӣ умед мекунанд – Абдулқаюм мирзобошӣ, Содиқ мирзобошӣ, Йӯлдош мирзобошӣ, Шоҳимардон мирзобошӣ, Раҷабалӣ мирзобошӣ, Муҳаммадбек мирзобошӣ, Расулбердӣ мирзобошӣ, Ниёзбек мирзобошӣ, Нурмон мирзобошӣ, Ислом мирзобошӣ ...[3].

Дар ахбори зер бошад, дар бораи онҳое сухан меравад, ки аз бекзодагон буда, аз тунқаторӣ якбора ба ҷибачигӣ ва ҳам аз чеҳраоғоӣ ба амали мирзобошӣ ва дигар мансаби олӣ умедворанд: «Ғуломони ҷибачӣ дар умеди амали қоровулбегианд: Неъматуллохоҷа ҷибачӣ, Абдулқодирхоҷа ҷибачӣ, Саримсоқхоҷа ҷибачӣ, Ходихоҷа мутаввали шайх, Атоуллоҳ ҷибачӣ,

---

[1]Муфассал нигаред: Воҳидов Ш., Холиқова Р. Марказий Осиё давлатлари бошқаруви тарихидан. - С. 25 ва баъдина; Сабурова С. Хева хонлигидаги давлат бошқаруви. Тарих фан. ном.дисс... – Ташкент, 2001. – С.95-102 (махсусан ба мулҳақоти он мавсум ба «Хева хонлигидаги амал ва унвонлар рӯйхати» руҷуъ шавад). Боз нигаред: Воҳидов Ш., Сабурова С. Хева хонлигида амал ва унвонлар ва уларнинг вазифалари // Узбекистонда ижтимоий фанлар. – 1998. - №10 - 11. - С. 37-42.
[2]Муҳаммад Сайид Балҷувоний. Асари номбаршуда. - С. 23.
[3]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1505, вараќи 2.

Муҳаммад Карим ҷибачӣ, Мулло Давлат ҷибачӣ, Яъкуб ҷибачӣ, Кароматиллоҳ ҷибачӣ, Иноятуллоҳхоҷа ҷибачӣ, Исматуллоҳ Домулохоҷа ҷибачӣ, Раҳматуллоҳ ҷибачӣ, Ибодуллоҳ ҷибачӣ, Иброҳим ҷибачӣ ...[1]. Ё ҷойи дигар: «Ғуломони зеринашон аз чеҳраоғоӣ ба амали мирзобошӣ умедворанд: Бобохоҷа чеҳраоғо, Ҳамидҷон чеҳраоғо, Раҳмонқул чеҳраоғо, Эшмурод чеҳраоғо, Қосим чеҳраоғо.

«Ин ғуломонатон аз қаровулбегӣ ба амали мирохурӣ умедворанд: Маҳмудхоҷа қаровулбегӣ, Эшмуҳаммад қаровулбегӣ, Нурмуҳаммад қаровулбегӣ, мулло Шариф қаровулбегӣ, Иброҳим қаровулбегӣ шогирдпеша.

«Аз ғуломони дар таркиби қӯшунатон буда, аз мирохурӣ ба амали тӯқсабогӣ умеддоштагонро маълум менамоям: Аҳмад мирохур шогирдпеша, Муҳаммад Раҳим мирохур, Раҳматуллоҳ мирохур, Мирзо Зариф мирохур, Даврон мирохур, Убайдуллоҳ мирохур, Имом Ҷумъа мирохур, Мақсудбек мирохур, Ахтамбек мирохур, Мирзо Ҷалил мирохур”.[2]

Чи тавре, ки маълумоти манбаъҳо нишон медиҳанд, ба амалҳои то тӯқсабо буда, пешниҳодро ба амир қӯшбегии поён менавишт. Дар навбати худ амалдорони ҳарбӣ дархости худро ба номи ӯ ирсол мекарданд. Ба мансаби аз эшикоғобошӣ болоро худи амир гоҳ бо машварати аҳли дарбор ва гоҳо бо хости худ таъин менамуд.

Ходим ва маҳрамоне, ки ба номи «амалдори меҳмонхона» маълум буданд, ба азлу насби ҳокимон, маъмурони вилоят, иҷрои дархости толибон ва ғ. машғул мешуданд[3]. Амалдор аз рӯи садоқат, насаб, пайванди хешовандӣ, ҳаҷми ришваи додааш ба мансаб таъин мешуд, ё дар натиҷаи дасиса ва фитнаи дарбор, тӯҳмати душманони аз худаш қавитар аз амал гирифта мешуд.

Аммо аҷиб аст, ки дар пешниҳод ва дархости ба мансаб таъинкунӣ тарҷумаи ҳол, нуфус, хизматҳои даъвогар наоварда, танҳо ном ва исми падар оварда мешуд.

---

[1]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати1, парвандаи 1505, варақи 3.
[2] Ҳамон ҷо, варақи 2
[3] Муҳаммад Сайид Балҷувонӣ. Асари номбаршуда. - С. 22.

Аҷибтар боз ин аст, ки танҳо дар мавриди таъин кардан ба амали қозии аскар ва муфтии аскар маълумот дар бораи таҳсил дар мадраса талаб карда мешуд. Ба тамоми дигар амал ва мансабҳои ҳарбӣ маълумоти мадраса ва дараҷаи саводнокӣ талаб карда намешуд[1] (ба ёд оред амир Темурро, ки куллан бесавод буд, аммо ба дараҷаи олии "ноибулҳукуматӣ" ва амир расида буд. Аксари амирони ӯ, ки сардорони дастаҳои ҳарбии қавмӣ буданд, чун ҳукмронашон бесавод буданд[2]).

Ҷараёни ба мансаб додан ва аз он гирифтан дар манбаъҳо ба таври мухталиф оварда мешавад. Чунончи:

"Арзадошти Қаробой парвоначӣ: Ҷамоаи қӯшуни қалмоқия бе юзбошӣ мондааст. Раҳмонқул мирзобошӣ ном шахс беҳтарини ҷамоаи мазкур аст. Ин амалро муносиби ӯ медоранд, гӯён умед дорам".[3]

Шикояти амалдорони зердаст аз сардорони худ:

"Арзадошти ғуломонашон Мирбобо, Аваз мирзобошӣ, Шариф чеҳраоғосӣ, Абдурасул чеҳраоғосӣ, Дунмас чеҳраоғосӣ, Худойшукур чеҳраоғосӣ, Ашӯрбек. Юзбошии ҷамоаи оғур Ниёзбек тӯқсабо аст. Калону хурди ҷамоаи мазкур аз ӯ норозианд. Ба ҷои Ниёзбек тӯқсабо юзбошӣ карда яке аз шахси солеҳтарини ҷамоа Худойшукур чеҳраоғо(ро) таъин намоед, гӯён умед мекунам"[4].

Ҳодисаи шахсан бо фармони амир аз хизмат дур карда шудан:

«Тибқи фармони ҳазрати олӣ Ҳамро қаровулбегии юзбошӣ аз амали худ маъзул шуда, асбобу анҷоми ӯ гирифта шуд[5].

Аризаи шикоятии навкарон:

«Арзадошти бандаи ризоҷӯяшон Сӯфибек тӯқсабо ба ҳазратам Ҷаноби олӣ: Йӯлдош чеҳраоғо, Абдушукур чеҳраоғо, Мирзо Мурод чеҳраоғо, Худоёр чеҳраоғо, Бӯтан чеҳраоғо, Маҳмудбек чеҳраоғо ва 2 нафари дигар аз

---

[1] Логофет Д. Н. Бухарское ханство под русским протекторатом. - Т. I. - С. 239.
[2]Нигаред: Воҳидов Ш., Азизов Т. «Муизз ал-ансоб» асаридаги мансаб ва унвонларнинг этимологияси ҳақида. Бухоро давлат университети илмий ахбороти. - 2008. - №1. - С. 8-12.; Муизз ал-ансаб (Прославляющие генеалогии) / Перевод с таджикского, введение и примечание, факсимиле французского списка Ш. Вохидов. - Алматы: Дайк-пресс, 2006. - 452 с.
[3] БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1625, варақи 8.
[4] БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1508, варақи 26
[5]Ҳамон ҷо, варақи 26.

навкарони ҷамоаи минг аризаи ризоҷӯияшонро ба номи ин ғуломашон расониданд. Дар он маълум кардаанд, ки Абдуҷаббор мирзобошӣ ном юзбошӣ хеле ҳам бепарво буда, аз ӯҳдаи ҳеҷ як амал намебарояд. Умедворем, ки Шумо ба ҷои ӯ дигар юзбошӣ мефиристед[1]...

Дар аксар ҳолат мансабдорон ва соҳибони амал ба ҷои худ фарзандони худро тавсия мекарданд. Баъзан онҳоро махсус ба ин амалҳо омода ҳам мекарданд. Албатта, сабаби асосии ин бегона накардани молу мулк ва боигарии ба ивази хизмат гирифтаи соҳиби аввали мансаб буд. Дар ҳолати рафтан аз амал молу мулки ба ивази хизмат дода шуда ба ихтиёри дигар кас дода мешуд (суюрғал)[2].

Ягон амалдор ё соҳиби мансаб бо фармони амир айбдор dониста шавад, ё ба ҷавобгарӣ кашида шавад, чунин шахс бадарға карда мешуд ё ба хизмати якумраи аскарӣ равона мегардид. Молу мулки чунин ашхос бо амри амир ё қӯшбегӣ бо роҳи “урғу” мусодира мешуд.

Дар маводи бойгонӣ аз хизмат сар кашидан ё фирор кардани даҳбошӣ, чеҳраоғасӣ, мирзобошӣ барин амалдорони ҳарбиро ҳам дидан метавон. Чи тавре ки зикр шуд, дар таъйин ва азли амалдорон ба мансаб ва унвонҳои ҳарбӣ як қоидаи муқаррарӣ набуд. Ҳиссиёти хуби амир, кайфияти хуби ӯ, иродаи атрофиёни ҳукмдор ҳам боиси таъйин шудан ба мансаб ва сабаби гирифтан аз амал ҳам мешуд.

Масалан: Ҳакимбии ҳеҷ як унвон ва мансаб надошта аз тарафи амир Насруллоҳ парвоначӣ, Давлатбӣ бошад, ба унвони иноқ лоиқ шуда буданд. Ҳокими вилояти Ҳисор Саидбӣ парвоначӣ бо амир Ҳайдар музокира карда баъди изҳори тобеияти худ ба Бухоро ба амали оталиқӣ сарафроз шуда буд[3].

Таъйин ба амал ва унвонҳо бештар дар арафа ва вақти идҳои мусалмонӣ эълон карда мешуд. Маълумотҳои бойгонӣ нишон медиҳанд, ки дараҷаи зиндагии ҳарбиён дар нисбати аскарони қаторӣ ва аҳолии оддӣ беҳтар будааст. То давраи истиқрори протекторати Россия бар аморат як манбаи даромади ҳарбиён ғаниматҳои ҳарбӣ буд, ки дар ҷараёни юришҳои ҳарбӣ ва

---

[1]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1507, варақи 8.
[2] Шукриллаев Ю.А.Бухоро амирлигида қӯшин ва ҳарбий иш (1756 – 1920 йиллар). - С. 90-120.
[3]Исмаилова Б. Асари номбаршуда. - С.52.

ҷангҳои истилогарона гирифта мешуд. Як усули заиф кардани вилоятҳои марказгурез ва аз итоати ҳукмдори марказӣ баромадан ин тороҷ ва ғорат кардани аҳолии ин ҳудудҳо ва зарба задан ба имкониятҳои моддӣ ва молии онҳо буд. Аз тарафи дигар барои иштирок дар пахши баромадҳои халқӣ ҳам ҳарбиён бо мукофоти моддӣ ҳавасманд карда мешуданд.

Бояд таъкид намуд, ки дар ҳудуди аморат номи манзил ва ҷойҳои зиёд бо номи унвон, мансаб ва амалҳои ҳарбӣ иртиботдошта мавҷуд мебошанд. Дар миёни ин топонимҳо мо мавзеъ, деҳа, гузар ва ғайраро дида метавонем. Чунин номҳо дар бекигарии Қароқӯл «Қӯрчӣ», Китоб “қӯрбошӣ”, дар бекигарии Ҳисор, Бойсун, Балҷувон «Милтиқчӣ»; мавзеи Коми Абӯ Муслим «Мирохуртеппа», ҷониби Шимоли Руд «Работи Тӯқсабо туғбегӣ», дар Сомиҷон «Работи тӯпчибошӣ», Хатирчи ва Зиёвуддин «Эшқаровулбегӣ», «Сафар мирохур», «Тӯқсабо», амлокдории Хутфар «Бӯри мирохур», амлокдории Комот (Вобкент) «Аскарбошӣ », «Хонаи оталиқ»[1] ва ҳоказо буданд.

Дар доираи унвон ва мансабҳои ҳарбӣ дар аморати Бухоро ва вазифаҳои соҳибони онҳо ба чунин натиҷа омадан мумкин аст:

- Ба сари қудрат омадани сулолаи туркзабони манғит дар аморат ҷараёни мустаҳкам кардани ҳукумати марказиро идома дод.

- Амирони сулолаи манғит забони тоҷикиро чун забони давлатӣ ва забони илму адаб хеле дастгирӣ мекарданд. Ҳатто амир Абдулаҳад бо тахаллусҳои “Оҷиз” ва “Масъуд” шеър менавишт.

- Амирони сулола аз давраи амир Шоҳмуродхон барои мустаҳкам кардани ҳокимияти муттамарказ ҳаракат мекарданд.

- Унвон ва мансабҳои ҳарбӣ ва вазифаҳои он, фаъолияти соҳибони онҳо аз охири асри XIX каму беш тартиби замонавиро гирифт. Ин ҳолро дар қабули низоми ҳарбӣ ва оинномаҳои империяи Россия, ҷорӣ кардани машқҳои ҳарбӣ, саф кашидан, додани амру фармонҳо, ташкили казармаҳо, ҷорӣ кардани сару либоси ҳарбӣ ва ғ. мушоҳида кардан мумкин аст.

[1] Насиленные пункты Бухарского эмирата конца XIX начало XX в. - Ташкент, 2001. - С. 271.

- Дар таъйин ва азли шахсон аз унвон ва амалҳо анъанаҳои қадима боқӣ монда, номзадон ба амал ва мансаб на аз рӯи истеъдод, дониш ва малакаю маҳорат, балки мувофиқи садоқати шахсӣ ба ҳукмдор, аз рӯи аслу насаб, маҳалгароӣ, аз рӯи баромади қавмӣ ва қабилавӣ таъин мешуданд. Ҳатто, то соли 1920 дар пойтахти аморат ягон муассисаи ҳарбӣ набуд. Ба ин нигоҳ накарда Д. Логофет мирохурро ба капитан, тӯқсаборо ба подполковник, додхоҳро ба генерал-майор, инокро ба генерал-лейтенант, баробар мекунад, ки хеле тааҷҷубовар аст[1].

Замоне, ки сулолаи манғитиён сари қудрат омада буд, дар Россия (нимаи дуввуми асри XVIII) танҳо дар соҳаи артиллерия дар Михайловск ва Петербург омӯзишгоҳи артиллерии ба номи Константиновский, дар Москва мактаби техникии артиллерия, академияи артиллерии Михайловск, мактаби олии офицерони артиллерия фаъолият доштанд.

- Аксарият амалдорони ҳарбии Бухоро ба ном низомӣ буда, дар як вақт онҳо соҳиби мулк, ҳам чорводор, ҳам боғбон, ҳам ҳунарманд ва ҳам соҳиби дигар ҳунарҳо буданд. Амалдорони ҳарбӣ аз меҳнати сарбозон ва аскарон ба таври васеъ истифода мебурданд, ки дар ин бора дар манбаъ ва маводҳои бойгонӣ хабар дода мешавад;

- Интиқоли амал ва мансаб аз насл ба насл гузашта, ба хизмати ҳарбӣ ва салоҳияти низомиён таъсири манфӣ мерасонид.

- Синну соли амалдори ҳарбӣ ва муддати хизмати аскарӣ аниқ набуд. Мувофиқи маводҳои бойгонӣ баъди вафоти амалдор ба ҷои ӯ номзади нав ба мансаб таъйин мешуд.

- Дар арафаи вожгун сохтани режими амирӣ ҳам, тартиб ва қоидаҳои азлу таъйини амалдорон ба вазифа ва мансабҳои ҳарбӣ батартиб оварда нашуд.

Умуман, шукӯҳ ва дабдабаи амалдорони ҳарбии аморат хеле баланд бошад ҳам, муттаасифона донишҳои сиёсӣ, малака ва маҳорати ҳарбӣ, салоҳияти илмӣ ва таҷрибаи онҳо аз талаби замона хеле ақиб монда буд.

---

[1] Логофет Д.Н. Бухарская армия // Разведчик. - 1906. - № 831. - С. 705.

## 3.2. Қоидаҳои низоми ҳарбӣ ва таъминоти моддии лашкари аморат дар замони тобеияти вассалӣ

Омӯзиши таърихи лашкар, умури аскария ва таъминоти ҳарбӣ дар аморати Бухоро дар замони хукмронии манғитиён яке аз масъалаҳои умдатарини таърихи халқи тоҷик мебошад. Зеро мавзӯи мавриди баҳс ба таври зарурӣ аз тарафи олимон ҷиддан таҳқиқ нашудааст.

Аз ин рӯ, лозим донистем, ки дар фасли мазкур ҳаёти моддӣ ва маишии ҳарбиёни аморати Бухороро дар охири асри XIX ва аввали асри XX мавриди баррасӣ қарор диҳем. Дар ин пажӯҳиш маълумотҳои навин аз бойгонии қӯшбегии амири Бухоро ба доираи бозҷуст ҷалб мешавад.

Маълум аст, ки дар чоряки аввали асри XIX дар аморати Бухоро сипоҳи мунтазам ҳоло мавҷуд набуда, ҳини ҳаракатҳои ҳарбӣ ва лашкаркашиҳо аз ҳисоби мардум лашкар ҷамъ мекарданд. Ин дастаҳо аксаран аз қабоили кӯчманчӣ ва шаҳриён тартиб дода мешуд

Сарбозон дар хизмат буда рӯзона ба хизмати аскарӣ омада шабона ба хонаҳои худ мерафтанд. Ҳолати сарбозхона (казармаҳо)-и онҳо хеле бад буд. Тибқи ахбори Н. Стремоухов сарбозони ҳарбии Бухоро дар казармаҳои хеле хароб ҷойгир шуда буданд. Сарбозоне, ки дар намоиши ҳарбӣ иштирок меварзиданд, аз дастаи ҳарбӣ дида ба дастаи масхарабозон монанд буданд.

Онҳо субҳ бо дили нохоҳам аз хонаҳояшон харсавор баромада ба майдони машқгоҳ меомаданд ва дар давоми роҳ аксари тамошобинон онҳоро бо ханда ва тамасхур пешвоз мегирифтанд. Ин ба сурати як мазҳака буд[1].

Дар давраи тобеияти аморати Бухоро ба Россияи подшоҳӣ кӯшишҳои ба ном ба таври "аврупоӣ " ташкил намудани лашкар ба вуҷуд омада бошад ҳам, он зоҳиран ба лашкари низомӣ монад буду бас. Казармаҳои ба таври нав ташкил шуда ҳам, расман ба "аврупоӣ " монанд буд.

Чи тавре ки қаблан зикраш рафт, дастаи нави низомии Бухоро "Терский" дар казармаҳои Кармина ва дар гузари Чорбоғи шаҳри Бухоро[1],

---

[1] Стремоухов Н. Поездка в Бухару // Русский вестник. - Т. VI. - 1875. - С. 650.

казакҳои савора дар Ҳавзи Мирдӯстум, Мазори Чашмаи Аюб ва гузари Кофирobод, гурӯҳи Шефский дар Ситораи Моҳи Хоса[2] ҷойгир шуда буданд.

Аҳвол ва вазъияти лашкари Бухоро ва ҳолати казармаҳои он дар маълумотҳои тариқи арзадошт сабтшудаи бойгонӣ ҳам инъикос ёфтааст, ки хулосаи бархе аз олимонро тасдиқ мекунад. Чунончи:

“Арзадошти Холмуродбӣ иноқи калон, тӯпчибошӣ, соли 1889, ноябр. Казармаҳои аскарон дар ҳолати хароб аст, онҳоро таъмир кардан лозим. Тахминан дар давоми ду моҳи дигар он вайрон мешавад. Аз Ҷаноби олӣ умед мекунам, то иҷозат диҳанд бо 300 нафар аскар дар казармаи таҳти Чорбоғ омада ҷойгир шавам”[3].

Ё ин ки:

“Арзадошти Нуралӣ юзбошӣ ба тӯпчибошӣ. Соли 1896. Бо арзи бандагӣ маълум мекунам, ки хаймаи сарбозон даридааст. Аз боришот нам шудааст. 16 нафар сарбоз аз беморӣ дар машқҳо ширкат намеварзанд. Барои таъмир ва харидани кулӯча, шалвор 300 танга мехоҳем”[4].

Дар аморати Бухоро дар ин давра гарчанд артиши мунтазам ба тарзи “аврупоӣ ” ташкил шуда бошад ҳам, ҷазоҳои вазнини ҷисмонӣ барои ҷурми камтар ҳам ҷорӣ буд. Ба таъбири имрӯза “дедовщина” ба авҷ расида, маъмурони ҳарбӣ сарбозонро ба гуноҳи андаке ба калтак ва дарра задан маҳкум мекарданд. Агар сарбозон ва ҳарбиён аз ҷазо додан худдорӣ ё саҳлангорӣ кунанд, худи онҳо ба ҷазо кашида мешуданд. Соли 1869 як тӯпчиро барои муносибати хубаш бо сарбозони нави ба хизмат сафарбаршуда ба дарра задан маҳкум карда буданд[5].

Баъзан ҷазои ҷисмонӣ оқибат бо марг ҳам ба итмом мерасид. Чунончи дар асноди бойгонӣ мехонем:

---

[1]Бойгонии Осорхонаи давлатии таърихи маданияти Ӯзбекистон дар Самарқанд (собиқ). парвандаи 814 –, варақи 9.
[2]Фитрат А. Давраи ҳукмронии Амир Олимхон. - Душанбе, 1991. - С. 37.
[3]БМД ҶӮз, Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи - 1610, вараки 1. Барои дастрасии маводи бойгонӣ аз Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд: БМД ҶӮз.) аз доктори улуми таърих, профессор Ш. Воҳидов сипосгузорам - С. Б.
[4]БМД ҶӮз, Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1610, вараки 4.
[5] Лыко М. Очерк военных действий 1868 года в Зерявшанской долине // Военный сборник. – 1871. - № 5-8. - С. 38.

“Муҳаммад ятим, Шаҳрибону ятим, Қамарой, Заҳро, Хадичаой ва Абдуҷаббор – сарбози эронӣ ба қабули ҳазрати олӣ умед баста. Маълумашон менамоям, ки Абдувоҳид падари ман 25 сол инҷониб сарбози ҷонсупори ҷанобашон буд. Дар вилояти Дарвоз дар қӯши Абдулвоҳид Мирдодхоҳ хизмат мекард. Мирдодхоҳ падари моро ноҳақ 700 дарра зада ҳалок намудааст. Падарамон дар мусофирӣ аз олам гузашт. Ба доду фарёди мо бечорагон ғайр аз Ҷаноби олӣ касе намерасад”[1].

Чунин ҳодиса ва воқеаҳоро дар осори дигар муаллифон ва гувоҳони он давр дидан мумкин аст[2].

Гарчанд лашкари Бухоро шакли урупоӣ дошт, машқ ва ҳаракатҳои он ба давраҳои асри миёна монанд буд. Машқи дастаҳои ҳарбӣ ба ҳамдигар монанд буданд. Сарбозони шанбегӣ рӯзҳои шанбе, якшанбе ва душанбе; сарбозони сешанбегӣ рӯзҳои сешанбе, чоршанбе, панҷшанбе; Дастаҳои Терский, Шефский ва казакҳои савора чаҳор рӯзи ҳафта дар машқгоҳ машқ мекарданд. Дастаи сарҳадбонон – элнавкарон бо аслиҳаи маҳаллӣ мусаллаҳ буда, дар бораи машқи онҳо маълумоте дар даст нест.

Машқ ва тамринҳои ҳарбии лашкари Бухоро тибқи маълумоти манбаъҳо дар ҳақиқат хеле хандаовар ва дар айни замон ҳузновар буд. То замони ҳукуматдории амир Абдулаҳад хизмати аскарӣ якумра буд. Дар сафи артиш баъзан мӯйсафедони 90-соларо ҳам дидан мумкин буд. Баъдан, хизмат то синни 60 солагӣ ҷорӣ шуда бошад ҳам, моҳиятан чизе дигаргун нашуда буд.

Афсарони бесаводи аз тактика ва стратегияи ҳарбӣ бехабар, маъмурони тавассути пайванди хешовандӣ ва ришва соҳиби унвон ва амалҳои ҳарбигашта, машқҳои ҳарбиро ҳам ба таври худ ва дар доираи фаҳмиши хеш мегузарониданд.

Полковник Матвеев аз машқҳои лашкари Бухоро дидан карда: “тайёрии ҳарбии қӯшуни Бухоро ғайриқаноатбахш аст, машқҳо хеле кам гузаронида мешавад. Кори онҳо аз иштирок бо туфанг дар маросимҳо иборат асту бас” -

---

[1]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1641, варақи 1.
[2] Айнӣ С. Дохунда. - С.78; Фитрат А. Давраи ҳукмронии Амир Олимхон. - С.72; Логофет Д. Н. Страна бесправия. - СПб., 1909. - С. 112.

гӯён хулоса кардааст.[1] “Қудрати ҷангии лашкари пиёдаи Бухоро чун қисмҳои дигари ҳарбиаш хеле заиф аст”, - менависад В. Масальский[2]. Г. Арандаренко бошад, «дастаи тӯпчиёни Бухоро дар давоми 12 соли охир (солҳои 1869 – 1880 – Б.С.) ягон маротиба аз тӯп ҳатто бо тири холӣ ҳам напарронидаанд»[3]-гӯён ёдовар мешавад. Фақат дар давраи ҳукронии Олимхон (1910-1920), аниқтараш дар давраи пеш аз Ҷанги якуми ҷаҳонӣ тӯпчиёни Бухоро рӯзҳои шанбе ба машқи “пахтапарронӣ ” мебаромаданд. Ин машқ ҳам бештар шакли тамошо ва расмиятбозиро мемонд.

Баъд аз соли 1866 дар аморат баъзе қоидаҳои низоми аскарии рус ҷорӣ мешавад[4]. Аз ҳама бештар ин дар ҷорӣ шудани фармондиҳӣ ба забони русӣ ба чашм мерасад. Фармонҳо дар мавриди муносибат бо туфанг, қадамзанӣ, машқи амалиёти ҳарбӣ, дар мавриди муносибат бо олирутбагон ва ғ. истифода мешуд.

Мувофиқи маълумотҳои Г. Арандаренко аскарони Бухоро бо шунидани фармони «Становись» (дар талаффузи бухороиён “ситанавис”) ҷойҳои худро интихоб мекарданд. Ҳини фармони «Глаза направо» (гилаза напираво) ё “глаза налево” сарбоз ба рост ё чап мувофиқи амр нигоҳ карда сарашро ҳам мегардонид ва ғ.[5].

«Смирно», «На плечо» (лаплечо – ба ибораи Айнӣ ), «раз – два», «унтер – офицеры, шашки вон, два шага вперед», «на караул», «унтер офицеры, шашки в ножны», «унтер офицеры – приступи», «направо», «налево», «пол поворот направо», «кругом», «тихим шагом», «шагом марш», «левый», «правый», «на месте», «бегом марш», «ложись», «ложись – марш», «справа по одному», «справа по два», «под линию марш», «по взводно», «по полу взводно», «вынимай патрон», «откусин патрон», «патрон в дуло», «вынимай шумпул», «шумпул вложь», «отруть ружье», «позаводи курок», «вынимай капсуль», «шеренга туфсь», «шеренга клась», «пли», «отстафь», «бою –

---

[1]Матвеев. Поездка по Бухарским и Афганским владениям в 1877 г. - СПб., 1883. - С. 40.
[2]Масальский В. Бухара // Энциклопедический словарь. - T.V. - СПб., 1891. - С. 106.
[3]Арандаренко Г. Бухарские войска в 1880 г. // Военный сборник, 1881. - С. 350.
[4]Баъд соли 1866 Устави ҳарбии армияи Россия дар Бухоро ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, чанд нусхаи он дар хазинаи дастнависҳои ИШ АУ Ӯз маҳфуз мебошад.
[5]Арандаренко Г. Асари зикршуда. - С. 362.

товсь», «отбей – право – лево – прямо коли», «кругом прямо коли», «батальон строй ротное каре», «головной разверти справо»- по одному начинай», «головной первый номер, правый, левый, плечо, строй ручки», «второй номер правый, левый, плечо во фронт марш», «раздавайся», «ружья вольно», «на руку», «на перевес», «строй фронт»[1], "вольно", "разойдись"[2],"на месте" (на меисти)[3] ва дигар амру дархостҳо дода мешуд. Ҳамчунин, барои таҳсин ва рағбат «молодцы», «хорошо ребята» ва дигар аҳсантҳо дар истифодаи маъмурони ҳарбии лашкари Бухоро дида мешавад.

Дар бораи вазъи лашкар ва ҳолати ҳарбии сарбозони Бухоро аз бойгониҳо, ахбороти А.Фитрат, С. Айнӣ ва дигар муаллифон маълумот пайдо кардан мумкин аст.

Таъкид намудан лозим аст, ки машқҳои ба ном ҳарбӣ фақат дар рӯзҳои обу ҳавояш мусоид гузаронида мешуд. Рӯзҳои сард ва боронӣ, ҳамчунин дар зимистон машқҳо гузаронида намешуд. Чунончи, дар маводи зерин мехонем:

"Дар мавсими зимистон сарбозони ғуломашонро дар майдон машқ дода нашуд. Ҳозир баҳор шудааст. Замин хушк. Мувофиқи таомули амирам аз сарбозхона баромада бо сарбозон машқ дорам. Санаи 1913"[4] навиштааст тӯпчибошии Бухоро.

Сарбозони саворaи дастаи Кавказ дар синни 15-18 солагӣ ба хизмат оғоз карда, баъди 18 солагӣ дар дастаҳои пиёдагард хизмат мекарданд. Онҳо бе иҷозати махсус аз сарбозхона берун рафта наметавонистанд. Ин талабро сарбозони дастаҳои Терски ва Шефский ҳам бояд риоя мекарданд[5].

Ҳар субҳ саворагони дастаи Кавказ (бе асп) ба майдони Регистон омада зери садои мусиқӣ ба машқ оғоз мекарданд, ки ин ҳолатро Садриддин Айнӣ ба "артистони сирк" монанд карда буд[6]. Аз паси онҳо гурӯҳи сарбозон ба майдон меомаданд.

---

[1]Арандаренко Г. Асари зикршуда. - С. 361-364.
[2] Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). - Душанбе: СИЭМТ, 2009. . - С. 205 -206.
[3]Ҳамон ҷо. - С. 245.
[4]БМД ҶӮз. Фонд И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1647, вараqи 5.
[5] Арандаренко Г. Асари зикршуда. - С. 361-364.
[6]Айнӣ С. Асари зикршуда - С. 205-206.

Барои сарбозони шанбегӣ дар дохили шаҳр охири асри XIX казармаҳо бино шуда буд. Дар вақтҳои берун аз хизмат онҳо ба корҳои хоҷагии худ машғул буданд. Сарбозони сешанбегӣ бошад, сарбозхона надоштанд ва аз хонаҳои худ ё туманҳо ба хизмат ҳозир шуда, дар саройҳо иҷора менишастанд ва ба омодагӣ ва ҳолати туфангу аслиҳаҳояшон худашон масъул буданд. Сарбозони сешанбегӣ дар мавридҳои холӣ аз машқ ба "бекорӣ ", яъне ба умури бемуздӣ ба ном "подшоҳӣ " ё хизмати саркору юзбошиён ҷалб карда мешуданд. Баъди машқ ва адои хизмати "бекорӣ " ба саранҷоми маишии худ ва корҳои хоҷагӣ машғул шуда, аз сабаби соҳиби касбу кор набудан бештар мардикорӣ ҳам мекарданд[1].

Чи тавре ки манбаъ иттилоот медиҳад, ин тоифаи сарбозон ҳатто дар қабристонҳо ба сифати хизматкор адои хизмат карда, музди ночизе мегирифтанд: Чунончӣ, дар маводи зер мехонем: "20 нафар ғуломонашон дар мазори Фоиз-ал-анвор ба хизмат мувazzафанд. 16 нафар дар қорихонаи мазор, 2 нафар дар парросхона (фаррошхона), 1 нафар мирзобошии мактабдор, 1 нафар фаррош. Барои 16 нафар ҳар моҳ 7 танга, барои 2 нафарашон 10 танга, барои мактабдор 7 танга, барои фаррош 5 танга маош, ҳамагӣ дар як сол 1898 танга аз хазинаи ҳазрати олӣ дода мешавад. Санаи 1898"[2].

Сарбозони мазкур шояд дар вақтҳои берун аз хизмат ба ин корҳо ҷалб шуда бошанд. Ҳуҷҷати зер қисман ин қазияро тасдиқ мекунад:

"Сарбози аморатпаноҳ юзбошӣ Сафарбек чун Акрамбӣ юзбошӣ ҳар ҳафта 2 рӯз дар бозор, назди дарвозаи қӯрғон аз сарбозхона бо тартиб омада, пеш аз зуҳури офтоб машқ карда, ҷанобашонро дуо карда меравад. Сарбозиро касб накарда, дар мавриди набуданаш яке аз сарбозонро ба ҷояш гузошта меравад, то ки аз набудани ӯ ӯнбоширо хабардор кунад, санаи 1893"[3].

Аз иттилооти боло маълум мешавад, ки касби сарбозӣ, умуман хизмати ҳарбӣ баъди истилои Россияи подшоҳӣ касби беаҳамияте будааст. Сарбозон

---

[1]Айнӣ С. Дохунда. – Душанбе, 2017. –С. 149-150.
[2]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1637, варақи 1.
[3]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1647, варақи 2.

барои рӯзгузаронӣ боз ба мардикорӣ ва умури дигар машғул будаанд. Албатта , носозии рӯзғор ва вазъи моддӣ онҳоро маҷбур мекардааст, ки боз даромади иловагие пайдо кунанд.

Иттилооти дастрас баёнгари онанд, ки маоши ҳарбиён ва сарбозони (сарбозу аскарони қаторӣ, албатта) Бухоро хеле кам будааст. Масалан, то давраи ҳукмронии Олимхон барои сарбоз 14 танга, аз соли 1912 сар карда 20 танга (се рубл) моҳона маош медодаанд. Хӯрок ва сарулибос дода намешуд. Сарулибоси низомӣ аз ҳисоби ҳамин маош ба сарбозон дода мешуд. Таъмири туфанг ва дигар аслиҳаро ҳам сарбозон аз ҳисоби худ бояд мекарданд.

Сарбози шанбегӣ фақат ҳини посбонӣ дар казарма (сарбозхона) дар қатори даҳ нафар сарбоз аз табақи шавлаи гандумин хӯрок мехӯрд.

Дастаҳои низомии кавказиён ҳамчунин, сарбозони Терски, Шефски, саворони казак аз ин қоидаҳо истисно буда, бо сарулибос ва хӯрок аз ҳисоби хазина таъмин карда мешуданд[1].

Додани маоши мунтазам барои низомиён аз давраи ҳукмронии амир Насруллоҳ оғоз шуда буд. Даставвал маош ба тарзи натуралӣ дода мешуд. Ин сарфи маош аз ҳисоби андозҳои туманҳои Занданӣ ва Киштӣ амалӣ мешуд ва барои амалдорони ҳарбӣ ҳам дар ин туманҳо замин ҷудо карда шуда буд[2].

Сарбозони оддӣ дар маҳалли зисташон ғайр аз хизмати аскарӣ (дар мавриди берун аз хизмат) ба кори деҳқонӣ ҳам машғул буданд.

Дар аморати Бухоро то соли 1856 ҳарбиён чунин моҳона доштанд: сарбози оддӣ 20 танга (4 рубли нуқра), даҳбошӣ 1,5 тилло, юзбошӣ 6 тилло (24 рубли нуқра), қаровулбекӣ 4,5 тилло (18 рубли нуқра), панҷоҳбошӣ 85 танга (17 рубли нуқра), панҷоҳбошии хурд 50 танга (10 рубли нуқра)[3].

Тӯпчибошӣ Шоҳруххон ном шахс солона 2000 тилло маош гирифта, аз замине, ки дар тумани Бӯстон доштааст, 700 тилло, аз 20 осиёб ва замини дар ин туман ба иҷора додааш боз моҳона 34 тилло мегирифтааст. Солона

[1]Айнӣ С. Дохунда. - С 149-150.
[2] Троицкая А. Л. Военное дело в Бухаре в первой половине XIX века. (По материалам Государственной Публичной Библиотеки им. Е. М. Салтыкова - Щедрина) // Труды АН Тадж. ССР. - Т. 17. - Душанбе, 1953. - С. 214.
[3]Троицкая А. Л. Военное дело в Бухаре в первой половине XIX века. - С. 214.

даромади ӯ 12000 рублро[1] ташкил кардааст. Зиёда аз ин, аз хазинаи аморат ӯ сарулибос ва барои аспҳояш хӯрока гирифтааст. Маълум мешавад, ки даромади солонаи тӯпчибошӣ ба маоши солонаи 250 сарбоз баробар будааст[2].

Дар давраи ҳаракатҳои ҳарбӣ (асосан дар давраи амир Насруллоҳ, ки лашкаркашиҳои зиёде карда буд) барои сарбозон "хизматонаи рӯзона" (рӯзпулӣ ) дода мешуд. Боз ҳар рӯзи ҷумъа оши палов, дигар рӯзҳо мошоба, барои ҳар як сарбоз як дона оби нон дода мешуд[3]. Ба оилаи сарбози ҳалокшуда баъзе имтиёзҳо ва мадади моддӣ расонида мешуд. Бар ивази ин, зимни қоидаи дар замони ҳукмронии сулолаи манғитиён расм шуда, зани бевамонда писари ба воя расидаи худро бояд умрбод ба хизмати аскарӣ диҳад.

А. Троицкая дар мавриди ҳаракатҳои ҳарбӣ маблағи ба сарбозон дода мешударо муайян кардааст. Тибқи хулосаи ӯ аз хазинаи аморат барои сарбоз ва тӯпчиёни оддӣ барои ҳар се рӯз 1 танга, барои даҳбошӣ барои ду рӯз 1 танга, панҷоҳбошии хурд рӯзона 1 танга, панҷоҳбошии калон рӯзона 1,5 танга, қаровулбегӣ 2 танга, юзбошӣ 4 танга, мусиқичиёни ҳарбӣ (яъне болои бомчиён, болобомчиён) дар се рӯз 1 танга маоши "рӯзпулӣ " дода мешудааст[4].

Барои хизматчиёни ҳарбӣ, махсусан барои сарбозони оддӣ ва миёна маош саривақт дода намешуд[5]. Дар аксари маврид маошро баъд аз муҳорибаҳо медоданд. Дар ин маврид маоши сарбозони ҳалокшуда насиби даҳбошиён, панҷоҳбошӣ ё юзбошӣ мешуд. Дар мавриди юришҳои ҳарбӣ молу мулки мардуми оддӣ ҳам ба талош мерафт. Барои ғаниматҳои ҳарбӣ аз ҳисоби моли мардум миёни сарбозон ва афсарон задухӯрдҳои сангин ба вуҷуд меомад.

Масалан, дар мавриди забт ва истилои хонигарии Хӯқанд дар моҳи майи соли 1842 сарбозон қасри Муҳаммадалихонро ғорат карда, тамоми боигарии

---

[1] 1 тилло дар ин вақт ба 4 рубли Россия баробар буд – С. Б.
[2]Бойгонии Осорхонаи давлатии таърихи маданияти Ӯзбекистон дар ш. Самарқанд, парвандаи № 814, вараҚи 7.
[3]Ҳамон ҷо.
[4]Троицкая А. А. Асари зикршуда. - С. 215.
[5]Лыко М. Асари зикршуда. - С. 39.

онро ба яғмо бурданд. Амири аз пас расида омада дар талаби ғанимат бисёр сарбозонро аз теғ гузаронид. Абдусамади эронии тӯпчибошӣ бошад, (тӯпчибошии аморат дар солҳои 1837 – 1845) сарбозони писари амир – Музаффарро зада, ба ғазаби амир Насруллоҳ дучор шуда буд[1].

Сарбозон болопӯш (куртка)-ҳои якгиребонаи сурх, бо гиребони сиёҳ (калтачаи сафеди гиребони сурхрангдошта низ буданд), шалвори сафед (ё зард аз пӯсти гӯсфанд), телпакҳои пӯсти гӯсфандҳои қарокӯлӣ доштанд.

Тӯпчиён аввал кафтанҳои кабуд бо петлитсаҳои сурх ва аз соли 1880 бошад, курткаҳои сиёҳ мепӯшиданд.

Либоси дастаи ҷилав аз кафтанҳои дарози сурх ва телпакҳои пӯсти суғур иборат буд. Дастаи эрониён кафтанҳои сабз пӯшида, миёнбанди чармин ва шоф доштанд. Мусиқачиён низ чакманҳои сабз дар бар доштанд.

Г.А Арандаренко сару либоси таркиби фармондеҳонро дигаргунатар нишон медиҳад. Тибқи ахбори ӯ "сарбози қатории нав ба хизмат ҷалбшуда дониши ҳарбиро мустақилона дар давоми се моҳ гирифта, бо сару либоси хонагии худ мегашт; даҳбошӣ, ки аз миёни сарбозони қаторӣ таъин мешуд, бо курткаи сурхи дар ақиб, китф ва сари синааш хатҳои бо риштаи сафед дӯхта мепӯшид; фармондеҳони дастаи пешсаф-аламдорон кафтанҳои дарози сафед пӯшида, танҳо шоф доранд. Вақти қадамзанӣ бо шоф онҳо ҳар хел ҳаракатҳо нишон дода, дар як саф пеш-пеши дастаи худ равон мешуданд. Ясавулон пеш-пеши даста дар халъатҳои оддии худ, бо чӯбдасти дароз ва борики худ роҳ мегаштанд. Карнайчӣ бо камзӯли кабуди худ дар китф эполетҳои обер-офитсери русро дорад; мусиқачиён бошанд, дар қаноти чапи баталён ҷой гирифта аз матои кабуд кафтан доранд, телпакҳои гӯшаҳояш пасти аз пӯсти гӯсфанд бударо дар сар карда буданд. Командирони даста дар мавриди назорати даста дар саф, дар мавриди қабулҳо дар пеши даста ҷавлон зада, дар бар кафтанҳои якгиребонаи хокистарӣ, сиёҳ, ҷигарӣ, бо эполетҳои штабс-офитсерии рус, бештар бо эполетҳои докторӣ, бо телпакҳои ҳошиябаланди аз пӯсти гусфанд дӯхташуда, дар шалворҳои чармии аз болои

---

[1] Троицкая А.А. Асари зикршуда. - С. 217.

пойафзол фаровардашуда ва бо телпакҳои аз тарафи худи амир ҳадя шуда меистоданд.

Командирони баталён ҳангоми машқ бояд дар либоси бахмалии ранги равшан доштаи остин ва сари синааш зардӯзӣ, бе эполетҳо, бо шалвори моҳутии фаровардашуда, бо телпаки бараш паст ва шофи дар камарбанд овезон; ва ниҳоят худи тӯпчибошӣ, фармондеҳи тамоми пиёда ва артиллерия бо камзӯли зарбофти аз ду тарафи сина шаштои тугмадошта, ду қатор ситораҳои генаралӣ бо эполетҳои генералии сохти Бухоро, ки ҳар сол бо сару либоси зардӯзӣ ва камари тиллоӣ аз тарафи худ амир ҳадя мегардад, меистод.

Тамоми ин намуди сару либос, аз сарбозон сар карда то худи фармондеҳи олӣ баъди муҳорибаи Эрҷар (1868) ҷорӣ шуда, соли 1880 ба нишонаҳои командирони рота (даста) боз ду ситораи нуқрагини генералӣ, на ҳамчун рамзи хизматӣ, балки кадом як чизи номафҳум аз тарафи амир ҷорӣ карда шуд»[1].

Баъд аз истилои рус маоши ҳарбиён дар Бухороончунон баланд набудааст. Мувофиқи иттилооти Г. Арандаренко соли 1880 дастаи мусиқичиён (болобомчиён) моҳе 20 танга, дар вақти юриши ҳарбӣ рӯзе 1 танга, солона барои либоси ҳарбӣ 7 рубл мегирифтанд[2]. Дар давраи тобеият ба Россия лашкари Бухоро бештар зидди баромадҳои халқӣ мубориза мебурд. Чунин баромадҳо солҳои 1870 – 1874 дар Балҷувон, соли 1871 дар Ғузор ва Қаршӣ, соли 1885 дар Кӯлоб, солҳои 1885 – 1886 дар Шеробод, соли 1886 дар Ҳисор ва Деҳнав, соли 1898 дар Нурота ва дигар ҳудудҳо шуда буд. Дар ин ҳолатҳо ба ҳарбиён маоши “рӯзпулӣ ” дода мешуд.

Дар мавриди пахш кардани баромадҳои халқӣ барои сарбоз, мусиқичӣ, тӯпчӣ чун мукофот 20 танга (4 рубл), ба ҳарбиёни миёна 8-20 рубл, чеҳраоғосӣ 60 рубл, қаровулбегӣ 80 рубл, тӯқсабо 100 рубл, удайчӣ 40 рубл дода мешуд[3]. Сарбозе, ки аз сабаби нарасидани маркаб бо асп ё шутури худ

[1] Арандаренко Г.А. Бухарские войска // Досуги в Туркестане. 1874-1889. - С. 548, 569, 555-556
[2]Арандаренко Г. Бухарские войска в 1880 г. - С. 356.
[3]Ҳамон ҷо. - С 357.

ба хизмат ҳозир мешуд, барои ҳар 8 фарсах роҳи паймудааш 20 тин мегирифт[1].

Чунончи, дар маводи зер сабт шудааст: "Барои қӯшуни дар вилояти Каркӣ будаи Абдулкарим юзбошӣ моҳона ва маоши рӯзона аз қаровулбегӣ дода фиристодем. 35 танга барои ғуломони Ҷаноби олӣ дода, дуои онҳоро бигиред. Моҳи шаъбони соли 1310/ январ-феврали 1893"[2].

Бо чунин мӯҳтаво маводи бойгонӣ дар нисбати хизматчиёни ҳарбии дар Қаршӣ, Бойсун, Шеробод буда, ҳам мавҷуд аст.

Мувофиқи иттилооти дастрас дар ҳар кадом 27 бекигарии аморат дастаҳои низомии "элнавкарон" мавҷуд буда, шумораи сарбозони ҳар як даста ба 150 нафар мерасид. Дар замони амир Насруллоҳ барои сарбози оддӣ ва барои ҳар кадом 21 нафари соҳибунвон 60-100 тангагӣ маош ва замини "танҳо", ҳамчунин осиёбҳо ва ҷӯйҳои обёрӣ чун маош дода мешуд[3].

Дар давраи ҳукуматдории амир Олимхон дастаҳои нави низомии араббачагон, шербачагон ва дастаи афғонҳо ташкил шуда, онҳо ҳам моҳе 35 танга, дар арафаи иди Қурбон ва иди Фитр 20 тангагӣ "худоипулӣ" мегирифтанд. Ба онҳо хӯрок, аслиҳа, сару либос ва хароҷоти сарбозхона дода мешуд[4].

Солҳои 1918 – 1920 маоши рӯзона барои ҳарбиён дар остонаи хавфи ҳуҷуми ҳукумати шӯравии Туркистон ба аморат аз тарафи амир Олимхон аз сари нав ҷорӣ мегардад[5].

Чи тавре ки дар боло зикр шуд ҳини додани маош ва ҳаққи хизмат ба хатогиҳо ва фиреб роҳ медоданд. Масалан, барои сарбозони ҳалокшуда, фавтида ё фироркарда ҳам (то хабардор шудан аз онҳо) аз хазина маош дода мешуд. Ҳамчунин, сарбозони нав ба хизмат ҷалб шуда муддати мадид бе

---

[1] Руҷуъ шавад: Троицкая А. Военное дело в Бухаре в первой половине XIX века (По материалам Государственной Публичной Библиотеки им. Е. М. Салтыкова - Щедрина) // Труды АН Тадж. ССР. - Т. 17. - Душанбе, 1953. - С. 212-217.

[2]БМД ҶӮз. Фонд И-126, рӯйхат - 1, парвандаи - 1571, варақ - 57.

[3]Осорхонаи давлатии таърихи маданияти Ӯзбекистон дар ш. Самарқанд. парвандаи № 814, вараqи 14.

[4]Ҳамон ҷо, вараqи 8 .

[5]Ҳамон ҷо. варақ 19.

маош мемонданд. Дар мавриди аз назар гузаронидан ё тафтиш амалҳои зиддиқонунӣ фош мегардид. Маводи бойгонӣ тасдиқи ин хулосаҳоянд:

“Арзадошти Ҳайдарбӣ девонбегӣ. Сарбозони дар Кармина бударо “кӯрик” (дар матн чунин аст) кардем. Аз 760 нафар сарбоз 35 нафар кам баромад. Дар вақти тақсими сарупо боз 5 нафар сарбоз набуд. Маълум шуд, ки онҳо қазо кардаанд. Тақдири 35 сарбоз номаълум. Аз сабаби набудани 35 сарбоз 35 то кулучаи нав, 35 то шалвар, 6 тангагӣ [1] ҷамъ 236 танга боқӣ монд. Онҳоро аз Абдулқодирбекбӣ парвоначӣ гирифта, ба хазинаи олӣ боз додем, сана 1914[2] .

“Арзадошти Акрамбек додхоҳ. Моҳонаи ирсолшуда ба 25 кас нарасид. Барои мазкур 25 нафари ба қарибӣ ба қӯшӯн омада, маблағи нарасидаро фиристонед, санаи 1916”[3].

Дар ҳуҷҷате, ки соли 1882 моҳи шаъбон тартиб дода шудааст, чунин маълумотро мехонем:

“Моҳи шаъбон ба нафарони зерин маош дода, дар ҳаққи аморатпаноҳ дуояшон гирифта шуд: барои 648 нафар сарбозони қӯшуни Муҳаммад Салим 12960 танга, барои 448 нафар сарбозони қӯшуни Мирохур тӯқсабо 8960 танга, барои 612 нафар сарбозони қӯшуни Абдулкарим тӯқсабо 12240 танга, барои 68 нафар сарбозони қӯшуни Бӯрибек мирохур 12160 танга, барои 395 нафар навкарони Хоҷӣ Аҳмад тӯқсабо моҳона 7900 танга, барои 300 нафар қӯшуни дар Нурота будаи Абдулкарим тӯқсабо– 6000 танга, барои 330 нафар тӯпчиёни рикоби олӣ моҳона- 6660 танга, барои 628 нафари Давлат тӯқсабо - 12560 танга, барои 356 нафар сарбозони Раҳим тӯқсабо -7120 танга, барои 418 нафар сарбозони қӯшуни Мулло Муҳаммади тӯқсабо -8360 танга, барои 140 нафари Аҳмад тӯпчӣ -2800 танга, барои 107 нафар тӯпчиёни қӯрғон – 2740 танга, моҳонаи 75 нафар сарбоз -1500 танга. Ҷамъ – 1 лаку 1960 танга дода шуд”[4].

---

[1]Агар сару либоси аскариро ҳам ҷамъ кунем маош моҳона 20 танга мешавад.
[2]БМД ҶӮз, Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1506, варақи 6.
[3]Ҳамон ҷо, Варақи 8.
[4]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1566, варақи 14.

Инчунин, маводи бойгонӣ маълумот медиҳад, ки сарфу хароҷоти базму зиёфатҳо, тантанаи муборакбодӣ барои гирифтани амал, унвон ва мансабҳои ҳарбӣ асосан аз ҳисоби худи сарбозон мешудааст. Рӯйхати ин харҷ ба ҳукумат расонида шавад ҳам, одатан дар ивази он чизе пурсида намешуд:

“Арзадошти Панҷоҳбек чеҳраоғо: – Муҳаммад Ёқуб мирохур бо марҳамати ҷанобашон ба ин ғуломон саркарда шуданд. Барои муборакбодӣ мирохур, тӯқсабо ва саркардаҳо омада ширинӣ ва нон хӯрда рафтанд. Ба онҳо: каллақанд, барои эшикоғабошӣ қанди қоғазкабуд ва навот, ба тӯқсабоён ва мирохурон ҳам қанди қоғазкабуд дода шуд. Барояшон яктогӣ ҷомаи шоҳӣ, салла ва кулоҳ аз давлати Шумо дода, дар ҳаққи ҷанобашон дуо гирифта шуд, санаи 1914[1].

Дар вилоятҳои дури аморат дар вақти ошӯбҳои халқӣ маоши сарбозон бо иловаи “рӯзпулӣ ” ба 35 – 45 танга мерасид.

- Маоши моҳона ва рӯзонаи қӯшуни дар вилояти Каркӣ будаи Абдулкарим юзбоширо бо қаровулбегӣ дода фиристодем. 35 тангагӣ ба ғуломонашон дода дуо бигиред. Моҳи шаъбони санаи 1310/ январ-феврал 1893[2].

Бо чунин мазмун ҳуҷҷатҳо нисбати хизматчиёни ҳарбии дар Қаршӣ, Бойсун, Шеробод ҷойгир шуда ҳам, дар бойгонӣ дучор меоянд.

Дар бойгонии қӯшбегии амири Бухоро барои харҷи як ҳафтаинаи 200 нафар сарбозони дастаи ҳарбии Терский рӯйхати хӯроквориҳо оварда мешавад. Ин маълумотҳоро дар зер меоварем: Сарфу харҷи 7 рӯза аз рӯзи шанбе то рӯзи ҷумъа:

**Шанбе**: нон – 46 танга, 3,5 ман мош – 13 танга, 7 чоряқ (чоряк[3]) орд – 8 танга, 7 чоряк биринҷ – 10,5 танга, 7 чоряк гӯшт – 11 танга, ҳезум – 4,5 танга, ҷамъ: 93 танга.

**Якшанбе:** нон – 46 танга, 3,5 ман мош – 13 танга, 7 чоряк орд – 8 танга, 7 чоряк биринҷ – 10,5 танга, 7 чоряк гӯшт – 12 танга, шалғам – 4,5 танга, ҷамъ: 94 танга.

---

[1]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1566, вараҚи 4.
[2]Ҳамон ҷо, парвандаи 1571, вараҚи 57.
[3]Як чоряк чор нима ё ба 5 фунт баробар буд.

**Душанбе:** нон – 46 танга, 3,5 ман мош – 13 танга, 7 чоряк орд – 8,5 танга, 7 чоряк биринҷ – 10,5 танга, 7 чоряк гӯшт – 13 танга, ҳезум – 4,5 танга, ҷамъ: 94 танга

**Сешанбе**: нон – 46 танга, 3,5 ман мош – 13 танга, 7 чоряк орд – 8,5 танга, 7 чоряк биринҷ – 10,5 танга, 7 чоряк гӯшт – 13,5 танга, ҳезум – 4,5 танга, ҷамъ: 96 танга

**Чоршанбе**: нон – 46 танга, 3,5 ман мош – 13 танга, 7 чоряк орд – 8,5 танга, 7 чоряк биринҷ – 10,5 танга, 7 чоряк гӯшт – 13,5 танга, ҳезум – 4 танга, ҷамъ: 95,5 танга

**Панҷшанбе**: нон – 46 танга, 3,5 ман мош – 13 танга, 7 чоряк орд – 8,5 танга, 7 чоряк биринҷ – 10,5 танга, 7 чоряк гӯшт – 13,5 танга, ҳезум – 4 танга, ҷамъ: 95,5 танга

**Ҷумъа**: биринҷ – 60 танга, 17,5 чоряк гӯшт – 36,6 танга, 5,5 чоряк равған – 47 танга, нон – 46 танга, зира 8,5 танга, ҳезум – 4 танга, ҷамъ: 202 танга. Ҳамагӣ дар як ҳафта 771 танга[1].

Мувофиқи ахбори боло маълум мешавад, ки дар аввали асри XX дар Бухоро таъминоти ҳарбии сарбозон ба як тартиб даромада будааст. Хӯроки сарбозон аз ҳисоби мева ва сабзавоту шириниҳое, ки аз ду тумани дар боло зикршуда, ба ивази андозҳо гирифта мешуд, таъмин мегашт. Номгӯи ин меваҷоту сабзавот дар ин рӯйхат набошад ҳам, онҳо ба сарбозони пойтахт расонида мешудааст. Дар ин бора иттилооти дигари бойгонии қӯшбегии амири Бухоро далолат мекунад[2].

Ҳуҷҷатҳои хеле зиёд перомуни сарфу хароҷоти қисмҳои ҳарбии аморати Бухоро дар солҳои 1282 – 1337 ҳиҷрӣ (мил. 1865 – 1918) дар бойгонии марказии ҶӮз маҳфуз аст. Ин маълумотҳо доир ба таъминоти моддии лашкари аморат хеле равшан ва комил аст.

Маълумоти ин маҷмӯа нишон дод, ки солҳои 1865 – 1880 пардохти маоши ҳарбиён ба таъхир афтодааст (ин ҳолат солҳои 1905 – 1907, 1914 – 1917

---

[1]БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1566, варақи 14. 1611, варақи 2. Боз нигаред: Шукриллаев Ю. Асари номбаршуда. - С. 162-163.

[2]Руҷуъ шавад: БМД ҶӮз. Ф. И-126, рӯйхати 1, дар парвандаҳои 1565 ва 1566 (ҳамаги 350 варақ зиёдтар) доир ба мавзӯи мавриди баҳс маълумот мавҷуд аст - С. Б.

ҳам такрор ёфтааст), солҳои 1880– 1905, 1908 – 1914 бошад, маоши ҳарбиёни Бухоро дар вақташ дода шудааст. Ин ҳолат баёнгари он аст, ки пардохти маош аз вазъи сиёсӣ ва иқтисодии на фақат аморат, балки вазъи сиёсии Россия ҳам иртибот доштааст.

Масалан, дар як ҳуҷҷати моҳи шаъбони соли 1882 чунин овардаанд:

“Ба мазкурини зер маоши моҳи шаъбон дода дуояшон гирифта шуд: ба 648 нафар сарбози қӯшуни Муҳаммад Салим – 12960 танга, 448 нафар сарбозони қӯшуни Мирохур тӯқсабо – 8960 танга, 612 нафар сарбози қӯшуни Абдулкарим тӯқсабо– 12240 танга, 68 нафар сарбози қӯшуни Бӯрибек мирохур - 12160 танга, 395 нафар навкарони Ҳоҷӣ Аҳмад тӯқсабо – 7900 танга, 300 нафари қӯшуни Абдулкарим тӯқсабо дар Нурато– 6000 танга, 330 нафар тӯпчии рикоби олӣ – 6660 танга, 628 нафар сарбози Давлат тӯқсабо – 12560 танга, 356 нафари сарбози Раҳим тӯқсабо – 7120 танга, 418 нафар сарбози қӯшуни Мулло Муҳаммади тӯқсабо – 8360 танга, 140 нафар аскари Аҳмад тӯпчӣ – 2800 танга, барои 107 нафар тӯпчиёни қӯрғон– 2740 танга, 75 нафар сарбоз 1500 танга. Ҳамагӣ : 1 лаку 1960 танга дода шуд[1].

Аз ин маълумот ошкор мешавад, ки барои 4525 нафар сарбоз 22,5 тангагӣ маош дода шудааст. Бар замми ин, маълумоти боло нишон медиҳад, ки теъдоди гурӯҳҳо ва дастаҳои ҳарбӣ як хел набуда, он ба тартиб оварда нашудааст. Ҳоло он ки унвони ҳарбии бештари саркардаҳо тӯқсабо буда, сарбозони зери амри онҳо аз 75 нафар то 648 нафар будааст.

Баъди ду инқилоби соли 1917-и Россия аморати Бухоро чун давлати мустақил барои мустаҳкам кардани қудрати ҳарбиаш хеле саъю ҳаракат ва маблағҳои зиёдеро ба харҷ дод. Амир ва ҳукумати ӯ барои амнияти мардуми аморат ҳам кӯшид, ки муваффақиятеро ба даст оварад, аммо ношудии амир ва амалдорони ӯ, хоинии ҷавонбухороиён ва дахолати ҳукумати шӯравӣ ва болшевикон, дер мондан аз ҷараёнҳои тақдирпазири таърихӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, тартиботи демократӣ аз ҳама асосиаш, ислоҳотҳои ҳарбӣ тақдири амoратро ҳаллу фасл карда буд. Роҳбарияти заиф ва номувофиқ, бунёди қадимӣ ва асримиёнагии ороста бо таассуб ва хурофотро ҳимоя карда

[1] БМД ҶӮЗ. Ф. И-126, рӯйхати 1, парвандаи 1566, варақи 14.

наметавонист. Сарфу хароҷоти рӯзафзуни ҳарбӣ вазнин ва зиёд шудани андоз низ сабаби боло рафтани норозигии мардум гашта буд.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

–Ҳарбиён дар аморати Бухоро асосан барои таъмин кардани эҳтиёҷоти моддии худ ба хизмати аскарӣ медаромадаанд. Ҳисси ватанпарварӣ, садоқат ва ҳимояи ватан барои онҳо бегона буд. Дар артиш умури маданӣ ва маънавӣ, ташвиқот ва тарғибот барои баланд бурдани маҳорати касбии ҳарбӣ ва ҳисси ватанпарварӣ бурда намешуд;

–Тартиб ва танзими низомӣ, тактика ва стратегияи ҳарбӣ мавҷуд набуд (баъзан иҷозати амалиёти як ҳафта дар пеш истода ҳам, аз қӯшбегӣ бо ариза пурсида мешуд);

–Аз сарбозон ва амалдорони ҳарбӣ чун қувваи арзони корӣ истифода мешуд;

–Машқҳои ҳарбӣ ба тарзи бояду шояд ва хеле содда амалӣ мегашт;

–Маоши ҳарбиён ҳам мунтазам ва аз рӯи тартиб набуд;

–Баъд аз истиқрори протекторати Россия бар аморати Бухоро артиш асосан барои пахш кардани баромадҳои халқӣ истифода мешуд;

– Амалдорони ҳарбӣ табақаи олӣ ва бонуфузи аристократияи аморати Бухороро ташкил мекарданд. Амалдорони низомӣ аксаран аз миёни зодагони қабилаҳои туркзабон ва рӯйшинохтагони бонуфузи шаҳриён таъин мешуданд.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Омӯзиш ва тадқиқи мавзӯи лашкари аморати Бухоро дар замони тобеияти вассалӣ ба Россияи подшоҳӣ дар робита бо вазъи ин мавзӯъ, анъана ва навовариҳо, таҳлили маълумоти маъхазҳо, манобеи хаттӣ, ҳамчунин, асноди бойгонӣ моро ба чунин натиҷаҳо мерасонад:

– Амир Шоҳмурод ва амир Ҳайдар барои ташкили давлати муттамарказ, ташкили лашкари муназзам бархе иқдомҳоро амалӣ карданд, вале бо назардошти вазъ ва сабабҳои мухталиф инислоҳот татбиқ нашуданд. Ҳарчанд амир Насруллоҳ каму беш тавонист ҳукумати муттамарказро барқарор карда, лашкари муназзам ташкил диҳад, вале ӯ аз анъанаҳои собиқи асримиёнагӣ, расму русуми муғулӣ, сиёсати истибдодии худ дар муқобили анъанаҳои нави замонавӣ озод шуда натавонист [3-М].

– Аз тарафи дигар, дар шароити сахти маҳалгароӣ, хешу таборӣ ва зиддияти байни ақвом ва қабилаҳо, тазоди миёни тарзи зиндагии аҳолии муқимӣ (зироаткорон ва сокинони шаҳрҳо, яъне тоҷикон) ва кӯчӣ (мардуми туркзабон) амирони сулолаи бегонатабор (гарчанд онҳо бо мардуми муқим, яъне тоҷикон алоқаҳои наздики хунӣ ва хешу таборӣ доштанд), амалдорону аъёни давлат ва сиёсат, лашкар манфиати давлат ва халқро аз талабот ва манфиатҳои қабилавӣ, оилавию маҳаллӣ боло гузошта натавонистанд. Ҳисси ватанпарварӣ, садоқат ба давлат ва халқи кишвар дар онҳо набуд. Онҳо дар зери ғоя ва қадриятҳои умумидавлатӣ ва умумихалқӣ аҳолиро муттаҳид карда натавонистанд. Бо чунин сабабҳо ва омилҳои дигари берунӣ дар замони амир Музаффар аморат ба вассали империяи Россия табдил ёфт.

– Зиддиятҳои ду давлати абарқудрат ва мустамликадор Британия кабир ва Россия барои ба даст овардани ҳудуди нав, захираҳои энергетикӣ ва қувваи корӣ, бозор барои маҳсулоти саноати худ дар ҳудуди Осиёи Миёна ба ҳам бархӯрда, боиси тезутунд шудани муносибати онҳо дар миқёси олам гашт. Зиддиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин ду давлат боиси амалӣ гаштани сиёсати истилогаронаи Россияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна гашт.

Баъди забти Тошканд дар соли 1865 муносибатҳои ҳарбӣ миёни аморат ва Россия хеле номутаносиб ва барои халқҳои Осиёи Миёна ба таври фоҷиаовар давом меёфт. Истилои Россияи подшоҳӣ ақибмонии сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбии аморати Бухороро дар нисбати Россия нишон дод [9-М].

– Рӯҳияи умумии мардуми Бухоро зидди истилогарони Россия буда, ин мамлакат чун рамзи пешбарандаи маданият ва тарзи зиндагии бегона аз тарафи аҳолии аморат, махсусан диндорони мутаассиб дастгирӣ нагардид. Дар аморат зидди амир ва истилогарон гурӯҳи мухолифон ҳам буданд, ки роҳбари онҳо як муддат мирзода – Абдумалик тӯра буд .

– Мақсади сиёсати Россия дар Осиёи Миёна куллан барҳам додани аморат набуд, зеро омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ Россияро аз ин иқдом боздошта буданд. Амалиёти ҳарбӣ дар муқобили аморати Бухоро ва ҳаракатҳои аморат бар зидди истилогарон то ба се сол давом карда, аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ номутаносиб буд. Амалиёти ҳарбӣ ва ҷанг бар зидди Бухоро дар шароитҳои хеле вазнин амалӣ гашта буд. Аз ин рӯ, вазъи лашкар, кори ҳарбӣ, таъминоти аскарияи аморатро дар мисоли муқоисаи амалиётҳои ҳарбӣ ва ҷангии Россияи подшоҳӣ зидди Бухоро таҳлил кардан воситаи беҳтарини таҳқиқ мебошад.

Дар нимаи дуввуми садаи XIX новобаста ба хоҳиш ва талаби мардуми Осиёи Миёна ва аморат дар натиҷаи сиёсати истилогаронаи хориҷии империяи Россия аморати Бухоро ба вассали Россия табдил ёфта, минбаъд дар муддати даҳсолаҳо тақдири худро бо тақдири ин мамлакати бузурги пайваст намуд.

Дар шароити вассалӣ аморати Бухоро аз охири асри XIX нафақат дар сиёсати хориҷӣ, балки дар ҷабҳаҳои ҳаёти дохилӣ пойбанди империяи Россия буд. Россия ҳанӯз дар замони валиаҳд будани Абдулаҳад ӯро ба итоати худ даровaрда, дар давраи ҳукмронии ин амири сустирода алоқаи стратегии худро бо Бухоро хеле вусъат бахшида буд [2-М].

Дар танзими лашкардорӣ ва таъминоти ҳарбӣ ҳам, аморат аз доираи таъсири Россия набаромада, ба анъанаҳои собиқ содиқ буд. Охирин амири Бухоро Олимхон дар соҳаи ҳарбӣ баъзе ислоҳот ва навовариҳоро дар амал

татбиқ намуд, аммо вазъияти сиёсии дунё ба ӯ барои тағйиротҳои ҷиддӣ имкон ва вақт надод.

Баъди ғалабаи инқилоби буржуазӣ-демократӣ дар Россия моҳи феврали соли 1917 аморати Бухоро дар амал ба истиқлолият ноил шуда буд, аммо табаддулоти октябрии болшевикон дар Россия мустақилии сиёсии аморатро боз зери хавф гузошт. Дар натиҷаи воқеаи Колесов дар соли 1918 кори ҳарбӣ дар Бухоро каму беш ҷон гирифт. Аммо дар натиҷаи чораҳои то ба охир амалӣ нашуда, лашкари амир ба фишори аскарони сурх тоб оварда натавонист.

– Дар арафаи ҳуҷуми артиши сурх ба аморат вазъи сиёсӣ дар олам низ хеле муташанниҷ гашт. Давлати Бухоро мадади интизоршудаи амирро аз хориҷ гирифта натавонист. Чунки дар Туркия ҳам вазъи сиёсӣ тезутунд гашт, Англия ба наздикӣ аз Ҷанги I ҷаҳон баромада бо Афғонистон ҷанги навбатиро оғоз карда (ҷанги III англису афғон) буд. Бар замми ин, соли 1919 Афғонистони ба мағлубият дучоромада ҳам, монеи ин мадад шуд [9-М].

– Ҳукумати болшевикон дар сиёсати хориҷӣ тамоми чораҳоро дид, то ки аморати Бухоро ва хонигарии Хева дар арсаи ҷаҳонӣ танҳо монанд. Давлатҳои абарқудрат наметавонистанд дар муборизаи худ зидди Россияи шӯравӣ аз аморати Бухоро ва хонигарии Хева истифода намоянд. Вазъи ҷаҳон баъди сулҳи Версал ва хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар ҳудуди собиқ Россияи подшоҳӣ, мустаҳкам шудани давлати шӯравӣ болшевиконро водор сохт, ки сиёсати бузургманишии Россияи подшоҳиро давом дода, барои вожгун сохтани ҳукумати амир кӯшиш намоянд [9-М].

– Маблағи беҳисоби дар хазинаи аморат буда, ки ба ҳисоби имрӯза наздик 80 млрд. доллари ИМА-ро ташкил менамуд, ба тарзи оқилона ва ба манфиати давлату мардуми он сарф нашуд. Дар натиҷа, тирамоҳи соли 1920 сохти монархияи истибдодӣ бо роҳи дахолати беруна вожгун шуда, аморати Бухоро барҳам хӯрд.

– Аз давраи инқирози салтанати Темуриён ва пош хӯрдани давлати онҳо то аввали асри XIX ҳолати аскария ва танзими лашкар дар қаламрави хонигарии Бухоро ва баъдан аморат дар ҳолати рукуд буд. Ва ҳол он ки дар

ин муддати мадид кори ҳарбӣ дар бисёре аз мамлакатҳо ба дараҷаи баланди санъати ҳарбӣ тараққӣ намуда буд. Сабаби асосии он, ба фикри муаллиф, ин аз ҷараёнҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии олам хориҷ ва дур афтидани минтақаи Осиёи Миёна буд. Шакли давлатдории феодалӣ ва тарзи истеҳсолоти асримиёнагӣ, заиф будани гардиши мол ва пул низ ба пешрафти аморат монеа буд [7-М].

– То миёнаи садаи XIX дар кори лашкари Бухоро баъзе тағйиротҳо ба вуқӯъ пайваста бошад ҳам, аммо ҳолати он назаррас набуда, ба тарзи анъанавӣ, яъне ақибмонда ва аз ҷиҳати аслиҳа заиф буд. Аз солҳои 60-уми асри XIX дар низоми ҳарбӣ баъзе қонуну қоидаҳои аврупоӣ (русӣ) ҷорӣ шуда, тартиби дохилӣ ва интизоми лашкари аморати Бухоро як дараҷа ба низом оварда шуда бошад ҳам, сохти мавҷудаи деспотӣ ба ин навигариҳо монеъ шуд. (Фаъолияти Усмон ва Баротбек, тақдири онҳо ба ин хулоса мисол шуда метавонад). [8-М].

– Амирони охирони Бухоро Абдулаҳадхон ва Олимхон дар аввали асри XX хостанд, ки дар низоми лашкардорӣ баъзе тағйироти мусбатро амалӣ кунанд. Аммо ин тағйиротҳо аксаран зоҳирӣ буда, ба мазмуни лашкар, яъне ба ҳолати омодагии ҷангии артиш ва ҷанговарон робита надошт.

– Дастаи ҳарбии ғуломбачагон (яъне ғуломон) муҳофизат ва посбонии қароргоҳи асосии амир-Арки Бухороро ба зимма доштанд, зеро амир ба садоқати онҳо бовар дошт. Ва ин даста дар ҳимояи ватан, ки барои онҳо бегона ҳисоб мешуд, аслан парво надоштанд.

– Солҳои 1917-1920 вобаста ба вазъи замон таваҷҷуҳ ба артиш то андозае афзуд. Дар давраи мазкур вазъи сиёсӣ аморати Бухороро ба сӯи истиқлол ҳидоят намуда бошад ҳам, дар кори таъмини мустақилияти он, иртифои кори ҳарбӣ, пеш бурдани кори лашкар дар зиддият бо истилогарони ҳукумати шӯравӣ ва хиёнати ҷавонбухороиён ва ҳизби коммунистии Бухоро рӯ ба рӯ гардид. Аслан, ҳимояи аморат аз дахолати ҳукумати шӯравӣ вазифаи умдатарини амир ва ҳукумати ӯ буд, аммо бо сабабҳои гуногун дар ин масъала саҳлангориҳо ба вуҷуд омад [7-М].

– Дар давраи тобеияти вассалии аморати Бухоро ба Россияи подшоҳи сарҳади он асосан аз тарафи лашкари рус муҳофизат мегашт. Барои ташкили лашкари мувофиқи талаботи замон ва такмилу нерӯманд кардани он амир на эҳтиёҷ дошту на хоҳиш, зеро, тавқи вассалӣ ҳам ба ин роҳ намедод. Аз ҷониби дигар, аз дастаҳои нави ташкилшудаи лашкар худи амир ҳам гоҳо дар ҳарос меафтид. Зеро баъзан барои идораи онҳо қудрати амир намерасид ва аз ҳукумати шӯравӣ ҳам мадад мехост. Чунончи, зиддияти байни шербачагон ва дастаи ҳарбии афғонҳо ба ин мисоли равшан шуда метавонад. Ин ҳолатҳо боиси тезутунд шудани ҷараёни инқирозӣ дар аморат мегашт [2-М].

– Таҳлил ва таҳқиқ нишон дод, ки дар мавриди таъминоти лашкари аморати Бухоро бо аслиҳа, таҷҳизи он бо аслиҳаи замонавӣ баъзе тағйиротҳо ба чашм расанд ҳам, дар маҷмӯъ дар давраи ҳукмронии сулолаи манғитиён аморат натанҳо аз Россия ва Европа, балки аз мамлакатҳои ниммустамликавии ҳамсоя чун Афғонистон ва Эрон аз лиҳози лашкар ва таъминоти он хеле ақиб монда буд. Лашкари аморат бо аслиҳаи оташбори замонавӣ мусаллаҳ ва муҷаҳҳаз набуд [5-М].

